# ФАВҚУТТАБИӢ

Китоби Муқаддас дар бораи ҷаҳони нонамоён

чиро таълим медиҳад ва чаро ин муҳим аст

Майкл С. Хейзер

*Фавқуттабиӣ*

Copyright © 2015

*Фавқуттабиӣ* Тарҷумаи тоҷикӣ

© 2017,

Мӯҳтавои ин китобро бо иҷозати муаллиф ва соҳиби ҳуқуқи нашр ба пуррагӣ нусхабардорӣ кардан ва паҳн кардан мумкин аст. Иҷозат танҳо ба тарҷумаи Miqlat.org. нашршуда дахл дорад – Midlat.org ин ташкилоти ғайритиҷоратӣ аст, ки дар ИМА 501 (c)(3) ҷойгир шудааст. Ин иҷозат ба тарҷума ба ин забон ё ба забони дигар, ки дар Lexham Press нашр шудааст, дахл надорад.

ISBN

Тарҷумон:

*Ба модар ва падарам бахшида шудааст*

*Кӣ фикр карда метавонист, ки ин рӯй медиҳад?*

*Ба фикрам, мо медонем, ки кӣ метавонист.*

***1 Подшоҳон 1:1-28***

# Арзи сипос барои версияи аслии англисӣ

Азбаски китоби Фавқуттабиӣ дар асоси китоби Unseen Realm (Ҷаҳони нонамоён) навишта шудааст, суханони сипосгузориву миннатдорӣ, ки дар он китоб зикр шудаанд, дар ин ҷо низ бамаврид мебошанд, агарчи дар шакли мухтасар.

Ман ба онлайн гурӯҳи мубоҳисавӣ изҳори миннатдорӣ менамоям. Ин гурӯҳ дарҳол пас аз он ташкил ёфт, ки ман қарор додам, ки шӯрои илоҳӣ ва илоҳиётшиносии библиявии ҷаҳони нонамоён маркази пешрафти академикии ман мешаванд. Боиси ҳайрат нест, ки ман ин гурӯҳро "Гурӯҳи омӯзиши шӯрои илоҳӣ" номидам. Чанде пас аз он ки ман барномаи докториро дар соли 2004 хатм карда, дар Logos Bible Software ба кор шурӯъ намудам, ин гурӯҳ барҳам хӯрд. Лекин муҳокимаҳо дар ин гурӯҳ маро ба навиштани ин китоб омода намуданд.

Китоби Ҷаҳони нонамоён ҳамчун дастнавис бо номи The Myth That is True (Устурае, ки ҳақиқат аст), сар шуд. Ман онро барои касоне ки ба сомонаи интернетии ман ворид мешаванд, ва низ барои хонандагони романи ман The Façade (Пеши бино) навиштам. Қисми зиёди он мавод аввал дар ахбороти ҳармоҳа пайдо шуд, ва дертар дар блог. Идея аз он иборат буд, ки ман ӯҳдадор мешудам ҳар моҳ ҳатман чизе нависам. Варианти якуми The Myth Book (Китоби устура) дар соли 2012 ба анҷом расид. Ба шарофати посуххҳои хонандагон, дастнавис таҳрир ва беҳтар карда шуд. Номҳои касоне ки дар ин раванд иштирок кардаанд, дар арзи сипос ба китоби "Ҷаҳони нонамоён" зикр шудаанд.

Ташаббускорони асосии нашри китоби "Ҷаҳони нонамоён", ва, аз ин рӯ, китоби "Фавқуттабиӣ", роҳбарони Faithlife Corporation/Logos Bible Software: Боб Притчет, Дейл Притчет и Билл Нинхус буданд. Онҳо натанҳо барои ба сатҳи баландтар бардоштани дастнавис ёрӣ расонданд, балки ҳамчунин пешбинӣ намуданд, ки китоб бояд ҳамчунин дар шакли мухтасар нашр карда шавад. Китоби "Фавқуттабиӣ" – натиҷаи ин пешбинӣ аст.

Дейв Ламберт– муҳаррири китоби "Ҷаҳони нонамоён" ҳамчунин китоби "Фавқуттабиӣ"-ро таҳрир кардааст. Самари ихтисосмандӣ ва таҷрибаи ӯро дар ҳар як саҳифа ошкор кардан мумкин аст. Ӯ маро водор намуд одамони оддиро, ки дар курсиҳои калисоҳо менишинанд, дар ёд нигоҳ дорам.

Ва, ниҳоят, ман аз ҳамсарам, Дренне. миннатдорам. Ба шарофати ӯ ҳар он чи ман мекунам, имконпазир мегардад.

# Арзи сипос барои ин тарҷума

Ман ба спонсорҳо miqlat.org миннатдории худро баён кардан мехоҳам. Бе саховармандии шумо ин лоиҳа ғайриимкон мебуд.

# Мундарича


БОБИ ЯКУМ: Боварӣ ба Китоби Муқаддас ------------------------------------------------------6

БОБИ ДУЮМ: Ҷаҳони нонамоён: Худо ва худоён ------------------------------------------10

БОБИ СЕЮМ: Подшоҳони гузашта – Подшоҳони оянда -----------------------------------15

БОБИ ЧОРУМ: Исёнҳо дар доираи илоҳӣ ----------------------------------------------------20

БОБИ ПАНҶУМ: Ҷуғрофияи кайҳонӣ ----------------------------------------------------------26

БОБИ ШАШУМ: Калом, Ном ва Фаришта ----------------------------------------------------31

БОБИ ҲАФТУМ: Қоидаҳои бурдани ҷанг -----------------------------------------------------36

БОБИ ҲАШТУМ: Ҳудуди муқаддас---------------------------------------------------------------41

БОБИ НӮҲУМ: Ҷанги муқаддас ---------------------------------------------------------------------46

БОБИ ДАҲУМ: Дар ҷои намоёнтарин пинҳон карда шудааст -----------------------------52

БОБИ ЁЗДАҲУМ: Мақсади фавқуттабиӣ ------------------------------------------------------57

БОБИ ДУВОЗДАҲУМ: Саворае бар абр -----------------------------------------------------62

БОБИ СЕЗДАҲУМ: Дигаргунии бузург ---------------------------------------------------------67

БОБИ ЧОРДАҲУМ: На аз ин ҷаҳон ------------------------------------------------------------72

БОБИ ПОНЗДАҲУМ: Шарикони табиати Худо -----------------------------------------------77

БОБИ ШОНЗДАҲУМ: Фармонравоӣ бар фариштагон ---------------------------------------82

Хулоса ---------------------------------------------------------------------------------------------86

Дуои бахшидашавӣ ---------------------------------------------------------------------------89

Дархости муаллиф ----------------------------------------------------------------------------92

БОБИ **ЯКУМ**

# Боварӣ ба Китоби Муқаддас

Оё Шумо ҳақиқатан ба он чи Китоби Муқаддас мегӯяд, бовар мекунед?

Барои касе ин савол ғайриоддӣ метобад, хусусан дар китобе ки масеҳиён хоҳанд хонд. Шахсан барои ман ин савол ғайриоддӣ наметобад. Дар Китоби Муқаддас бисёр чизҳои аҷиб ҳастанд – чизҳое ки ба онҳо бовар кардан хеле душвор аст, хусусан дар ҷаҳони имрӯза.

Ман дар бораи саволҳои бунёдӣ намегӯям, аз қабили инҳо: Оё Исо Худоест, ки ба Замин омад, дар салиб мурд ва аз мурдагон эҳё шуд. Ман ҳатто қиссаҳои муъҷизаосоро аз қабили Хуруҷ дар назар надорам, ҳангоме ки Худо Исроилро аз Миср раҳоӣ дода, барои онҳо аз байни баҳри Сурх роҳ кушод. Бисёрии масеҳиён мегӯянд, ки ба ҳамаи ин боварӣ доранд. Охир, агар Шумо ба Худо, ба Исо, ва низ ба он ки Онҳо муъҷиза ба амал оварда метавонанд, бовар намекарда бошед, гуфтан маъное надорад, ки Шумо масеҳӣ ҳастед, ҳамин тавр не?

Ман ҳозир дар бораи чизҳои фавқуттабиӣ, аммо номашҳур мегӯям, ки Шумо бо онҳо гоҳ-гоҳ ҳангоми хондани Китоби Муқаддас дучор мешавед, аммо дар калисо дар бораи онҳо кам мешунавед.

Инак як намуна. Дар 3 Подшоҳон 22 қиссае дар бораи подшоҳи бадкирдори Исроиля – Аҳъоб ҳаст. Ӯ мехост лашкарашро бо лашкари подшоҳи Яҳудо муттаҳид карда, ба душманони худ, ки дар шаҳри Ромӯт-Ҷилъод буданд, ҳуҷум кунад. Подшоҳи Яҳудо хост ба оянда назар андозад: ӯ мехост донад, ки чӣ рӯй медиҳад, агар онҳо ба ҳар ҳол мақсадҳои худро амалӣ намуда, ҳуҷум кунанд. Ҳамин тариқ, подшоҳон аз пайғамбарони Аҳъоб дар ин бора мепурсанд. Ҷавоб чӣ гуна буд? Рӯҳбаландкуниҳо ва таҳсину офаринҳо. Лекин пайғамбарон ба Аҳъоб маҳз ҳамон чизро мегуфтанд, ки ӯ аз онҳо шунидан мехост. Ва ҳар ду подшоҳ инро медонистанд. Аз ҳамин сабаб онҳо қарор медиҳанд, ки аз Мико ном пайғамбари Худо дар ин бора пурсанд. Аз даҳони пайғамбар хабарҳои барои Аҳъоб бад садо медиҳанд:

Ва [Мико] гуфт: «Пас сухани Парвардигорро бишнав: ман Парвардигорро бар тахти Худ нишаста дидам, ва тамоми лашкари осмон назди Ӯ аз тарафи рост ва аз тарафи чап истода буданд. Ва Парвардигор гуфт: "Кист, ки Аҳъобро розӣ кунад, то ки вай ба Ромӯт-Ҷилъод рафта фурӯ ғалтад?" Ва яке ин тавр гуфт, ва дигаре он тавр гуфт. Ва рӯҳе берун омада, ба ҳузури Парвардигор истод ва гуфт: "Ман ӯро розӣ мекунам". Ва Парвардигор ба вай гуфт: "Чӣ гуна?" Вай гуфт: "Ман берун омада, рӯҳи дурӯғгӯе дар даҳони тамоми пайғамбарони ӯ мегардам". Ва [Парвардигор] гуфт: "Ту розӣ хоҳӣ кард ва низ муваффақият хоҳӣ ёфт; пас берун омада, чунин амал намо". Ва инак, алҳол Парвардигор рӯҳи дурӯғгӯе дар даҳони тамоми ин пайғамбарони ту гузоштааст; вале Парвардигор дар ҳаққи ту сухани бад гуфтааст».

***3 Подшоҳон 22:19-23***

Оё мефаҳмед, ки Китоби Муқаддас ба чӣ бовар кардани Шуморо хоҳон аст? Наход аз Шумо хоҳиш карда мешавад ба он бовар кунед, ки Худо оид ба воқеаҳое ки дар Замин рӯй хоҳанд дод, бо як гурӯҳ мавҷудотӣ рӯҳӣ вохӯриҳо мекунад? Наход ин рост бошад?

Инак боз як намунае ки Яҳудо пешкаш намудааст:

> Ва фариштаҳоеро, ки мартабаи худро нигоҳ надоштанд, балки манзили худро тарк карданд, дар банди абадӣ, дар торикӣ, барои доварии рӯзи бузург нигоҳ дошт.

***Яҳудо 1:6***

Худо фариштаҳоро ба зиндони зеризаминӣ партофт? Наход?!

Чунон ки ман аллакай гуфта будам, Китоби Муқаддас пур аз аҷоибот аст, хусусан ҳангоме ки кор ба ҷаҳони нонамоён, рӯҳӣ оид мешавад. Ман бисёр масеҳиёнро вохӯрдаам, ки таълимотҳои на он қадар баҳснокро (дар ҳадди ақалл, дар байни масеҳиён) дар бораи чизҳои фавқуттабиӣ бе душворӣ қабул мекунанд – масалан, таълимотро дар бораи он ки Исо кӣ буд, ё дар бораи он ки Ӯ чӣ корҳо кард. Аммо ҳангоме ки масъала ба порчаҳое монанди он чи дар боло иқтибос овардем, дахл мекунад, онҳо худро нороҳат ҳис мекунанд, ва аз ҳамин сабаб чунин масъалаҳоро сарфи назар менамоянд. Ин тамоюлро ман борҳо мушоҳида кардаам. Боре ману занам дар калисое будем. Шубон силсилаи мавъизаҳоро дар мавзӯи Номаи 1-уми Петрус ба аҳли калисо мерасонд. Он саҳарӣ ӯ бояд аз ***<u>1 Петрус 3:18-22</u>*** мавъиза мекард. Лекин аввалин суханоне ки ӯ ҳангоми ба минбар баромадан гуфт, инҳо буданд: «Мо ин оятҳоро барканор мегузорем. Онҳо беҳад аҷиб ҳастанд». Ҳангоме ки шубон гуфт: «Ин оятҳо беҳад аҷиб ҳастанд», ӯ дар назар дошт, ки онҳо унсурҳои фавқуттабииеро дар бар мегиранд, ки ба илоҳиётшиносии ӯ мутобиқат надоранд. Масалан, ин оятҳо:

> Чунки Масеҳ низ, барои он ки шуморо сӯи Худо оварад, як бор барои гуноҳҳо азоб кашид, яъне росткор барои бадкорон дар ҷисм кушта шуд, аммо ба воситаи Рӯҳ зинда гардид. Дар ҳамон Рӯҳ Ӯ рафта, ба рӯҳҳо, ки дар зиндонанд, мавъиза намуда буд. Онҳо пештар беитоат буданд, вақте ки Худо дар айёми Нӯҳ пурсаброна интизорӣ мекашид, ҳангоме ки киштӣ сохта мешуд, ки дар он мардуми каме, яъне ҳашт нафар, аз об наҷот ёфтанд.

***1 Петрус 3:18-20***

Инҳо кадом рӯҳҳо мебошанд? Онҳо дар куҷо буданд? Дар кадом зиндон? Он шубон ё ҷавобро ба ин саволҳо намедонист, ё фақат хост ин оятҳоро сарфи назар кунад.

Ман, ки олим ҳастам, Китоби Муқаддасро тадқиқ намуда, фаҳмидам, ки чунин порчаҳои аҷиб (ва низ бисёр дигар қисмҳои номашҳур ва нофаҳмои Навишта), дар асл хеле муҳиманд. Онҳо ба мо идеяҳои муҳимро дар бораи Худо мерсонанд, онҳо чашмони моро ба ҷаҳони нонамоён мекушоянд, ва низ онҳо ба мо дар бораи ҳаётамон таълим медиҳанд. Ҳа, ин порчаҳо мураккаб мебошанд. Гоҳо онҳо касро саргум мекунанд. Аммо хоҳ бовар кунед, хоҳ не, агар мо дар бораи онҳо андешаронӣ мекардем, агар маънои онҳоро мефаҳмидем, ин тасаввуроти моро дар бораи Худо ва дар бораи якдигар тағйир медод, дар бораи он ки мо бо чӣ мақсад дар ин ҷо ҳастем, ва низ дар бораи таъйиноти мо.

Дар Номаи 1-ум ба Қӯринтиён Павлус аз он афсӯс мехӯрад, ки имондорони он калисо ҳангоми ҳалли баъзе масъалаҳои баҳсноки байни якдигар ба маҳкамаҳои маҳаллӣ муроҷиат мекарданд. Ба фикри ӯ, онҳо вақтро ва қуввваи эҳсосотиро беҳуда сарф мекарданд, ва низ имони масеҳиро бадном мекарданд. «Магар намедонед, ки ҷаҳонро доварӣ хоҳед кард?», – оҳ мекашад Павлус, – «Магар намедонед, ки фариштаҳоро доварӣ хоҳед кард?» (***1 Қӯр. 6:3**,* маънидоди ман).

Ҷаҳонро довар кардан? Бар фариштаҳо ҳукмфармо будан?

Он чи Павлус дар ин ояти аҷиб мегӯяд, аз як тараф метавонад касро хеле ҳайрон кунад, аз тарафи дигар – метавонад ҳаётро ба куллӣ дигаргун намояд. Мувофиқи Китоби Муқаддас, амалҳои мавҷудоти фавқуттабиӣ бо зиндагиҳо ва тақдирҳои мо робитаи ногусастанӣ доранд. Боре мо ҷаҳонро доварӣ хоҳем кард. Чунон ки Павлус гуфтааст, замоне мо бар фариштаҳо фармонраво хоҳем буд. Аммо дар бораи ҳамаи ин мо каме дертар гап мезанем.

Чаро Павлус ба қӯринтиён (ва низ ба мо) чунин гуфта метавонист? Чунки Китоби Муқаддас дар бораи он ҳикоят мекунад, ки Худои Офаридгори мо мехоҳад, ки мо як қисми оилаи осмонии Ӯ шавем. Тасодуфӣ нест, ки Китоби Муқаддас истилоҳотеро истифода мебарад, ки аз соҳаи муносибатҳои оилавӣ гирифта шудаанд, — зери як бом будан, ҳамкор будан — барои ба таври коллективӣ тасвир намудани Худо, Исо, мавҷудоти ҷаҳони нонамоён, имондорон, Шумо ва ман. Худо мехоҳад, ки инсоният як қисми оилаи Ӯ бошад, то ки он дар фармонравоии Ӯ бар офариниш иштирок дошта бошад.

Ба фикрам, ҳамаи мо консепсияи «чунон ки дар осмон аст, дар замин ҳам»-ро медонем. Он аз идеяҳое гирифта шудааст, ки дар дуои «Эй Падари мо» зикр шудаанд (***Мат. 6:10***). Аз худи аввал Худо мехост, ки оилаи инсонӣ бо Ӯ дар ҷаҳони комил зиндагӣ кунад, айнан чун оилае ки Ӯ аллакай дар ҷаҳони нонамоён дошт, – лашкари осмон. Ин китоб, ба монанди тамоми Китоби Муқаддас, маҳз дар бораи ҳамин қисса аст: дар бораи мақсади Худо, дар бораи зиддияти қувваҳои торикӣ, дар бораи амалӣ нашудани ин мақсад (чунон ки ба назар метофт), ва дар бораи тантанаи ниҳоии он. Мо ба драмаи библиявӣ баҳои арзанда дода

наметавонем, агар ҳамаи актёрҳои онро ба назар нагирем, бо зимни қаҳрамонони фавқуттабиӣ, ки дар ин ҳамосаи бузург нақши муҳим мебозанд, ва бисёр муаллимони Китоби Муқаддас бисёр вақт онҳоро сарфи назар мекунанд.

Аъзоёни лашкари осмонии Худо дар Китоби Муқаддас нақши ночиз ва дуюмдараҷа намебозанд. Онҳо дар он як аз нақшҳои марказиро мебозанд, ва ин нақш бевосита ба таърихи инсонии мо робита дорад. Лекин хонандаи ҳозиразамони Китоби Муқаддас ҳузур ва зоҳиршавии ҳайратовари ҷаҳони фавқуттабииро дар бисёр эпизодҳои шиноси Китоби Муқаддас пай намебарад. Ба ман даҳҳо сол даркор шуданд, то он чиро, ки ҳозир дар Китоби Муқаддас ин гуна возеҳу равшан мебинам, бубинам. Ҳамин самарҳои тадқиқи чандинсолаи Навиштаро ман ба шумо расондан мехоҳам.

Аммо биёд саволро, ки ман дар худи аввал дода будам, фаромӯш накунем. Оё дар ҳақиқат Шумо ба он чи Китоби Муқаддас мегӯяд, бовар мекунед? Ҳама чиз маҳз ба ҳамин вобаста аст. Агар ба ин бовар накунед, дониш дар бораи ҷаҳони нонамоён, дар бораи он ки ин ҷаҳон бо ҳаёти Шумо чӣ тавр ҳампайванд мешавад, ба Шумо фоидае намеоварад.

Дар ***4 Подшоҳон 6:8-23*** пайғамбар Элишоъ бори дигар ба вазъияти мушкил меафтад. Подшоҳи хашмгиншуда сарбозонашро мефиристад, то хонаи ӯро иҳота кунанд. Ҳангоме ки хизматгори Элишоъ ба воҳима меафтад, Элишоъ ба ӯ мегӯяд: «Натарс, зеро онҳое ки бо моянд, аз онҳое ки бо инҳоянд, бештаранд». Пеш аз он ки хизматгор чизе гӯяд, Элишоъ дуо мекунад: «Худовандо! Чашмони ӯро кушо, то ки ӯ бубинад». Худо ҳамон замон ҷавоб медиҳад: «Ва Парвардигор чашмони навкарро кушод, ва ӯ дид, ва инак, кӯҳ гирдогирди Элишоъ аз аспон ва аробаҳои оташин пур буд».

Ман барои Шумо дуои Элишоъро ба забон меоварам. Бигузор Худованд чашмони Шуморо кушояд, то ки Шумо дида тавонад. Дуо мегӯям, ки Китоби Муқаддас барои Шумо чун пештара набошад.

БОБИ **ДУЮМ**

# Ҷаҳони нонамоён: Худо ва худоён

Одамон аз ҷаҳони фавқуттабиӣ ва лаёқатҳои фавқулинсонӣ ба ваҷд меоянд. Дар бораи индустрияи ҳозираи дилхушиҳо фикр кунед. Ҳазорҳо китоб, барномаҳои телевизионӣ, кинофилмҳо дар даҳсолаи охир ба фариштаҳо, фарозаминиҳо, аъҷубаҳо, девҳо, рӯҳҳо, ҷодугарон, сеҳру ҷоду, вампирҳо, ҷодушудаҳо ва суперқаҳрамонҳо бахшида шудаанд. Бисёр блокбастерҳои Ҳолливуд ба чизҳои фавқуттабиӣ бахшида шудаанд: «Одамони Х», «Қасосгирон», «Ҳаррӣ Поттер», «Супермен», достони «Нимторикӣ». Чунин телесериалҳо, аз қабили «Берун аз ҳудуд» ва, албатта, «Фавқуттабиӣ» ва «Х-файлҳо», лашкари шавқмандони вафодори худро доранд – ҳатто пас аз он ки баромадани серияҳои нав қатъ мегардад. Ва магар ин мавзӯъ ҳамеша машҳур набуд: дар афсонаҳо, дар китобҳо, дар санъат?

Аммо чаро чунин аст?

Аввалан, аз он сабаб, ки ҳамаи ин барои аз ҳаёти муқаррарии ҳаррӯза барканор гардидан, аз воқеият дур шудан ёрӣ мерсонад. Ба мо ҷаҳоне пешниҳод карда мешавад, ки аз ҷаҳони мо ҷолибтар ва шавқовартар аст. Дар муборизаи некӣ ва бадӣ дар миқёси кайҳонӣ чизе ҳаст, ки моро ба ҳаяҷон ва изтироб меоварад. Муборизаи ҳамосавии қаҳрамонҳои Сарзамини миёна (Гэндалф, Фродо, ва дигарон) зидди фармонравои торик Саурон дар трилогияи «Фармонравои ҳалқаҳо» хонандагонҳо (ва акнун ва тамошобинонро низ) аллакай дар тӯли ним аср мафтун мекунад. Ва мавҷуди бадкирдор ҳар қадар аз ин ҷаҳон берунтар бошад, тантана бар ӯ ҳамон қадар бештар дилпазир ва ҷолиб мегардад.

Сониян, одамонро ҷаҳонҳои дигар аз он сабаб ҷалб мекунанд, ки чунон ки дар китоби Воиз гуфта шудааст: «Ӯ фикри абадиятро дар дилҳои одамон ҷой додааст» (Воиз 3:11 тарҷумаи РБО 2011). Инсон ҳамеша ба чизи берун аз ҳудуд, ба чизе ки берун аз ҳудуди таҷрибаи инсонӣ аст, майл дорад. Мо ба ягон чизи илоҳӣ майл дорем, онро пазмон мешавем. Ҳаввории Павлус маҳз дар бораи ҳамин майли ботинӣ навиштааст. Ӯ таълим медод, ки ин ҳиссиёт аз он сабаб дар мо вуҷуд дорад, ки мо дар ҷаҳони офаридаи Худо зиндагӣ мекунем. Тамоми офариниш дар бораи Офаридгор шаҳодат медиҳад, ва аз ин рӯ, ва дар бораи ҷаҳоне ки берун аз ҷаҳони мост (***Рум. 1:18-23***). Павлус мегуфт, ки ин майли ботинӣ чунон қавӣ аст, ки ба инсон лозим меояд онро фурӯ нишонад (о. ***18***).

Мо ҳикояҳоро дар бораи чизҳои фавқуттабиӣ дар китобҳо, кинофилмҳо ё достонҳо бо майли том мепазирем, аммо қиссаи ҳамосавии Китоби Муқаддасро бо ҳамон гуна иштиёқмандӣ қабул намекунем. Ин сабабҳои худро дорад, ва онҳо натанҳо дар набудани эффектҳои махсус мбошанд. Барои баъзе касон персонажҳои Китоби Муқаддас беҳад муқаррарӣ, беҳад шинос мебошанд. Дар онҳо ҳеҷ чизи динамикӣ ё қаҳрамонона нест. Охир, аз мактаби якшанбегӣ дар кӯдакӣ сар карда, мо доимо дар бораи ҳамаи ин одамон ва

қиссаҳо мешунавем. Ғайр аз ин, ин ҷо ҳамчунин монеаи муайяни фарҳангӣ вуҷуд дорад. Худро бо силсилаи чӯпонон ва мардони қадимӣ ки либосҳои дароз дар тан доранд (чунон ки одатан дар спектаклҳои мавлудӣ дар калисо тасвир мекунанд), ҳамонанд кардан бароямон душвор аст.

Аммо ба ман чунин метобад, ки омили муҳимтаре ки сабаби ба фантастикаи илмӣ ё фэнтезӣ бо майли бештар дода шудани моро мефаҳмонад, тарзи таълим дар бораи ҷаҳони нонамоёни Китоби Муқаддас аст. Он чи ман дар калисо дар тӯли солҳои зиёд мешунидам, на танҳо «ба нишон намерасад», балки чизи фавқуттабииро дилгиркунанда мегардонад. Аз он ҳам бадтар: таълимоти калисо ҷаҳони нонамоён, фавқуттабииро то ба он дараҷа беҷозиба мегардонад, ки онро тамоман нотавон менамояд.

Бисёре аз он тасаввуротҳое ки масеҳиён дар бораи ҷаҳони нонамоён доранд, дар асл аз воқеият хеле дур аст. Фариштаҳо болҳо надоранд (каррубиёнро ба ҳисоб намегирем, чунки онҳо дар ҳеҷ ҷой фариштаҳо номида нашудаанд, онҳо мавҷудот номида шудаанд; аммо фариштаҳо ҳамеша дар симои одамӣ зоҳир мешванд). Девҳо дум ва шоххо надоранд. Ҳамчунин мақсади мавҷудияти онҳо на танҳо дар он аст, ки моро ба гуноҳ кардан водор намоянд (мо бе онҳо ҳам бо муваффақият ба гуноҳҳо дода мешавем). Агарчи Китоби Муқаддас девзада буданро як чизи даҳшатовар тасвир мекунад, бо вуҷуди ин, бадии бошуур бо корҳои хеле бадтар аз он ки одамонро ба лӯхтакҳои ҳаракаткунанда табдил диҳад, машғул аст. Ғайр аз ин, фариштаҳо ва девҳо «бозингарони дуюмдараҷа» мебошанд. Аммо дар бораи «бозингарони ҳақиқатан ҷиддӣ» ва водоркунандаҳову мақсадҳои онҳо, мутаассифона, Калисо тасаввуроти зиёде надорад.

## Худоён воқеӣ мебошанд

Дар боби якум ман саволи оддӣ додам: оё дар ҳақиқат Шумо ба он чи Китоби Муқаддас мегӯяд, бовар мекунед? Биёд ҷавоби шуморо месанҷем.

Навишта таълим медиҳад, ки Худо чизе ба монанди «гурӯҳи амалкунанда»-и мавҷудоти илоҳӣ дорад, ки қарорҳои Ӯро иҷро мекунанд. Китоби Муқаддас онро «анбӯҳ», «шӯро» ё «анҷуман» меномад (***Заб. 88:6-8***; ***Дон. 7:10***). Яке аз оятҳои возеҳтарин дар ин бобат ***Забур 81:1*** аст. Тарҷумаи РБО 2011 маънои оятро хуб ифода мекунад: «Парвардигор дар шӯрои илоҳӣ бархест ва ҳукмро бар худоён ба забон овард».

Ояти ҳайратовар! Ҳангоме ки ман бори аввал онро ба таври ҳақиқӣ, бо дарки маъно хондам, он маро ба ҳайрат овард. Ва он айнан ҳамон чиро дар назар дорад, ки ин гуна возеҳу равшан мегӯяд. Албатта, чун дилхоҳ порчаи дигари Навишта, ***Забур 81:1***-ро дар робита бо тамоми гуфтаҳои Китоби Муқаддас (дар мавриди додашуда – оид ба худоён) аз назар гузарондан лозим аст. Ҳамчунин фаҳмидан хеле муҳим аст, ки Китоби Муқаддас истилоҳи «худоён»-ро чӣ тавр маънидод мекунад.

Дар матни аслии ибронӣ калимае ки «худоён» тарҷума шудааст, – «элоҳим» аст. Бисёрии мо муддати зиёд калимаи «элоҳим»-ро танҳо ба як маъно мефаҳмиданд – чун яке

аз номҳои Худо Падар – аз ҳамин сабаб ба маънои васеътар фаҳмидани он бароямон хеле душвор аст. Ин калима ҳама гуна сокини ҷаҳони рӯҳиро ифода мекунад. Аз ҳамин сабаб он дар робита бо Худо (***Ҳас. 1:1***), бо девҳо (***Так. Шар. 32:17***), ва низ бо одамоне ки мурда, ба ҷаҳони дигар гузаштаанд (***1 Подш. 28:13***) истифода мешавад. Дар Китоби Муқаддас дилхоҳ мавҷуди беҷисме ки дар ҷаҳони рӯҳӣ ҳаст, – элоҳим мебошад.

Истилоҳи ибронии «элоҳим» маҷмӯи муайяни лаёқатҳо ва хусусиятҳоеро, ки танҳо Худо онҳоро дорад, тасвир намекунад. Дар Китоби Муқаддас барои нишон додани фарқи байни Худо ва дигар худоён воситаҳои гуногун истифода мешаванд, аммо ҳеҷ гоҳ инро бо ёрии калимаи «элоҳим» намекунанд. Масалан, дар Навишта ба худоён фармуда шудааст, ки ба Худо саҷда кунанд (***Заб. 28:1***). Ӯ Офаридгор ва Подшоҳи онҳост (***Заб. 94:3***; ***148:1-5***). ***Забур 88:7-8*** мегӯяд: «Зеро кист дар осмон, ки ба Парвардигор баробар бошад? Кист аз фарзандони Худо, ки ба Парвардигор монанд бошад? Худо дар анҷумани бузурги муқаддасон арҷманд аст **[3 Подш. 8:23; Заб. 96:9]**, ва барои ҳамаи онҳое ки гирдогирди Ӯ ҳастанд, тарсовар аст». Муаллифони Китоби Муқаддас ошкоро мегяӯнд, ки Худои Исроил ҳамто надорад – Ӯ «Худои худоён» аст (Так. Шар. 10:17; Забур 135:2).

Ин мавҷудот «дар шӯрои бузурги муқаддасон» воқеӣ мебошанд. Дар боби якум ман порчаеро иқтибос овардам, ки дар он тасвир карда мешавад, ки Худо барои бартараф кардани подшоҳ Аҳъоб бо лашкари осмон воҳӯрд. Дар он ҷои Навишта аъзоёни ин гурӯҳи осмонӣ рӯҳҳо номида шудаанд. Агар мо бовар кунем, ки ҷаҳони рӯҳӣ воқеӣ аст, агар мо бовар кунем, ки дар он ҷаҳон Худо ва мавҷудоти рӯҳии офаридаи Ӯ сокин ҳастанд (масалан, фариштаҳо), мо ҳамчунин бояд воқеияти «гурӯҳи амалкунанда»-и фавқуттабиии Худоро, ки дар оятҳои дар боло иқтибосшуда ва низ дар бисёр оятҳои дигар тасвир ёфтаанд, эътироф намоем. Вагарна ҳамаи муҳокимаронаиҳои мо дар бораи воқеияти рӯҳӣ – суханони холӣ мебошанд.

Азбаски Китоби Муқаддас аъзоёни шӯрои илоҳиро рӯҳҳо меномад, мо хулоса бароварда метавонем, ки худоён на танҳо бутҳои аз санг ё чӯб сохташуда мебошанд. Дар дунёи қадим одамоне ки худоёни дигарро парастиш мекарданд, ҳақиқатан бутҳоро ба вуҷуд меоварданд. Лекин онҳо хеле хуб мефаҳмиданд, ки бути бо дастони одамӣ сохташуда дар асл қувваи воқеӣ надорад. Ин бутҳо фақат объектҳое буданд, ки дар онҳо худоён сокин шуда метавонистанд, то ки баъд қурбониҳоро қабул кунанд ва ба пайравони худ донишҳо ато кунанд. Маъно ва мақсади маросимҳои гуногун дар ҳамин буд: аз худоён хоҳиш кардан, то ки назди одамон омада, дар бутҳо сокин шаванд.

## Сохтори шӯро ва соҳибкории оилавӣ

Худоёне ки дар Забур ***81:1*** зикр шудаанд, дар ояти ***6-уми*** ҳамон тарона «писарони Ҳаққи Таоло [Худо]» номида шудаанд. «Писарони Худо» дар Китоби Муқаддас якчанд бор пайдо мешаванд. Онҳо одатан дар ҳузури Худо пайдо мешаванд (чун дар ***Айюб 1:6***; ***2:1***). Дар ***Айюб 38:7*** гуфта шудааст, ки ҳанӯз пеш аз он ки Худо ташаккул додани Замин ва офаридани инсониятро сар кард, писарони Худо аллакай вуҷуд доштанд.

Ҳамаи ин хеле шавқовар аст. Худо мавҷудоти рӯҳиро писарони Худ меномад. Худо онҳоро офарид, аз ҳамин сабаб забони «оилавӣ» дар ин ҷо хеле бамаврид аст. Мо,

масалан, ҳамчунин авлодони худро писарон ва духтарон меномем, зеро дар офарида шудани онҳо иштирок кардаем. Аммо Худо барои писарони Худ натанҳо Падар аст. Ӯ ҳамчунин Подшоҳ аст. Подшоҳони дунёи қадим бисёр вақт бо ёрии хешовандони худ ҳукмфармоӣ мекарданд. Подшоҳӣ аз падар ба писар ба мерос мегузашт. Фармонравоӣ кори оилавӣ аст. Худо Фармонравои шӯрои Худ аст. Ва ба шарофати муносибатҳои оилавӣ бо Ӯ писарони Худо соҳиби мартабае мебошанд, ки танҳо аз мартабаи Худо камтар аст. Лекин, чунон ки дар давоми китоб муҳокима хоҳем кард, чизе рӯй дод: баъзе писарон бевафоӣ ва беитоатӣ карданд.

Писарони Худо ҳамчунин қарорҳо қабул карда метавонанд. Мо аз 3 Подшоҳон 22 (ва низ аз бисёр дигар порчаҳо) медонем, ки корҳои Худо бевосита ба таърихи инсоният дахл мекунанд. Ҳангоме Худо муқаррар намуд, ки вақти мурдани Аҳъоби бадкирдор расидааст, Ӯ ба шӯрои Худ вогузор намуд, то қарор барорад, ки ин маҳз чӣ тавр рӯй медиҳад.

Забур 81 ва 3 Подшоҳон 22 – ягона ҷойҳо дар Китоби Муқаддас нестанд, ки ҷамъомадҳои шӯрои илоҳӣ ба таърихи мо дахл мекарданд. Дар баъзе аз чунин ҷамъомадҳо тақдири империяҳои том ҳал карда мешуд.

Дар Дониёл 4 тасвир карда мешавад, ки Набукаднесар ном подшоҳи Бобилро Худо муваққатан ба девонагӣ гирифтор намуд. Ин ҳукм мувофиқи «қарордоди Ҳаққи Таоло» (***Дон. 4:21***) ва «қарордоди Посбонон» (***Дон. 4:14*** РБО 2011) ба сари подшоҳ омад. Истилоҳи «Посбонон» дар робита бо мавҷудоти илоҳӣ – аъзоёни шӯрои илоҳӣ истифода мешуд. Посбонон ҳеҷ гоҳ хоб наметаванд. Онҳо ҳамеша барои назорати корҳои инсонӣ бедор ва ҳушёр мебошанд.

Фариштаҳо ҳамчунин дар шӯрои илоҳӣ иштирок мекунанд. Дар забонҳои аслии Китоби Муқаддас истилоҳе ки «фаришта» тарҷума шудааст, қосидро, яъне фиристодаро ифода мекунад. Калимаи «фаришта» асосан тасвири вазифа ё касбу кор аст. Фариштаҳо паёмҳоро ба одамон меоваранд. Мо каме дертар дар бораи фариштаҳо ва вазифаҳои онҳо, ва низ дар бораи дигар аъзоёни шӯрои илоҳӣ муфассалтар гап мезанем.

## Чаро ин муҳим аст?

Аксуламали Шумо ба ҳамаи он чи то ҳол дар ин китоб хондед, тақрибан бояд чӣ гуна бошад? «Ҳамаи ин хеле шавқовар аст! Ман ҳеҷ гоҳ пештар инро дар Китоби Муқаддас надида будам. Аммо ин маълумот ба ҳаёти ҳаррӯзаи ман ва ба ҳаёти калисои ман чӣ таъсире расонда метавонад?» Ва инак ҷавоб ба саволи Шумо: ҳақиқатҳое ки дар ин китоб пешкаш шудаанд, бевосита ба фаҳмиши мо оид ба Худо, ба муносибатҳоямон бо Ӯ, ва низ таъйиноти мо дар Замин дахл доранд. Барои боз ҳам возеҳтар фаҳмондани ин, ман ҳар як бобро бо хулоса ба охир мерасонам ва дар ин хулоса истифодаи амалии ҳақиқатҳои дар боб муҳокимашавандаро нишон медиҳам.

Дар ин боб мо муҳокима намудем, ки Китоби Муқаддас «маъмурияти кайҳонӣ»-ро чӣ тавр тасвир мекунад, ва низ мо аз ин тасвирҳо оид ба Худо ва муносибате ки Ӯ ба мо дорад, кадом хулосаҳо баровардa метавонем.

Аввалан, кори оилавии илоҳӣ дар осмонҳо – намунаест, ки аз рӯи он Ӯ бо оилаи заминии Худ муносибатҳо бунёд мекунад. Дар ин бора мо дар боби оянда муфассалтар гап мезанем, аммо ҳозир як мисол меоварам. Шояд, Шумо чунин фикр мекунед: «Умуман кадом як шӯро ба Худо чӣ даркор аст? Ӯ ҳатто дар ҷаҳони рӯҳӣ ба мадади касе эҳтиёҷ надорад. Охир, Ӯ Худо аст-ку!» Лекин Китоби Муқаддас возеҳу равшан изҳор менамояд, ки Худо мавҷудоти мартабаашон поёниро барои иҷрои корҳои муайян истифода мебарад. Ӯ ба шӯрои илоҳӣ эҳтиёҷ надорад, аммо қарор дод онро истифода барад. Худо ҳамчунин ба мо эҳтиёҷ надорад. Ӯ ба ҳамаи онҳое ки ба Инҷил эҳтиёҷ доранд, бо овози шунаво муроҷиат карда метавонад. Ӯ Худаш метавонад дилхоҳ шахсро водор намояд, ки ба Ӯ рӯ оварад. Ӯ метавонад дар майнаи одамон фикреро пайдо намояд, ки якдигарро дӯст доранд. Аммо Ӯ қарор дод, ки чунин накунад. Ба ҷои ин Худо қарор дод, ки барои иҷрои корҳое ки барои Ӯ заруранд, мадади одамонро – мадади Шумову маро истифода барад.

Сониян, Худо метавонист ҳамаи воқеаҳоро пешакӣ чунон муайян намояд, ки ҳамааш айнан мувофиқи хости Ӯ ба амал ояд. Аммо Ӯ чунин накард. Дар мавриди подшоҳ Аҳъоб Худо ба мададгорони осмонии Худ имкон дод, ки чӣ тавр иҷро намудани хости Ӯро муайян кунанд. Ба қавли дигар, Ӯ ба онҳо имкон дод, ки иродаи озодро истифода баранд. Аз ин мо метавонем хулоса барорем, ки на ҳама чиз пешакӣ муқаррар шудааст. Ва ин натанҳо дар робита бо ҷаҳони нонамоён, балки дар робита бо ҷаҳони мо низ дуруст аст.

Мувофиқи Китоби Муқаддас, ҷаҳони нонамоён сохтори муайян дорад. Худо президент аст. Касоне ки зери итоати Ӯ кор мекунанд, аҳли оилаи Ӯ мебошанд. Онҳо бо Худо ҳукмронӣ мекунанд. Онҳо дар идора намудани ширкати Худо иштирок мекунанд.

Ҳайратовар, аммо Китоби Муқаддас дар бораи инсоният гап зада, ҳамон забонро истифода мебарад. Аз худи аввал, дар Адан, Худо инсониятро бо як мақсад офарид: то ки одамон бо Ӯ бар Замин ҳукронӣ кунанд. Худо ба Одаму Ҳавво гуфт: «Бигузор фарзандонатон бисёр бошанд, то ки авлодонатон дар тамоми Замин зиста, онро ба худ тобеъ намоянд» (***Ҳас. 1:28*** GNT). Одам ва Ҳавво фарзандони Худо – аҳли оилаи заминии Худо буданд. Худо мехост бо онҳо зиндагӣ кунад. Ӯ мехост ба онҳо иҷозат диҳад, ки дар кори Ӯ – ба Адан табдил додани тамоми замин – иштирок намоянд.

Ин консепсияҳо ба бисёрии хонандагон маълуманд. Лекин кам касе медонад, ки Одам ва Ҳавво ягона аъзоёни оилаи илоҳӣ дар Адан набуданд. Оилаи фавқуттабиии Худо низ дар он ҷо буд. Адан ҷое буд, ки Худо дар он сокин буд. Ва дар он ҷое ки Худо ҳаст, оилааш низ дар ҳамон ҷост. Ҳангоме мо дар бораи маконе фикр мекунем, ки дар ниҳояти кор бо Худо ва фариштаҳои Ӯ – бо оилаи осмонии Ӯ хоҳем зист, – одатан осмонҳоро тасаввур менамоем. Дар ибтидо бояд ҳамин тавр мешуд, ва ҳамин тавр хоҳад шуд. Тасодуфӣ нест, ки Китоби Муқаддас тасвир мекунад, ки чӣ тавр осмонҳо ба Замин – ба Адани нави умумиҷаҳонӣ мефароянд (Ваҳй 21-22).

Барои он ки таъйинотамонро фаҳмем, мо бояд ба он замоне баргардем, ки ду оилаи Худо бо ҳам дар як ҷой сокин буданд. Мо бояд ба боғ баргардем.

БОБИ **СЕЮМ**

# Подшоҳони гузашта – подшоҳони оянда

То ҳол мо идеяи шӯрои осмонии Худоро – оилаи нонамоён ва «гурӯҳи амалкунанда»-и Ӯро мухтасар аз назар гузарондем. Албатта, мо бояд боз бисёр чизҳоро муҳокима намоем. Хусусан аниқ кардан муҳим аст, ки Исо ва ё шайтон барин бозингарони ҷиддӣ дар ҳамаи ин кадом нақшро мебозанд. Аммо пеш аз бозгаштан ба муҳокимаи он чи дар ҷаҳони нонамоён рӯй медиҳад, мо бояд ба худ бо нигоҳи нав нигарем. Дар ҷаҳони нонамоён бо ёрии шӯрои Худ ҳукмронӣ кардани Худо – намуна барои ҳукмронии Ӯ дар Замин аст. Ин ҳамон чиз аст, ки илоҳиётшиносон Подшоҳии Худо меноманд. Ва ҳамаи ин дар Ҳастӣ, дар боғи Адан сар шуд.

## Адан – кабинети хонагии Худо

Ҳангоме ки Шумо ибораи «боғи Адан»-ро мешунавед, пеш аз ҳама чӣ фикр ба саратон меояд? Бисёрии касоне ки ман бо онҳо гуфтугӯ кардаам, дарҳол Одам ва Ҳавворо ба ёд меоваранд. Адан хонаи онҳо буд. Худо онҳоро дар Адан сокин намуд (***Ҳас. 2:15-25***).

Аммо Адан ҳамчунин хонаи Худо буд. Ҳизқиёл Аданро «боғи Худо» меномад (***Ҳизқ. 28:13***; ***31:8-9***). Дар ин тасвир ҳеҷ чизи ҳайратовар нест. Аммо он чиз ҳақиқатан ҳайратовар аст, ки Ҳизқиёл ҳамчунин Аданро «кӯҳи муқаддаси Худо» меномад. Дар бисёр динҳои қадим боғҳои пуршукӯҳ ва кӯҳҳои дастнорас манзили худоён ҳисобида мешуданд. Ҳам ин ва ҳам он тасвирро Китоби Муқаддас дар робита бо Адан истифода мебарад. Адан хонаи Худо буд. Аз ин рӯ, маҳз аз он ҷо Ӯ корҳои Худро идора мекард. Адан штаби Худо буд, ва агар хоҳед, кабинети хонагии Ӯ буд.

Ва дар он ҷо ки Худост, шӯрои Ӯ низ дар ҳамон ҷост.

## Сурат ва шабоҳатҳои Худо

Яке аз оятҳои муҳимтарин дар Китоби Муқаддас ба он ишора мекунад, ки ҳам Худо, ҳам шӯрои Ӯ дар Адан буданд. Дар Ҳастӣ ***1:26*** Худо мегӯяд: «Одамро ба сурат ва шабоҳати *Мо* биофарем» (курсив илова шудааст). Худо мақсадҳои Худро ба кадом як гурӯҳ эълон мекунад. Ӯ ба кӣ муроҷиат мекунад? Ба лашкари осмонии Худ, ба шӯрои илоҳӣ. Ӯ дар ин ҷо ба дигар Шахсиятҳои Ваҳдати Сегона муроҷиат намекунад. Чӣ лозим аст, ки Падар ба онҳо чизеро хабар диҳад, ки онҳо бе ин ҳам медонанд? Лекин, гурӯҳе ки Худо ба он муроҷиат мекунад, дар бораи ниятҳои Ӯ дар ҳамон лаҳза бохабар мешавад.

Маънои суханони Худоро фаҳмидан душвор нест. Ин мисли он аст, ки ман ба дӯстонам гӯям: «Биёед, рафта питса мехӯрем! *Биёед ин корро кунем!*» Умуман ҳамааш фаҳмост. Аммо ин ҷо як чизи хеле муҳим ҳаст, ки аз назар дур гузоштан мумкин нест. Гурӯҳе ки Худо ба он муроҷиат мекунад, дар амалӣ намудани қарори Ӯ иштирок намекунад.

Бар хилофи ҳамаи он ҷамъомадҳои шӯрои илоҳӣ, ки мову Шумо аллакай аз назар гузарондем, дар мавриди додашуда аъзоёни шӯро дар амалӣ намудани қарорҳои Ӯ иштирок намекунанд. Дар ояти баъдина мо мехонем, ки инсоният маҳз чӣ тавр офарида шуда буд (***Ҳас. 1:27***). Аён аст, ки одамро танҳо Худо офарид. Офариниши инсоният чизе буд, ки Худи Худо бе мадади беруна амалӣ намуд. Ба ҳамонандкунӣ бо питса бармегардем. Агар пас аз пешниҳод дар бораи питса ман худам ҳамаи онҳоро ба питсерия барам, ва ба ҷои ҳамаи онҳо пули хӯрокро диҳам, дар чунин мавриду ман ягона касе мебудам, ки тамоми корро ба ҷо овардааст. Бо офариниши инсон низ маҳз ҳамин чиз рӯй додааст.

Худо мустақилона инсонро офарид, ва ин сабабҳои худро дорад. Мавҷудоти илоҳӣ дар шӯрои Ӯ барои ин кор қувват ва лаёқатҳои кофӣ надоранд. Аммо ин ҷо боз як чиз аҷиб аст. Дар Ҳастӣ ***1:27*** гуфта шудааст, ки инсон ба сурат ва шабоҳати Худо офарида шуд (Худо инсонро, сурат ва шабоҳати Худро офарид. РБО 2011, курсив илова шудааст). Аммо он гоҳ бо «сурат ва шабоҳати *Мо*» дар ***ояти 26-ум*** чӣ рӯй дод?

Дар асл ҳеҷ чиз рӯй надод. Якдигарро иваз карда тавонистани ибораҳои «сурат ва шабоҳати *Мо*» ва «сурат ва шабоҳати *Худ (Ӯ)*» дар Ҳастӣ ***1:26-27*** бароямон як чизи ҳайратоварро ошкор менамояд. «Одамро ба сурат ва шабоҳати мо биофарем» гуфтани Худо дар назар дорад, ки Ӯ, ва низ мавҷудоте ки Ӯ ба онҳо муроҷиат мекунад (шӯрои Ӯ), як чизи умумӣ доранд. Ва ин ҳар чи бошад ҳам, инсонияти офаридашуда низ дорои он хоҳад буд. Мо натанҳо ба кадом як маъно монанди Худо ҳастем, балки ҳамчунин ба мавҷудот дар шӯрои Ӯ монанд ҳастем.

Ана ҳамин «як чизи умумӣ» дар матн бо ибораи «сурат ва шабоҳати Худо» ифода ёфтааст. Тарҷумаи аниқтари ***Ҳастӣ 1:27*** чунин буда метавонист: «Худо инсонро чун сурат ва шабоҳати Худ офарид». Инсон будан – сурат ва шабоҳати Худо будан аст. Ба қавли дигар, мо намояндагони Ӯ мебошем.

Кадом як лаёқате ки Худо ба мо додааст, – масалан, ақл, – сурат ва шабоҳати Худо нест. Лаёқатҳоро аз даст додан мумкин аст, аммо мо мо мақоми сурат ва шабоҳати Худоро гум карда наметавонем. Гум кардани мақоми сурат ва шабоҳати Худо – инсон буданро бас кардан мебуд! Ҳар як инсон аз таваллуд то марг ҳамеша инсон хоҳад буд, аз ин рӯ ҳамеша сурат ва шабоҳати Худо хоҳад буд. Аз ҳамин сабаб ҳаёти инсон муқаддас аст.

Мо намояндагони Худо ҳастем. Аммо мо Ӯро чӣ гуна намояндагӣ мекунем? Дар боби гузашта мо дидем, ки Худо мавҷудоти илоҳиро, ки дар «гурӯҳи амалкунанда»-и нонамоёни Ӯ ҳастанд, аз қудрати Худ бархурдор мегардонад. Бо одамон дар Замин низ Ӯ ҳамин тавр мекунад. Худо – Худои Таоло бар ҳама чизи намоён ва нонамоён Подшоҳ аст. Ӯ ҳукмронӣ мекунад. Аммо ҳамчунин Ӯ ба оилаи Худ ҳам дар соҳаи рӯҳӣ, ҳам дар соҳаи инсонӣ аз қудрату ихтиёри Худ медиҳад. Мо бояд дар нақшаи Ӯ оид ба барқарор намудани ҷаҳон дар он шакле ки Ӯ онро дидан мехоҳад, иштирок кунем. Ва пас аз ин Ӯ мехоҳад, ки мо бо Ӯ аз ин ҷаҳон ҳаловат барем.

Худо ба мо нишон дод, ки чӣ тавр мо бояд ҳамаи инро амалӣ намоем. Исо – намунаи комили намояндаи Худост. Ӯро «сурати Худои нонамоён» (***Қӯл. 1:15***), ва низ «мазҳари

моҳияти Худо» (***Ибр.1:3***) меноманд. Аз ҳамин сабаб мо бояд ба Исо тақлид намоем (***Рум. 8:29***; ***2 Қӯр. 3:18***).

## Ду шӯро – як таъйинот

Ман умедворам, ки шумо ин идеяро фаҳмида истодаед? Одамон – маъмурияти Худо, шӯрои Ӯ дар ин ҷо, дар Замин мебошанд. Мо барои он офарида шудаем, ки дар ҳузури Худо бо оилаи осмонии Ӯ зиндагӣ кунем. Мо барои он офарида шудаем, ки аз Ӯ ҳаловат барем ва абадан ба Ӯ хизмат намоем. Аз ибтидо ҳамаи ин бояд дар Замин рӯй медод. Адан макони буд, ки осмонӣ ва заминӣ бояд бо ҳам мепайвастанд. Худо ва шӯрои Ӯ дар ҳамон ҷое ки одамон буданд, мезистанд.

Аммо бо кадом мақсад?

Худо ба Одам ва Ҳавво гуфт: «Борвар ва афзун шавед, ва заминро пур кунед, ва онро соҳибӣ намоед, ва бар... ҳар ҳайвоне ки бар замин мехазад, ҳукмрон бошед» (***Ҳас. 1:28***). Ин вазифае барои суратҳо ва шабоҳатҳои Худо буд. Хизмати онҳо ба Худо аз он иборат буд, ки онҳо бояд чун подшоҳон бар офариниши Ӯ хизмат мекарданд. Кори инсоният аз он иборат буд, ки дар тамоми Замин сокин шуда, Аданро дар тамоми сайёра паҳн кунанд. Ба қавли дигар, инсон мебоист Подшоҳии Худоро то канорҳои Замин паҳн менамуд. Албатта, ду одам аз ӯҳдаи ин кор баромада наметавонистанд. Аз ҳамин сабаб Худо мехост, ки Одам ва Ҳавво фарзандон дошта бошанд.

Чунон ки мо медонем, Одам Ва Ҳавво, ва низ авлодони онҳо аз ӯҳдаи вазифаашон набаромаданд. Инсоният гуноҳкор шуд. Агар чунин намешуд, Замин тадриҷан ба Адани умумиҷаҳонӣ табдил меёфт. Ва мо аз ҳаёти абадӣ дар сайёраи комил ҳаловат мебурдем ва бо Худо ва аҳли оилаи рӯҳии ӯ мезистем.

Худо инсониятро дӯст медошт ва аз ҳамин сабаб Одам ва Ҳавворо бахшид. Лекин аз он вақт тамоми инсоният, ҳамаи авлодони Одам ва Ҳавво ба ҳаёти гуноҳкорона маҳкум шудаанд. Мо гуноҳ мекунем ва бе дахолати Худо сазовори марг ҳастем (***Рум. 6:23***). Мо миранда ҳастем ва аз ин рӯ, – гуноҳкорем. Мо ба наҷот эҳтиёҷи бениҳоят зиёд дорем.

Худо мехоҳад, ки мо ба оилаи илоҳии Ӯ ҳамроҳ шавем, то ки як ҷузъи шӯрои Ӯ шуда, дар ҳузури Ӯ зиндагӣ кунем. Ин ҳақиқатҳо ба мо ёрӣ дар фаҳмидани баъзе чизҳои ҳайратоваре ки дар Китоби Муқаддас зикр шудаанд, ёрӣ медиҳанд.

Акнун фаҳмост, ки чаро Китоби Муқаддас имондоронро «писарони Худо» ё «фарзандони Худо» меномад (***Юҳ. 1:12***; ***11:52***; ***Ғал. 3:26***; ***1 Юҳ. 3:1-3***). Акнун фаҳмост, ки чаро гуфта шудааст, ки имондорон ба оилаи Худо «писархонд шудаанд» (***Ғал. 4:5-6***; ***Рум. 8:14-16***). Акнун фаҳмост, ки чаро моро «ворисон»-и Худо ва Подшоҳии Ӯ (***Ғал. 4:7***; ***Тит. 3:7***; ***Иак. 2:5***), ва низ «шарикони моҳияти илоҳӣ» меноманд (***2 Пет. 1:4***; нигаред ҳамчунин ***1 Юҳ. 3:2***). Акнун фаҳмост, ки чаро гуфта шудааст, ки, ҳангоме ки Исо бармегардад, Ӯ ба имондорон ҳуқуқ медиҳад «аз дарахти ҳаёт, ки дар биҳишти Худост» бихӯранд (***Ваҳӣ 2:7***). Акнун фаҳмост, ки чаро Ӯ ваъда дод, ки мо бо Ӯ бар халқҳо подшоҳӣ хоҳем кард (***Ваҳӣ 2:26-28***).

Зиёда аз ин, Ӯ ба мо ҳатто тахти Худро ваъда додааст (***Ваҳй 3:21***)! Мо дар роҳи ҳаёт *ба пеш* қадам зада, ба Адан *бармегардем*. *Осмонҳо ба Замин боз бармегарданд*.

Мо дар абадият бо ҳамин кор машғул хоҳем шуд: мо дар Адани нави умумиҷаҳонӣ подшоҳӣ хоҳем кард. Мо аз ҳамаи он чи аз ибтидо мебоист Одам ва Ҳавво амалӣ менамуданд, ҳаловат хоҳем бурд. Ҳаёти абадӣ на дар он аст, ки 24 соат дар шабонарӯз чанг навохта, суруд хонем. Маънои ҳаёти абадӣ дар он аст, ки дар ҳузури Худи Худо, Исои эҳёшуда – ҳамроҳи дигар сурат ва шабоҳатҳои заминӣ ва осмонии Худо – офариниши беолоишро дар тамоми пуррагии тасаввурнопазири он ошкор намуда, абадан аз он ҳаловат барем.

## Чаро ин муҳим аст?

Шояд ҳозир барои Шумо ин яқин нест, аммо аз он чи мо дар ин боб муҳокима намудем, бисёр идеяҳоро ба даст овардан мумкин аст, ки ҳақиқатан ҳаётро тағйир дода метавонанд. Ҳангоме ки мо бо дарки он зиндагӣ мекунем, ки намояндагони Худо мебошем, ки барои амалӣ намудани нақшаҳои Ӯ офарида шудаем (ҳатто бо вуҷуди он ки ин нақшаҳо то охир маълум нестанд), муносибати мо ба ҳар рӯз ба куллӣ дигаргун мешавад.

Нақшаи ибтидоии Худо аз он иборат буд, ки тамоми Замин ба Адан табдил дода шавад. Худо мехост, ки одамон дар паҳн кардани ҳукмфармоии неки Ӯ то канорҳои Замин иштирок кунанд. Ӯ ба Одам ва Ҳавво фармуд, ки фарзанддор шаванд ва подшоҳон ва идоракунадагони офариниши Ӯ бошанд (***Ҳас. 1:26-27***). Ин фармон пас аз гуноҳкоршавӣ низ аҳамияти худро гум накардааст. Агар дар ёд дошта бошед, пас аз воқеаҳои даҳшатовари тӯфон Худо боз онро баён намуд (***Ҳас. 8:16-17***; ***9:1***). Ва агарчи Адан аз даст рафта буд, Худо мехост онро барқарор кунад. Дар ниҳояти кор ҳукмронии Ӯ – Подшоҳии Ӯ – боз бо пуррагии қуввати худ меояд. Ҳангоме ки Масеҳ бармегардад, Худо осмони нав ва Замини нав меофарад, ки дар Ваҳй 21-22 ба Адан хеле монанд аст. Ва то он вақт мо бояд ҳақиқати Худо ва Инҷили Исоро ба ҳар ҷое ки равем, паҳн намоем. Мо метавонем Худоро ба ҳар касе ки рӯ ба рӯ мешавем, дар ҳар ҷой муаррифӣ кунем. Мо агентҳои Худо ҳастем, ки бо барқарор кардани Адан дар ин ҷо ва ҳозир машғулем ва интизори он замон ҳастем, ки Масеҳ ин нақшаро ба таври ниҳоӣ анҷом медиҳад. Ҳангоме ки мо ба таври мақсаднок дар бораи худ чун дар бораи агентҳои Худо – сурат ва шабоҳатҳои Ӯ – фикр мекунем, дарк менамоем, ки қарорҳоямон ҳақиқатан аҳамият доранд. Масеҳиён, ки акнун ба гуноҳ дода намешаванд, нақшаи Худоро бо ёрии Рӯҳулқудс амалӣ намуда метавонанд. Мо барои он дар ин ҷоем, то дар бораи он гап занем, ки ҳаёт бо Худо то чӣ дараҷа олӣ аст. Мо барои он дар ин ҷоем, то ба касоне ки ба хабари Инҷил эҳтиёҷ доранд, хабар расонем, ки онҳо низ аз ин ҳаёт ҳаловат бурда метавонанд. Дар зиндагӣ мо бо бисёр одамон сарукор пайдо мекунем. Хотираҳо дар бораи вохӯриҳо бо мо бояд ҳамчун аксуламали занҷирӣ натанҳо ин одамонро, балки низ ҳамаи онҳоеро, ки бо онҳо сарукор хоҳанд дошт, фаро гиранд. Ё ки мо намунаи ҳаёт бо Худо мешавем, ё намунаи ҳаёт бе Ӯ. Варианти сеюм вуҷуд надорад.

Донистани он ки ҳамаи одамон сурат ва шабоҳати Худо мебошанд, моро водор менамояд ҳаёти инсонро ҳақиқатан муқаддас ҳисобем. Ва ин натанҳо ба қарорҳои муҳими ахлоқӣ дар бораи ҳаёт ва марг дахл дорад. Он чи мо дар ин боб омӯхтем, ба он таъсир

мерасонад, ки чӣ тавр мо ба якдигар менигарем, чӣ тавр мо бо якдигар муносибат мекунем. Дар ҷаҳони Худо ба нажодпарастӣ ҷой нест. Мо намоядагони Худоем, ва ин бо беадолатӣ мувофиқат надорад. Суиистифодаи қудрат – дар хона, дар ҷой кор, дар ҳукумат – кори худобехабарона аст. Худо ба фарзандони Худ дар Адан чунин муносибат намекард. Маҳз аз ҳамин сабаб дар муносибатҳои мо бо дигар сурат ва шабоҳатҳои Худо низ барои чунин падидаҳо ҷой нест.

Ва охирин. Агар мо намояндагони Худо бошем, пас ҳама гуна кор даъвати рӯҳонӣ аст. Албатта, агар ин кор бо арзи эҳтиром ба Ӯ иҷро карда шавад. Дилхоҳ супориш метавонад ё ҷаҳони моро ба Адан наздик кунад ва дигар одамонро баракат диҳад, ё не. Худо ходимонро одамони муқаддастар ё махсус намеҳисобад. Барои Худо он чиз муҳим аст, ки чӣ тавр мо Ӯро дар ҷое ки ҳозир ҳастем, намояндагӣ карда метавонем. Мо ё ба торикӣ зиддият карда, ҳаётеро, ки Худо ба ҳама додан мехоҳад, мерасонем, ё мо ин корро намекунем. Ҳатмӣ нест, ки имкониятҳо барои ин амал диққатҷалбкунанда бошанд. Диққатҷалбкунанда будан дар ин маврид даркор нест. Он чиз муҳим аст, ки мо имкониятҳоеро, ки бароямон дастрас ҳастанд, то чӣ андоза истифода мебарем.

Дар Адан, масалан, ниятҳои Худо назаррабо ва ҷолиби диққат буданд. Лекин мо медонем, ки дар он он ҷо ҳамааш бо чӣ анҷомид. Фақат Худо комил аст. Озодӣ дар дастони мавҷудоти нокомил – ҳатто фавқуттабиӣ – боиси натиҷаҳои фалокатовар шуда метавонад.

БОБИ **ЧОРУМ**

# Исёнҳо дар доираи илоҳӣ

Ман боби гузаштаро бо он ба охир расондам, ки иродаи озод дар дастони мавҷудоти нокомил (илоҳӣ ё инсонӣ) боиси натиҷаҳои ғамангз шуда метавонад. Ва ин ҳанӯз бо мулоимат гуфта шудааст! Баъзе воқеаҳои фалокатбор дар бобҳои аввали Китоби Муқаддас, ки иштирокчиёни онҳо ҳам одамон, ҳам мавҷудоти фавқуттабиӣ буданд, мисоли равшани ин мебошанд.

Мо дар ёд дорем, ки Худо қарор дод ҳам мавҷудоти илоҳиро дар ҷаҳони фавқуттабиӣ, ҳам одамонро дар Замин аз қудрати Худ бархурдор гардонад. Маҳз дар ҳамин робита Худо гуфт: «Одамро ба сурат ва шабоҳати *Мо* биофарем» (***Ҳас. 1:26***, курсив илова шудааст) ва баъд инсонро ба сурат ва шабоҳати *Худ* офарид. Ҳам мавҷудоти рӯҳӣ, ҳам одамон сурат ва шабоҳатҳои Худо мебошанд. Ба мо қудрату ихтиёрдории Худо дод шуд, то ки Ӯро намояндагӣ кунем ва ҳамроҳи Ӯ ҳукмронӣ намоем.

Аз як тараф, ин қарори олидараҷа буд. Иродаи озод чизест, ки моро ба Худо монанд мекунад. Бе он мо наметавонистем намояндагони Ӯ бошем. Муҳаббат ва фидокорӣ барин консепсияҳо бе иродаи озод ҳама гуна маъноро гум мекунанд. Агар «муҳаббат» барномарезӣ шуда бошад, дар он қарори Шумо нест. Чунин муҳаббат ҳақиқӣ буда наметавонад. Суханон ва амалҳо «аз рӯи сценарий» – қалбакӣ мебошанд. Фикрҳо дар ин бора маро ба филми охирини «Ҷангҳои кайҳонӣ» – «Бозгашти Ҷедай» бармегардонанд. Рӯҳи Обиван Кенобӣ ба Люк мегӯяд, ки падари ӯ – Дарт Вейдер – «акнун ба инсон, балки бештар мошин аст». Лекин, дар охир мо ошкор мекунем, ки ин тавр нест. Вейдер бо нархи ҳаёти худ Люкро аз император наҷот медиҳад. Ӯ фақат мошини барномарезишуда набуд. Сарчашмаи қарори ӯ дил, инсонигарӣ – иродаи озоди ӯ буд.

Аммо дар қарори Худо ҷиҳати тира низ ҳаст. Агар мавҷудоти бошуур озодӣ дошта бошанд, пас онҳо қарорҳои нодуруст қабул карда метавонанд ва қабул мекунанд. Онҳо дидаву дониста ба иродаи Худо зиддият мекунанд. Дар асл, ин ҳатман бояд рӯй диҳад, чунки фақат як мавҷуди комил ҳаст – Худо. Ягона касе ки Худо пурра ба ӯ боварӣ карда метавонад, Худи Ӯст. Аз ҳамин сабаб дар Адан ҳама чиз нодуруст шуда метавонист. Аз ҳамин сабаб ҳама чиз дар ҳақиқат ҳам нодуруст шуд.

## Мушкилиҳо дар биҳишт

Биёд дар хусуси он андешаронӣ мекунем, ки дар Адан воқеҳо чӣ тавр рӯй доданд. Одам ва Ҳавво ягона мавҷудоти сокини Адан набуданд. Дар он ҷо Худо бо тамоми шӯрои Худ буд. Адан штаби илоҳӣ ва инсонӣ буд. Дар он ҷо масъалаҳое ҳал карда мешуданд, ки ба соҳибӣ намудани тамоми сайёра (***Ҳастӣ 1:26-28***) – паҳн намудани ҳаёти Адан то канорҳои Замин – дахл доштанд.

Ҳам дар боби якум, ҳам дар боби сеюми Ҳастӣ ишорае ба ҳузур доштани дигар мавҷудоти илоҳӣ дар Адан ҳаст. Дар ояти 22, пас аз он ки Одам ва Ҳавво гуноҳ карданд, Худо гуфт: «Инак, Одам чун *яке аз Мо* орифи неку бад гардидааст» (курсив илова шудааст). Ин ибора ба он чи мо аллакай дар Ҳастӣ ***1:26*** («ба сурат ва шабоҳати *Мо*») дидем, хеле монанд аст.

Мо медонем, ки қаҳрамоми асосии Ҳастӣ 3 мор аст, аммо дар асл ӯ мор набуд. Ӯ ҷонвар набуд. Ҳамаи кӯшишҳои дар паси шиша дар боғи ҳайвонот ҷойгир кардани ӯ бемувффақият мебуданд. Ва бовар кунед, ӯ аз чунин кӯшишҳо ба ваҷд намеомад. Мор мавҷуди илоҳӣ, фавқуттабиӣ буд. ***Ваҳӣ 12:9*** ӯро иблис, шайтон меномад.

Баъзе масеҳиён дар асоси ***Ваҳӣ 12:7-12*** хулоса мебароранд, ки чанде пас аз офариниш фариштаҳо исён бардоштанд:

> Ва дар осмон ҷанг шуд: Микоил ва фариштаҳояш ба муқобили аждаҳо меҷангиданд, ва аждаҳо ва фариштаҳояш меҷангиданд. Аммо аждаҳо истодагарӣ карда натавонист, ва дар осмон барои вай дигар ҷой набуд. Ва аждаҳои бузург сарнагун шуд, яъне он мори қадимӣ, ки иблис ва шайтон ном дорад ва тамоми ҷаҳонро фиреб мекунад. Вай ба замин партофта шуд, ва фариштаҳояш бо вай партофта шуданд.
>
> (РБО 2011)

Аммо ин ҷанги осмонӣ дар робита бо таваллуд шудани Масеҳ тасвир карда мешавад (***Ваҳӣ 12:4-5,10*** РБО 2011):

> Аждаҳо пеши зане ки бояд мезоид, истод, то ки кӯдакро ҳангоми зоида шуданаш фурӯ барад. Зан писаре зоид, писарбачае ки бояд ҳамаи халқҳоро бо асои оҳанин чӯпонӣ кунад. Фарзанди вай сӯи Худо ва тахти Ӯ бурда шуд... Ва овози баланде дар осмон шунидам, ки мегуфт: «Инак наҷот ва қувват ва подшоҳии Худои мо ва ҳукмронии Масеҳи Ӯ фаро расид, чунки айбдоркунандаи бародарони мо, ки онҳоро рӯзу шаб дар пеши Худои мо айбдор мекард, сарнагун шуд.

Дар Китоби Муқаддас ишорае ба он нест, ки пеш аз воқеаҳо дар Адан кадоме аз сурат ва шабоҳатҳои Худо – илоҳӣ ё инсонӣ – ба иродаи Ӯ мухолифат карда бошанд ё бар зидди Ӯ исён карда бошанд. Лекин ҳама чиз дар Ҳастӣ 3 тағйир меёбад.

Ҷинояти мор аз он иборат буд, ки ӯ рад кардани фармонравоии Худоро озодона интихоб намуд. Худо қарор дода буд, ки Одам ва Ҳавво ба соҳибкории оилавӣ шарик мешаванд. Онҳо бояд Аданро дар Замин васеъ мекарданд. Аммо душман онҳоро дар он ҷо дидан намехост. Ӯ худро ба ҷои Худо гузошт. Ӯ дар дили худ гуфт: «Ман ба осмон боло рафта, курсии худро болотар аз ситорагони Худо хоҳам гузошт, ва бар кӯҳи анҷумани худоён, дар ақсои шимол хоҳам нишаст» (***Ишаъё 14:13***).

Лекин ӯро ҳушёршавии сахт интизор буд. Азбаски мор Одам ва Ҳавворо ба гуноҳ водор намуд, ӯ аз хонаи Худо ронда шуд (***Ҳизқиёл 28:14-16***) ва ба Замин бадарға карда шуд –

«ба замин бархӯрд», агар забони Китоби Муқаддасро истифода барем (***Ишаъё 14:12***). Ӯ ба ҷое ронда шуд, ки марг ҳукмфармост, ҳаёт абадан давом намекунад. Ба ҷои он ки сарвари ҳаёт шавад, ӯ сарвари мурдагон шуд. Азбаски воқеаҳо дар Адан боиси аз даст рафтани намирандагӣ дар замин шуданд, душмани бузург соҳиби тамоми инсоният шуд. Барои он ки аз ҳаёти абадӣ бо Худо дар Адани нав ҳаловат бурда тавонад, инсоният акнун бояд бозхарид карда мешуд.

Натиҷаи гуноҳкоршавӣ силсилаи лаънатҳо шуд. Дар лаънати зидди мор пешгӯӣ дар бораи оянда низ буд. Худо ваъда дод, ки насли Ҳавво ва насли мор зидди ҳамдигар хоҳанд буд: «Ва Парвардигор Худо ба мор гуфт… дар миёни ту ва зан, ва дар миёни насли ту ва насли вай душманӣ меандозам» (***Ҳастӣ 3:14-15***). Насли Ҳавво кист? Инсоният. Насли мор кист? Насли мор мафҳуми бештар абстрактӣ аст. Ҳавворӣ Юҳанно, масалан, яҳудиёнро, ки Исоро бад медиданд, мисол меоварад. Исо ба онҳо гуфт: «Падари шумо иблис аст» (***Юҳанно 8:44***). Исо таслимкунндаи Худ, Яҳудоро иблис номид (***Юҳанно 6:70***). Насли мор ҳар касе мебошад, ки ба нақшаи Худо муқобилат мекунад, чунон ки ӯ муқобилат мекард.

## Насли вайроншуда

Пас аз чанде мушкилоти нав, мушкилоти ҷиддитар пайдо шуданд. Яке аз писарони Одам ва Ҳавво қотил шуд. Қобил Ҳобилро кушта, бо ҳамин нишон дод, ки ӯ «аз иблис» аст (***1 Юҳанно 3:12***). Мувофиқи нақли Китоби Муқаддас, одамон дар Замин ҳар қадар бештар шаванд, бадӣ ҳамон қадар бештар мегардид (***Ҳастӣ 6:5***).

Ва инак, боз як ҷинояти фавқуттабиӣ рӯй дод – агарчи дар ҷамъомадҳои якшанбегӣ дар калисо дар бораи он хеле кам гуфтам мешавад – ва катализатори паҳншавии бадӣ дар Замин шуд. Ин дафъа исёнкорон бисёр буданд. Вабои бадкирдорӣ, ки дар байни одамон паҳн мешуд (Ҳастӣ 6:5), аз боиси воқеае буд, ки дар Ҳастӣ 6:1-4 рӯй дод. Ин ҳикоят дар бораи он аст, ки чӣ тавр писарони Худо назди духтарони одамон омаданд, ва аз омезиши онҳо фарзандоне таваллуд мешуданд, ки чун азимҷуссаҳо[1] маълуманд.

Дар китоби Ҳастӣ мо ҷузъиёти муфассалро дар бораи он ки он вақт маҳз чӣ рӯй дод, намёбем. Лекин ҷузъиёти ин воқеаи аҷиб дар дигар қисмҳои Навишта низ пайдо мешаванд. Ғайр аз ин, онҳоро дар анъанаи хаттии яҳудиён, ки муаллифони Аҳди Ҷадид медонистанд ва аз он иқтибосҳо мовварданд, ошкор кардан мумкин аст.

Масалан, Петрус ва Яҳудо дар бораи фариштаҳое менависанд, ки пеш аз тӯфон гуноҳ карда буданд (***2 Петрус 2:4-6***; нигаред ҳамчунин ***Яҳудо 5-6***). Баъзе фактҳо, ки онҳо зикр мекунанд, аз сарчашмаҳои ғайрибиблиявии яҳудиён гирифта шудаанд. Петрус ва Яҳудо мегӯянд, ки писарони Худо, ки ин ҷиноятро содир карда буданд, ба зиндони заризаминӣ партофта шуданд. Ба қавли дигар, онҳо то рӯзҳои охирин дар дӯзах маҳбус ҳастанд. Онҳо

[1] Нефилимҳо

дар доварии охирини Худо – дар доварие ки Китоби Муқаддас Рӯзи Парвардигор меномад, ба таври ниҳоӣ маҳкум карда мешаванд.

Сарчашмаҳое ки Петрус ва Яҳудо истифода мебурданд, ба олимони библияшинос хуб маълуманд. Яке аз чунин сарчашмаҳо китоби 1-уми Ҳанӯх аст. Дар замонҳои Исо он дар байни яҳудиён хеле машҳур буд. Ва агарчи ин китоб муқаддас ё дорои илҳоми илоҳӣ ҳисобида намешуд, дар байни масеҳиёни калисои аввалин он ҳамчунин машҳур буд. Аён аст, ки Петрус ва Яҳудо чунин меҳисобиданд, ки як миқдор маълумот дар ин китоб сазовори он аст, ки ба номаҳои навиштаи онҳо дохил карда шавад.

Ана ҳамин сарчашмаҳо ба мо маълумот медиҳанд ки, аз рӯи як версия, писарони Худо мехостанд ба одамон донишҳои илоҳиро дода, ба инсоният «ёрӣ расонанд», лекин дар раванди кор диққати худро ба чизи дигар равона карданд. Ё, аз рӯи версияи дигар, онҳо худро Худо вонамуд мекарданд ва ба Ӯ тақлид карда, сурат ва шабоҳатҳои худро меофариданд. Дар ин сарчашмаҳо ҳамчунин фаҳмонда мешавад, ки девҳо аз куҷо пайдо шуданд. Девҳо рӯҳҳои азимҷуссаҳо мебошанд, ки то тӯфон ва дар замони он мурдаанд. Онҳо дар Замин гаштугузор карда, одамонро азоб медиҳанд ва мехоҳанд боз дар ҷисми инсонӣ сокин шаванд. Дар Китоби Муқаддас дар китобҳое ки пас аз китоби Ҳастӣ меоянд, авлодони азимҷуссаҳоро аз ***Ҳастӣ 6:1-4*** Аноқим[2] ва Рафоим меноманд (***Ададҳо 13:33-34***; **Такрори Шариат 2:10-11**). Баъзе аз ин Рафоимҳо дар олами мурдагон мебошанд (***Ишаъё 14:9-11***), ки мор ба он ҷо партофта шуда буд. Муаллифони Аҳди Ҷадид дертар ин маконро дӯзах меноманд.

Ҳамаи ин идеяҳо нишон медиҳанд, ки муаллифони ибтидоии яҳудӣ хатари он чиро, ки дар Ҳастӣ ***6:1-4*** рӯй дод, мефаҳмиданд. Писарони Худо мекӯшиданд Адамро, ки он ҷо илоҳӣ ва инсонӣ бо ҳам вуҷуд доранд, барқарор кунанд, аммо фақат бо шартҳои худ. Чун душмани аввалин, онҳо гумон карданд, ки аз Худо беҳтар медонанд, ки дар Замин бояд чиҳо рӯй диҳанд. Кӯшиши тағйир додани нақшаи Худо оид ба барқарор намудани Подшоҳии Ӯ дар Замин боиси он шуд, ки вазъият фақат бадтар шуд.

Эпизод дар Ҳастӣ ***6:1-4*** натанҳо намунаи даҳшатовари он аст, ки насли мор будан чӣ маъно дорад, ин натанҳо исёни ошкоро бар зидди Худост. Воқеаҳо дар Ҳастӣ ***6:1-4*** – намоиши пешакии чизи хеле даҳшатовартар аст. Дар замонҳои забт карда шудани замини ваъдашуда баъзе душманон, ки Мусо ва Еҳушаъ ибни Нун зидди онҳо ҷангида буданд, маҳз авлодони азимҷуссаҳо буданд (**Такрори Шариат 2-3**). Ин азимҷуссаҳоро ҳар хел меномиданд. Дар ***Ададҳо 13:33-34*** онҳо Аноқим номида шудаанд. Дар бораи онҳо аниқ гуфта шудааст, ки онҳо намояндагони зиндаи авлоди азимҷуссаҳо[3] – авлодони писарони Худо аз ***Ҳастӣ 6:1-4*** буданд. Аҳди Қадим дар бораи он ҳикоят мекунад, ки исроилиён бо ин душманони азимҷусса ҳатто то замони Довуд меҷангиданд. Худи ӯ Ҷолиётро кушт (***1 Подшоҳон 17***), ва баъзе одамони ӯ бародарони Ҷолиётро кушта, ҳамин тариқ, таҳдидро барои Исроил бартараф карданд (***2 Подшоҳон 21:15-22***).

---

[2] Писарони Аноқ (тарҷумаи синодии русӣ)

[3] Авлоди нефилимҳо

## Чаро ин муҳим аст?

Лаънати пайғамбарона бар зидди мор ва ҷинояти писарони Худо, ки пас аз он рӯй дод, марҳалаҳои ибтидоии он чизе мебошанд, ки илоҳиётшиносон ҷанги рӯҳонӣ меноманд – ҷанг байни некӣ ва бадӣ, ҷанги бардавоми қувваҳои торикӣ зидди Худо ва халқи Ӯ. Ин ҷанг дар ду ҷабҳа бурда мешавад: намоён ва нонамоён.

Агарчи ҳамаи ин воқеаҳо хеле аҷибанд, онҳо ба мо як дарси хеле муҳимро таълим медиҳанд: дар масъалаҳое ки ба тақдири инсоният дахл доранд, Худо аз худи аввал ба зиддияти мавҷудоти илоҳӣ дучор мешуд. Ӯ то ҳол ба ин зиддият дучор мешавад. Ҳам дар соҳаи рӯҳӣ, ҳам дар байни одамон зиддияти қатъӣ ба хости Худо оид ба Замин ва инсоният ҳанӯз рӯй медиҳад. Аммо Худо дар масъалаи боз ба ҳам пайваст гардидани осмон ва замин нақшаҳои Худро дорад. Кӯшишҳои душманонаи халал расондан ба ин нақша ҳатман ҷазо дода мешаванд. Инсоният хеле гаронбаҳост. Нақшаи Худо дар бораи оилаи инсонии Ӯ ба ҳеҷ ваҷҳ ба нобарорӣ дучор намешавад.

Ин порчаҳо ҳамчунин ба мо дарси мусбат таълим медиҳанд. Агарчи ҷанги бардавомро бо қарори Худо дар хусуси ба вуҷуд овардани сурат ва шабоҳатҳо – инсонӣ ва илоҳӣ – маънидод кардан мумкин аст, ки дар баробари Ӯ иродаи озод хоҳанд дошт, бо вуҷуди ин, Худо сабабгори бадӣ нест.

Дар Китоби Муқаддас ҳеҷ ишорае ба он нест, ки Худо сурат ва шабоҳатҳои Худро ба беитоатӣ тела дод, ё беитоатии онҳо пешакӣ муқарраршуда буд. Ояндаро донистани Худо пешакӣ муқаррар карданро дар назар надорад. Мо инро аз чунин порчаҳо, аз қабили ***1 Подшоҳон 23:1-14*** аниқ медонем. Дар ин ҷои Навишта дар бораи он гуфта шудааст, ки чӣ тавр Довуд шаҳри Қаилоро аз фалиштиён наҷот дод. Пас аз ҷанги Довуд бо фалиштиён Шоул мефаҳмад, ки ӯ дар Қаило аст. Шоул дар асорати тарсҳои васвосии худ аст. Ӯ боварӣ дорад, ки Довуд тахти ӯро кашида гирифтанӣ аст. Аз ҳамин сабаб ӯ аллакай муддате инҷониб кӯшиш мекунад Довудро нобуд намояд. Довудро дар даруни деворҳои шаҳр бандубаст карданӣ шуда, Шоул ба Қаило лашкар мефиристад. Аз нақшаҳои Шоул бохабар шуда, Довуд аз Худо мепурсад: «Оё сокинони Қаило маро ба дасти вай хоҳанд супурд? Оё Шоул фуруд хоҳад омад, чунон ки бандаат шунидааст? Парвардигоро, Худои Исроил! Лутфан, бандаатро огоҳ намо». Ва Парвардигор гуфт: «Вай фуруд хоҳад омад»… «хоҳанд супурд»» (***1 Подшоҳон 23:11-12***).

Довуд чӣ кор кард? Ӯ чунон амал намуд, ки ҳар яки мо амал менамуд: ӯ фавран аз шаҳр баромада рафт. Ин ба мо дар бораи он мегӯяд, ки воқеҳоро пешакӣ донистани Худо дар назар надорад, ки онҳо пешакӣ муқаррар карда шудаанд. В ***1 Подшоҳон 23*** Худо он чиро пешакӣ хабар дод, ки ҳеҷ гоҳ рӯй надод. Худо пешакӣ медонист, ки исёни илоҳӣ ва гуноҳкоршавии инсонӣ рӯй медиҳад, аммо ин маънои онро надорад, ки Ӯ ба рӯй додани онҳо мусоидат намуд. Воқеҳоро пешакӣ донистан пешакӣ муқаррар карданро наметалабад.

Мо бояд ҳодисаҳои гуноҳкоршавиро фақат дар ҳамин партав аз назар гузаронем. Худо медонист, ки Одам ва Ҳавво гуноҳкор мешаванд. Гуноҳкоршавии онҳо Ӯро ғофилгир накард. Ӯ комилан дар бораи ҳамаи ҳодисаҳо медонад – дар бораи ҳодисаҳои воқеӣ ва имконпазир. Ӯ пешакӣ медонист, ки бо айби одамон, ва низ бо айби исёнкори фавқуттабиӣ,

ки инсониятро ба исён васваса намуда, ба он тела медиҳад, бадӣ ва исён ба ҷаҳон дохил мешаванд. Аммо ин маънои онро надорад, ки Худо сабабгори фаъоли ҳамаи ин буд.

Мо бояд ҳамчунин он бадиро, ки дар замони худ ва дар зиндагиҳои худ аз сар мегузаронем, айнан ҳамин тавр ҳисобем. Худо гуноҳкоршавии Одаму Ҳавворо пешакӣ медонист, аммо Ӯ аллакай нақшаи тайёр дошт, то ки вазъиятро ислоҳ намояд. Ӯ ҳамчунин медонист, ки мо гуноҳкор таваллуд мешавем, фурӯ меғалтем ва гуноҳ мекунем (биёед софдил бошем, бисёр гуноҳ мекунем). Аммо ӯ ин фурӯ ғалтиданҳо ва гуноҳҳоро пешакӣ муқаррар накарда буд. Ҳангоме ки мо гуноҳ мекунем, бояд масъулиятро ба худ гирем. Мо гуноҳ мекунем, чунки қарор додем гуноҳ кунем. Мо баҳона пеш оварда наметавонем, ки Худо хост, ки ин рӯй диҳад, ё: «Мо интихобе надоштем, чунки амалҳои мо пешакӣ муқаррар карда шудаанд».

Лекин Худо моро чунон дӯст дошт, ки «ҳангоме ҳанӯз гуноҳкор будем, Масеҳ барои мо мурд» (***Румиён 5:6-8***). Ӯ моро дӯст дошт, агарчи медонист, ки мо *чӣ* корҳо мекунем. Ӯ натанҳо ба мо озодии гуноҳ карданро, балки ҳамчунин озодии ба Инҷил бовар кардан ва барои Исо зистанро дод.

Худо медонад, ва мо инро аз таҷрибаи худ медонем, ки бадӣ бо одамон рӯй медиҳад, ҳатто бо масеҳиён. Бадӣ дар ҷаҳон аз он сабаб вуҷуд дорад, ки одамон (ва мавҷудоти илоҳӣ) озодии бадӣ карданро доранд. Худои мо кадом як илоҳи фосид нест, ки рӯй додани воқеаҳои нафратоварро пешакӣ муқаррар мекунад, ё ба ҷиноятҳо ва гуноҳҳои даҳшатовар эҳтиёҷ дорад, то ки нақшаи бузурги Ӯ ба кор дарояд. Худо ба бадӣ эҳтиёҷ надорад. Гап ҳамин! Нақшаҳои Ӯ ҳатто бо вуҷуди бадӣ амалӣ мешаванд. Худо бадиро мағлуб мекунад ва дар ниҳояти кор онро маҳкум менамояд.

Саволе ба миён меояд: «Чаро Худо бадиро худи ҳозир нобуд намекунад?» Ин сабаби худро дорад: нобуд кардани бадӣ нобуд кардани сурат ва шабоҳатҳои Худоро дар назар дорад – инсонӣ ва илоҳӣ – ки на ба дараҷаи Ӯ комил ҳастанд. Нобуд кардани бадӣ масъалаи бадиро ҳал мекард. Аммо ҳамчунин ин маънои онро медошт, ки идеяи ибтидоии Худо дар хусуси офаридани мавҷудоти илоҳӣ ва одамон барои он ки бо Ӯ зиндагӣ кунанд ва бо Ӯ ҳукмронӣ кунанд, хатои бузург буд. Худо бошад, чунон ки мо медонем, хато намекунад.

Ҳамчунин мо, шояд, мехостем, ки Худо ҳеҷ гоҳ ба одамон озодӣ надиҳад. Аммо он гоҳ мо дар куҷо мебудем? Ба мо озодӣ дода, Худо қарор дод, ки мо ғуломони бефаҳм ё роботҳо набошем. Охир алтернативаи иродаи озод ҳамин аст. Аммо азбаски озодӣ хусусиятест, ки мо бо Худо дорем, бе он мо сурат ва шабоҳатҳои Худо шуда наметавонистем. Худо робот нест. Ӯ моро ба Худ монанд офарид, ва ин хато набуд. Ба Худо идея дар бораи инсоният он қадар маъқул буд, ки Ӯ қарори алтернативӣ қабул карда наметавонист. Аз ҳамин сабаб Ӯ нақшае дошт, ки пас аз он ки бадӣ ба ҷаҳон ворид шуд, инсониятро бозхарид намояд. Ӯ нақшаеро омода намуда буд, ки Аданро аз нав бунёд намояд ва ҳар ашкро пок кунад (***Ваҳй 7:17***; ***21:4***).

Мову Шумо ҷанги бардавомро зидди Худо аз назар мегузаронем. Худо стратегия коркард намудааст. Аммо пеш аз он ки Ӯ қадами якумро гузорад, вазъият боз бештар мураккаб мешавад.

БОБИ **ПАНҶУМ**

# Ҷуғрофияи кайҳонӣ

Дар ҳамаи он ҷиноятҳои мавҷудоти илоҳӣ, ки мо аллакай аз назар гузарондем, як чизи умумӣ ҳаст. Ҳамаи ин ҷиноятҳо исёнҳои фавқуттабиӣ буданд. Мақсади онҳо – ба нақшаи Худо оид ба инсоният ва барқароркунии ҳукмронии Ӯ дар Замин халал расондан буд. Дар ин боб мо бо як исёнро аз назар мегузаронем. Ин дафъа тшаббускорони исён одамон буданд.

Ин исён сабабгори он вазъияти ғамангез шуд, ки мо то ҳол дар он ҳастем. Албатта, мавҷудоти фавқуттабиӣ низ иштирок доштанд. Дар муборизаи шадид барои барқароркунии нақшаи Худо гардише рӯ ба бадӣ ба амал омад. Ва фақат бозомадани Исо ин мушкилиро ба таври ниҳоӣ бартараф мекунад.

## Бурҷи Бобил

Нақл дар бораи бурҷи Бобил (***Ҳастӣ 11:1-9***) – аз як тараф, яке аз қиссаҳои машҳуртарин аст, аммо, аз тарафи дигар, қиссаест, ки камтар аз ҳама мефаҳманд. Ҳангоме ки дар бораи он ба кӯдакон дар мактаби якшанбегӣ нақл мекунанд, одатан дар бораи он мегӯянд, ки чӣ тавр Худо забонҳои одамонро омехта кард.

Пас аз тӯфон Худо боз фармоне дод, ки дар аввал ба Одам ва Ҳавво дода буд, – паҳн шудан дар Замин. Ӯ васеъшавии таъсири шоҳонаи Худро ба воситаи инсоният фаъолонатар карданӣ буд. Ва боз нобарорӣ. Одамон ба фармон итоат кардан нахостанд. Дар дилҳои исёнкори худ одамон гумон карданд, ки беҳтар аз Худо медонанд чӣ кардан даркор аст. Онҳо қарор доданд бурҷе созанд, то аз парокадашавӣ барканор бошанд (***Ҳастӣ 11:4***). Барои мо ин мантиқ аҷиб метобад. Мо мефаҳмем, ки чӣ тавр ба шарофати бурҷи ҳайратовар одамон метавонанд номе барои худ пайдо кунанд ва машҳур гарданд (Ҳастӣ 11:4). Аммо бурҷ ба парокандашавӣ чӣ тавр монеъ шуда метавонад?

Ҷавоб дар худи бурҷ аст. Олимони библияшинос ва бостоншиносон медонанд, ки ҳам дар Бобил, ҳам дар шаҳрҳои атроф бурҷҳое месохтанд, ки зиккурат ном доранд. Зиккуратҳо маконҳое буданд, ки одамон дар он ҷойҳо бо худоён вохӯрда метавонистанд. Вазифаи онҳо аз ҳамин иборат буд. Зиккуратҳо як ҷузъи комплексҳои парастишгоҳӣ буданд. Ва ба ҷои паҳн кардани дониш дар бораи Подшоҳии Худо, ба ҷои он ки ин ҷаҳонро ба Адан табдил диҳанд, одамон хостанд, ки Худо поён фуромада, дар як ҷой қарор гирад.

Аммо нақшаи Худо ин набуд. Аз ҳамин сабаб ҳамаи ин боиси норозигии Худо шуд. Суханоне ки боз ба шӯрои илоҳӣ нигаронида шуда буданд, аз ҳамин сабаб гуфта шудаанд: «*Фуруд оем* ва забони онҳоро дар он ҷо *омехта кунем*» (Ҳастӣ 11:7, курсив илова шудааст). Худо забонҳоро омехта кард ва инсоният аз ҳам ҷудо шуда, дар Замин паҳн гардид. Ин ҳодиса чӣ тавр пайдо шудани халқҳоеро, ки дар боби гузашта, дар Ҳастӣ 10 зикр шудаанд, мефаҳмонад.

Ин қисми қиссаро бисёрии масеҳиён медонанд. Акнун ба он қисми қисса мегузарем, ки дар бораи он онҳо ҳеҷ чиз намедонанд.

## Худоён ва халқҳои онҳо

***Ҳастӣ 11*** ягона ҷое нест, ки дар он воқеаҳои вобаста бо бурҷи Бобил тасвир ёфтаанд. Дар Такрори Шариат ***32:8-9*** (РБО 2011) дар бораи онҳо чунин гуфта шудааст:

> Ҳангоме ки Худои Таоло ба халқҳо мулк дод,
>
> ҳангоме ки Ӯ банӣ Одамро пароканда кард,
>
> Ӯ ҳудуди қавмҳоро муқаррар намуд
>
> мувофиқи шумораи писарони Худо.
>
> Насибаи Парвардигор қавми Ӯст!
>
> Яъқуб насибаи Ӯст!

Дар баъзе тарҷумаҳои Китоби Муқаддас дар ҷумлаи якум ба ҷои ибораи «писарони Худо» ибораи «писарони Исроил» истифода мешавад. Аммо Исроил дар замонҳои бурҷи Бобил мавҷуд набуд. Худо Иброҳимро аллакай пас аз бурҷи Бобил даъват намуд (***Ҳас. 12***). Аз ҳамин сабаб ибораи «писарони Исроил» тарҷумаи дуруст буда наметавонад. Ибораи «писарони Худо» дар лӯлапечҳои баҳри Мурда – дар қадимитарин дастхатҳои Китоби Муқаддас истифода мешавад. Бинобар ин тарҷумаи РБО дар мавриди додашуда дуруст аст.

Ин ибора хеле муҳим аст. Ҳангоме ки Худо инсониятро ҷудо мекард, Ӯ халқҳоро ба писарони Худо тақсим карда дод. Худо халқҳоро ба аъзоёни шӯрои илоҳӣ муқаррар намуд. Ҳамин тавр Китоби Муқаддас мефаҳмонад, ки чӣ тавр халқҳо худоёни дигарро парастиш мекардагӣ шуданд. То бурҷи Бобил Худо мехост бо тамоми инсоният муносибатҳо дошта бошад. Аммо пас аз исён дар Бобил ҳама чиз дигаргун шуд. Худо қарор дод, ки идоракунии халқҳоро ба шӯрои илоҳии Худ супорад.

Худо инсониятро доварӣ кард. Ҳатто бо вуҷуди тӯфон одамон нахостанд корро бо нақшаи Подшоҳӣ, ки дар Адан ибтидо ёфта буд, аз нав сар кунанд. Аз ҳамин сабаб Худо қарор дод, ки халқи нав – насибаи Худ (дар Такрори Шариат ***32:9*** чунин гуфта шудааст***)*** – Исроилро ба вуҷуд оварад. Дар бобе ки дарҳол аз паси қиссаи бурҷи Бобил меояд, – дар Ҳастӣ ***12*** – Худо Иброҳим ном шахсро даъват карда, ба вуҷуд овардани халқро сар мекунад.

Ана ҳамин ба худоёни дигар дода шудани халқҳо он чиро, ки тамоми Аҳди Қадим дар бораи он ҳикоят мекунад, фаҳмо мегардонад. Чаро? Чунки тамоми Аҳди Қадим дар бораи он аст, ки чӣ тавр Худои Исроил бо худоёни дигар халқҳо ва бо одамоне ки дар ин халқҳо ҳастанд, зиддияти доимӣ дорад.

Албатта, ҳамаи ин мақсади ибтидоии Худо набуд. Ҳа, он чи Ӯ бо халқҳо дар Бобил кард, доварӣ буд. Аммо Худо дар нақша надошт, ки ин халқҳоро барои ҳамеша тарк кунад. Ҳангоме ки Худо бо Иброҳим аҳд мебаст, Ӯ возеҳу равшан гуфт, ки Иброҳим ва насли ӯ «баракате барои ҳамаи халқҳои замин» мешавад. Худо нақша дошт, ки дар лаҳзаи муайяни таърих халқҳоро ба оила баргардонад.

Павлус ҳамчунин дар ин бора медонист. Дар мавъизаи якуми худ ба файласуфони ғайрияҳудӣ ӯ гуфт:

> Ҳамаи халқҳоро Ӯ аз як одам ба вуҷуд овардааст, то бар тамоми рӯи замин сокин шаванд, ва мӯҳлатҳо ва ҳудуди муайяни сокиншавии онҳоро пешакӣ муқаррар кардааст. Ӯ ин корро барои он кард, ки одамон бо эҳсоси он ки Худованд аз ҳеҷ яке аз мо дур нест, Ӯро ҷустуҷӯ кунанд, ва ёфта тавонанд.

***Аъмол 17:26-27*** РБО 2011

Худо ба воситаи Мусо халқи Худро огоҳ карда буд, ки «лашкари осмон»-ро (***Так. Шар. 4:19-20***) – номе ки дар ҷойҳои дигар аъзоёни шӯрои илоҳиро тасвир мекунад (***3 Подш. 22:19***), – парастиш накунанд. Дар ***Аъмол 17:26-27*** аён аст, ки мақсади Худо он буд, ки бо кадом як тарз халқҳо ҷӯёи Ӯ бошанд.

Лекин худоёне ки бар халқҳо гузошта шуда буданд, ба иҷрои ин нақша бо ду роҳ халал мерасонданд.

Мо аллакай дида будем, ки чӣ тавр дар Забур ***81:1*** Худо худоёнро ба шӯро ҷамъ кард. Аммо мақсади он шӯро аз чӣ иборат буд? Ин дар давоми матн дар Забур фаҳмонда мешавад. Худоён бар халқҳои худ беадолатона ҳукмрон мекарданд. Ҳукмронии онҳо ба хоҳишҳо ва принсипҳои адолати Худо мухолифат доштанд. Ҳамин ки шӯро сар мешавад, Худо дарҳол айбномаро баён мекунад: «То ба кай ноинсофона доварӣ хоҳед кард? Ва бадкоронро тарафдорӣ хохед кард?» (***Заб. 81:2*** РБО 2011). Боз дар давоми ду оят Ӯ беадолатии худоёнро фош мекунад. Пас аз ин Парвардигор мегӯяд, ки худоён ба халқҳое ки дар торикӣ роҳ мепаймуданд, дар ошкор намудани роҳи бозгашт ба сӯи Ӯ ёрӣ нарасонданд: «Нафаҳмиданд ва дарк накарданд! Дар торикӣ роҳ мераванд! Асосҳои замин ба ларза омадаанд!» (***Заб. 81:5*** РБО 2011).

Мутаассифона, ба ҷои ҷустани Худои ҳақиқӣ, исроилиён гаштаву баргашта ба парастиши худоёне «ки Ӯ насибашон нагардонда буд» сар мекарданд(***Так. Шар. 29:26***; нигаред ҳамчунин ***Так. Шар. 32:17***). Худо зуд ва қатъӣ аксуламал мекунад (***Заб. 81:6-7*** РБО 2011): «Агарчи Ман ба шумо гуфтам: «Шумо худоён ҳастед, ва ҳамаатон – писарони Боломақом.

Аммо ҳамчун одам одамизод хоҳед мурд, ва чун яке аз мирони заминӣ фурӯ хоҳед ғалтид».

Худоён намирандагии худро аз даст медиҳанд (***Заб. 81:7***) ва чун одамон мемиранд. Аз дигар ҷойҳои Навишта мо медонем, ки доварӣ чизест, ки бо замонҳои охир робита дорад (**Иш. 34:1-4**). Дар охири Забур 81 мо дар бораи умеди муаллиф ба он мехонем, ки боре Худо боз халқҳоро ҳамчун мероси Худ талаб мекунад. Чунон ки мо дертар – дар Аҳди Ҷадид – мебинем, Худо чизи мехостаашро ба даст меоварад.

## Ҷаҳонбинии *Такрори Шариат 32*

Бо ибораи ҷаҳонбинии ***Такрори Шариат 32*** дар назар дошта шудааст, ки ҷуғрофия дар Китоби Муқаддас табиати кайҳонӣ дорад. Ё ин ки замин муқаддас аст – ба Яҳве бахшида шудааст, ё ин ки он насибаи худои дигар аст. Ин ҷаҳонбинӣ дар бисёр ҷойҳои Китоби Муқаддас инъикос ёфтааст. Масалан, дар китоби Дониёл гуфта шудааст, ки халқҳои бутпараст зери итоати «малак»-ҳои илоҳӣ мебошанд (**Дон. 10:13**, ***20-21***). Боз як намуна: ҳангоме ки Довуд аз подшоҳ Шоул дар гурез буд, ӯ маҷбур буд аз замини Исроил ба замини фалиштиён равад. Дар ***1 Подшоҳон 26:19*** Довуд шикоят мекунад: «Онҳо маро бадар ронда, аз ҳисса дар мероси Ӯ маҳрум мекунанд ва мегӯянд: "Рафта худоёни дигарро парастиш намо!"» (РБО 2011). Довуд Худоро бо худоёни дигар иваз карданӣ набуд. Ӯ ҳамчунин он фактро рад намекард, ки Худо дар ҳама ҷо ҳузур дорад. Аммо Исроил замини муқаддас буд – маконе ки ба Худои ҳақиқӣ тааллуқ дошт. Довуд бошад ба мулки худои дигар рафт.

Дар ***4 Подшоҳон 5*** қиссаи дӯстдоштаи ман аз Аҳди Қадим ҳаст, ки ба ин масъала дахл дорад. Наамон сарлашкари арамӣ буд. Ғайр аз ин, ӯ ҳамчунин махавӣ буд. Ба Элишоъ гӯш дода, ва ҳафт бор дар дарёи Урдун ғӯта зада, Наамон муъҷизаро ба даст меоварад: махав аз байн рафт. Он вақт Наамон ба Элишоъ мегӯяд: «Инак, акнун донистам, ки Худое дар тамоми замин нест, ҷуз Он ки дар Исроил аст». Пайғамбар музд гирифтан нахост, аз ҳамин сабаб Наамон бо фурӯтанӣ каме хок, ки ду хачир бардошта тавонанд, дархост мекунад, то ба ватанаш барад. Хок? Хок ба ӯ чӣ даркор аст? Чунки ин хок ба Худои Исроил тааллуқ дошт. Ин хок, ин замин муқаддас аст.

Ҳамон гуна тафаккурро мо дар Аҳди Ҷадид низ мебинем, ва ин тасодуфӣ нест. Павлус як маҷмӯи истилоҳотро истифода мебарад, ки мавҷудоти илоҳии мухолифи онҳоро (***Эфс. 1:20-21***; ***3:10***; ***6:20***; ***Қӯл. 1:16***; ***2:15***) тасвир мекунад: сарвариҳо, ҳукуматдориҳо, қудратҳо, салтанатҳо. Байни онҳо чӣ умумият ҳаст? Ҳамаи ин истилоҳот номҳои машҳури мавқеъҳои ҷуғрофии ҳукуматдориҳо мебошанд.

Дар бораи мушкилиҳои муайян дар калисои Қӯринтус шунида ва онҳоро ҳал карданӣ шуда, ҳаворӣ Павлус ду нома менависад. Дар номаи якум ӯ бо исрор ба роҳбарияти калисо тавсия медиҳад, ки шахсеро, ки дар гуноҳи ҷинсӣ карда, тавба накардааст, аз байни худ берун кунанд (***1 Қӯр. 5:1-13***). Ҷолиби диққат аст, ки ба қавли Павлус, ин шахсро «ба шайтон супурдан» даркор аст (***1 Қӯр. 5:5***). Аммо бо ин сухан чӣ дар назар дошта шудааст?

Изҳороти Павлус фақат дар робита бо ҷаҳонбинии ҷуғрофияи кайҳонии Аҳди Қадим маъно дорад. Мувофиқи илоҳиётшиносии Аҳди Қадим, «насиба»-и Яҳве Исроил ва замини ба Исроил додашуда буд, – замини Канъон. Ҳузури Ӯ ин заминро тақдис менамуд, онро

муқаддас мегардонд. Дар аввал ҳузури Яҳве дар хаймаи ҷомеъ буд. Ҳангоме ки исроилиён барои истироҳат бозмеистоданд ва бошишгоҳ бунёд мекарданд, сандуқи аҳд дар марказ гузошта мешуд, ва ҳамин тариқ бошишгоҳ замини муқаддас мешуд. Дертар, ҳангоме ки Исроил дар замини Канъон сокин шуд, ҳузури Яҳве дар парастишгоҳ буд ва замини ваъдашударо тақдис намуда, онро замини муқаддас мегардонд – хонаи Яҳве ва халқи Ӯ. Акнун ҳузури Яҳве дар имондорон аст. Мо маъбади Худо ҳастем (***1 Қӯр. 6:19***; ***2 Қӯр. 6:16***; ***Рум. 8:9***). Ин маънои онро дорад, ки имондорон, бадани Масеҳ – халқи нави Худо, Исроили нав мебошанд. Павлус дар ин бора дар нома ба ***Ғалотиён 3*** возеҳу равшан мегӯяд:

> Имондорон писарони Иброҳиманд…
>
> Зеро ҳамаи шумо ба воситаи имон дар Масеҳ Исо писарони Худоед; зеро ҳамаи шумо, ки дар Масеҳ таъмид ёфтаед, Масеҳро дар тан кардаед. Дигар на яҳудӣ ҳаст, на юнонӣ; на ғулом ҳаст, на озод; на мард ҳаст, на зан; зеро ҳамаи шумо дар Масеҳ Исо як ҳастед. Ва агар шумо аз они Масеҳ бошед, пас насли Иброҳим ҳастед, ва мувофиқи ваъда ворисонед.
>
> ***Ғалотиён 3:7, 26-29***

Азбаски ҳамаи имондорон, ва бо онҳо ҳар як маконе ки имондорон он ҷо ҷамъ шудаанд, – замини муқаддас аст, гуноҳ бояд аз он ронда шавад. Монанди он ки замини атрофи бошишгоҳи исроилиён, ва низ халқҳо зери итоати худоёни дигар як чизи номуқаддас ҳисобида мешуд, ҳоло низ, дар замонҳои Аҳди Ҷадид, ҷаҳон як чизи номуқаддас аст. Аз ҳамин сабаб Павлус даъват мекунад, ки имондори тавбанакарда ба ҷаҳоне ронда шавад, ки зери итоати шайтон аст. Аз калисо ронда шудан – боз ба ҳудуди номуқаддас баргаштан аст. Ҷои гуноҳ фақат ҳамин аст.

## Чаро ин муҳим аст?

Ҷуғрофияи кайҳонӣ – натиҷаи доварии Худо бар халқҳо дар Бобил аст. Муборизаи Исроилро дар ҳамин робита аз назар гузарондан даркор аст. Ҷуғрофияи кайҳонӣ – ҳамчунин саҳнаест, ки дар он драмаи Инҷил ҷилвагар мешавад. Хушхабар дар бораи кори Масеҳ дар салиб аз он иборат аст, ки халқи Худо – акнун натанҳо яҳудиён, балки ҳамаи онҳое мебошанд, ки ба Исо имон доранд (***Ғал. 3***). Бо мурури он ки шогирдон ба ҷаҳон мераванд, қаламрави шайтон ба қаламрави Худо табдил меёбад. Подшоҳии Худо паҳн мешавад, фармонравоӣ бар халқҳо бармегардад.

Дарси якум: ин ҷаҳон хонаи мо нест. Торикӣ заминро фаро гирифтааст. Беимонон – гаравгонони қувваҳои рӯҳӣ мебошанд. Барои ба даст овардани озодӣ, ба онҳо Инҷил даркор аст. Ва фаромӯш накунед: силоҳи шумо маҳз Инҷил аст. Бо салоҳият надорем, ки бевосита бар зидди ҳукуматдориҳо ва қудратҳои рӯҳӣ бароем. Чунин атои рӯҳонӣ нест, ҳаввориён онро ба мо надодаанд. Лекин дуруст эълон намудани Инҷил ҳатман вазъиятро

дигаргун мекунад. Супориши бузург стратегияи муҳорибаи рӯҳонӣ аст. Дар бобҳои минбаъда мо дар ин бора маълумоти бештар пайдо мекунем.

Дарси дуюм: мо бояд дилхоҳ ҷамъомади имондорони ҳақиқиро замини муқаддас ҳисобем. Намуди зоҳирӣ, биноҳо, миқдори ҷамъомадагон барои Худо аҳамият надоранд. Аммо ин чиз муҳим аст: дар он ҷое ки ду ё се кас ҷамъ омадаанд, Исо дар байни онҳо ҳузур дорад (***Мат. 18:20***). Ин ҷой муқаддас аст. Ҳар як ҷамъомад, новобаста ба он ки он то чӣ андоза хурд ва номаълум аст, дар хатти пеши ҷанги рӯҳонӣ мебошад. Ҳамаи калисоҳо ҳамон як супоришро доранд. Ва қувваҳои торикӣ ғолиб нахоҳанд шуд.

Ҳангоме ки мо дар бораи хизматгузории Исо гап мезанем, боз ба идеяи ҷуғрофияи кайҳонӣ бармегардем. Аммо ҳоло мову Шумо хатти ҷабҳаи муҳорибаро кашидем. Халқҳои ҷаҳон маҳкум карда шуда, аз ҳуқуқи худ маҳрум гардида буданд. Барои Худо вақти он расидааст, ки ҳама чизро аз нав сар кунад ва ба Худ «насиба» гирад – халқеро ба вуҷуд оварад.

Боби **шаш**

# Калом, Ном ва Фаришта

Дар боби охир мо ҷуғрофияи кайҳонии Китоби Муқаддасро омӯхтем. Аз боиси исёни одамон ҳангоми сохтмони бурҷи Бобил Худо халқҳоро тарк кард. Ӯ онҳоро ба зери итоати аъзоёни шӯрои осмонии худ – писарони Худо – супурд (Так. Шар. 32:8-9). Ба ҷои ин халқҳо Худо халқи нав – халқи Худро ба вуҷуд меоварад. Ин халқ ба мақсади Ӯ – барқарор намудани Подшоҳии дар Замин хизмат хоҳад кард. Лекин иҷрои ин вазифа ба муборизаи шадид табдил мeёбад, зеро худоёни дигар, ва низ одамоне ки ба онҳо тааллуқ доранд, душманони оштинопазири Исроил ва Худо мешаванд.

Халқи нави Худо аз Абром ном шахс сар мешавад, ки дертар Худо номи ӯро дигар карда, Иброҳим меномад. Чанде час аз доварӣ дар Бобил Худо ба назди ӯ омад.

## Иброҳим бо Калом вомехӯрад

Бисёрии масеҳиён қиссаеро, ки дар Ҳастӣ 12 тасвир ёфтааст, медонанд, – қисса дар бораи он, ки чӣ тавр Худо бо Иброҳим боздид намуд. Худо ба Иброҳим фармуд, ки хонаашро тарк карда ба маконе равад, ки ҳеҷ гоҳ надида буд. Худо ваъда медиҳад, ки Иброҳимро роҳнамоӣ ва ҳидоят менамоянд. Ӯ ба Иброҳим мегӯяд, ки Худои ӯ мешавад, ва ба ӯ ваъдаҳои махсус медиҳад. Иброҳим ва Соро он вақт аллакай пиронсол буданд. Бо вуҷуди ин, Худо ба онҳо ваъда медиҳад, ки онҳо қувват пайдо мекунанд писареро ба дунё оварда тавонанд. Аз ин писар халқи бузурге ба вуҷуд меояд, ки оилаи нави Худо дар Замин мешавад. Маҳз ба воситаи ин халқ ҳамаи халқҳои Замин баракат меёбанд.

Мо одатан вохӯриҳои Иброҳимро бо Худо чӣ гуна тасаввур мекунем? Эҳтимол, мо фикр мекунем, ки Худо ба Иброҳим бевосита аз осмон муроҷиат намуд ё, шояд, ин овоз фақат дар сари Иброҳим садо медод. Ё шояд, Худо дар хоб ба Иброҳим зоҳир мешуд? Дар ҳақиқат Китоби Муқаддас возеҳу равшан таълим медиҳад, ки Худо ҳамин тариқ ба пайғамбарон ва ба дигар одамон муроҷиат мекард. Аммо дар мавриди Иброҳим ҳамааш дигар хел буд. Худо як кори пуршӯртар кард. Ӯ чун одам омад. Ӯ бо Иброҳим рӯ ба рӯ гап мезад.

Дар Ҳастӣ 12:6-7 ишорае ба ин ҳақиқат ҳаст. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки Худо ба Иброҳим зоҳир шуд. Пас аз се боб Худо боз пайдо шуд (Ҳас. 15:1-6). Ин дафъа Худо ба назди Иброҳим чун «каломи Парвардигор» дар рӯъё зоҳир шуд. Ин овозе набуд, ки дар сари Иброҳим садо медода бошад. Зеро дертар мо мехонем, ки «Калом» Иброҳимро аз хайма баровард, то ситораҳоро нишон диҳад ва бовар кунонад, ки авлодони ӯро ҳисоб кардан ғайриимкон хоҳад буд (Ҳас. 15:5).

Дигар мавридҳо буданд, ҳангоме ки Худо ба Иброҳим чун инсон зоҳир мешуд (Ҳас18). Айнан ҳамин тавр Ӯ ба Исҳоқ – ба писаре ки Худо ваъда дода буд, ва ба Яъқуб, писари Исҳоқ зоҳир мешуд (Ҳас. 28:10-22; 31:11-12; 32:24-30).

«Калом» ё овози Худоро, ҳамчун ифодаи Худо дар симои инсонӣ, дар ҷойҳои ғайричашмдошт ошкор кардан мумкин аст. Яке аз мавридҳои дӯстдоштаи ман дар 1 Подшоҳон 3 аст. Писарак Самуил хобиданӣ аст, аммо гаштаву баргашта овозеро мешунавад, ки дар шабонгаҳ ӯро ҷеғ мезанад. Дар ниҳояти кор Элии коҳин, ки Самуил дар назди ӯ кор ва зиндагӣ мекард, фаҳмид, ки писаракро Худо ҷеғ зада истодааст. Дар ояти 10-ум Худо боз ба назди Самуил меояд: «Парвардигор даромада, истод ва, мисли дафъаҳои пеш, ҷеғ зад: “Самуил, Самуил!”» (РБО 2011). Мо медонем, ки Худо дар симои инсонӣ омад, зеро тасвир карда мешавад, ки Ӯ даромад ва дар он ҷо истод. Ғайр аз ин, дар охири ин боб (1 Подш. 3:19-21) гуфта шудааст, ки «каломи Парвардигор» ба Самуил зоҳир шудан гирифт.

Ирмиё боз як пайғамбаре буд, ки «каломи Парвардигор» ба назди ӯ дар симои ҷисмонӣ, одамӣ меомад. Дар Ирмиёи 1, ки он ҷо тасвир шудааст, ки чӣ тавр Ирмиё ба пайғамбарӣ даъват карда мешавад, ӯ мегӯяд, ки «калом» назди ӯ омад. Ирмиё «калом»-ро бо Худи Худо ҳамонанд мекунад. Ва баъд гуфта шудааст, ки Парвардигор бо дасташ Ӯро ламс намуд (Ирм. 1:1-9).

## Худо дар симои инсон

Дар симои инсон зоҳир шудани Худо дар асл дар Аҳди Қадим, хеле пештар аз омадани ӯ дар шахси Исои Носирӣ, маъмулӣ аст. Ҳангоме ки шумо дар ин бора фикр мекунед, ин маъное дорад. Худо тамоман ба мо монанд нест. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки ҳеҷ як инсон моҳияти ҳақиқии Худоро, ҷалоли ҳузури Ӯро дида, зинда мондан наметавонад. Ҳангоме ки персонажҳои библиявӣ ҷисман бо Худо вомехӯрданд, онҳо бояд мемурданд (Ҳас. 32:30; Так. Шар. 5:24; Дов. 6:22-24). Онҳо аз он сабаб намемурданд, ки Худо ҳузури Худро ба воситаи он чи ақли инсонӣ дарк карда метавонист, софкорӣ мекард – ба воситаи оташ, абр ва бештар аз он чи бисёр масеҳиён мефаҳманд, ба воситаи инсон.

Дар бисёр мавридҳо дар симои инсонӣ зоҳир шудани Худо чун вохӯрӣ бо «Фариштаи Парвардигор» тасвир карда мешавад. Ин Фаришта персонажи шинос аст. Масалан, Ӯ дар пеши Мусо дар буттаи фурӯзон зоҳир мешавад (Хуруҷ 3:1-3). Ҳангоме ки Худо ба Мусо дар буттаи фурӯзон зоҳир шуд, Ӯ ваъда дод, ки Мусоро барои аз Миср баровардани халқи Худ истифода мебарад. Худо ба Яъқуб дар Байт-Ил дар хоб зоҳир шуд (Ҳас. 28:10-22), ва дар он ҷо Ӯ Худро чун Парвардигор (Яҳве) ошкор намуд. Дертар Фариштаи Худо дар дигар хоб ба назди Яъқуб омад ва гуфт, ки Ӯ ҳамон Худоест, ки пештар Ӯ дар Байт-Ил бо вай вохӯрда буд (Ҳас. 31:11-12).

Бисёр муҳаққиқони Китоби Муқаддас чун Худи Худо эътироф намудани ин Фариштаро исботшуда намеҳисобанд. Аммо якчанд далелҳои боварибахш ҳастанд, ки Ӯ маҳз Худи Худо аст. Шояд, воқеаи муҳимтарин чанде пас аз он, ки Худо ба Мусо шариатро дод, рӯй медиҳад. Ҳангоме ки исроилиён барои рафтан ба Замини ваъдашуда тайёрӣ мебинанд, Худо ба Мусо мегӯяд:

> Инак, Ман фариштае пешопеши ту мефиристам, то ки туро дар роҳ нигаҳбонӣ карда, ба маконе ки муҳайё намудаам, бирасонад. Аз вай эҳтиёт шав ва ба овозаш гӯш деҳ; ба вай мухолифат нанамо, зеро ки вай аз гуноҳи шумо нахоҳад гузашт, чунки номи Ман андаруни вай аст. Агар ту ба овози вай гӯш диҳӣ, ва ҳар

он чи Ман бигӯям, ба ҷо оварӣ, он гоҳ Ман ба душманони ту душман хоҳам буд, ва ба бадхоҳонат бадхоҳӣ хоҳам кард. (Хуруҷ 23:20-22).

Ин фариштаи ғайриоддӣ аст. Ин Фаришта метавонад гуноҳҳоро бахшад (ё набахшад). Ин Фаришта дар худ номи Худоро дорад. Ин ифода аҷиб аст, аммо он хеле муҳим мебошад. «Ном» дар Аҳди Қадим воситаи ишора кардан ба Худи Худо, ба ҳузури Худо ё ба моҳияти Худо буд. Масалан, Ишаъё 30:27-28 «Ном»-и Парврдигорро шахсият – Худи Худо меномад:

Инак, номи Парвардигор аз дурдаст меояд, ғазаби Ӯ аланга мезанад, ва дуди ғализе аз он боло мебарояд; лабҳои Ӯ пур аз хашм аст, ва забони Ӯ мисли оташи сӯзон аст. Ва нафаси Ӯ мисли селоби саршор аст, ки то ба гардан мерасад, то ки халқҳоро ғалбер карда ба дараҷаи нестӣ расонад, ва лаҷоми гумроҳиро ба даҳони қавмҳо андозад.

Ҳатто ҳозир яҳудиёни диндор Худоро ҳа-Шем («Ном») меноманд.

Дигар далели он ки ин Фаришта Худо дар симои инсонӣ буд, муқоисаи Хуруҷ 23:20-22 бо дигар порчаҳо аст. Маҳз Фаришта, ки бо Мусо дар буттаи фурӯзон гап мезад, Фариштае ки дар он номи Худо сокин буд, исроилиёнро аз Миср баровард ва онҳоро ба Замини ваъдашуда овард (Дов. 2:1-3). Аммо Парвардигор ва ҳузури Ӯ низ ҳамон корро кард (Так. Шар. 4:37-38). Парвардигор, Ҳузур ва Фариштаи Парвардигор – воситаҳои гуногун мебошанд, ки ба ҳамон як Худо ишора менамоянд. Аммо Фаришта дар симои инсонӣ зоҳир мешавад.

Яке аз порчаҳо дар Китоби Муқаддас, ки ин фикрро ба таври боварибахштарин ифода менамояд, ҳамчунин хеле ноаниқ аст. Кам касе онро пай мебарад. Ин саҳна дар бистари марг аст. Пеш аз марги худ Яъқуб фарзандони Юсуфро баракат додан мехоҳад. Дар баракатдиҳии худ ӯ эпизодҳоро аз ҳаёти худ ба ёд меоварад; баъзе аз онҳо воҳӯриҳои ӯ бо Худо мебошанд. Ӯ баракатдиҳии худро ин тавр сар мекунад (Ҳас. 48:15-16):

Ва Юсуфро баракат дода, гуфт: «Он Худое ки пешаш падаронам Иброҳим ва Исҳоқ роҳ мерафтанд, он Худое ки маро аз аввали ҳастиям то имрӯз чӯпонӣ мекунад, он фариштае ки маро аз ҳар бадӣ раҳоӣ медиҳад, ин наврасонро баракат диҳад; ва номи ман ва номҳои падаронам Иброҳим ва Исҳоқ дар онҳо хонда шавад, ва дар байни замин бисёр афзоиш ёбанд».

Аҳамият диҳед, ки дар ояти 16 ӯ чунин дуо мегӯяд: «*Фариштае* ки маро аз ҳар бадӣ раҳоӣ медиҳад, ин наврасонро баракат диҳад …» (курсив илова шудааст). Ӯ чунин намегӯяд: «Бигузор онҳо ин наврасонро баракат диҳанд», мисли он ки дар бораи ду шахсияти алоҳида гап мезада бошад: Худо ва Фаришта. Ӯ онҳоро дар шахси Фаришта муттаҳид карда, чунин дуо мегӯяд: "… *Фариштае* ки маро аз ҳар бадӣ раҳоӣ медиҳад, ин наврасонро баракат диҳад…" ((Ҳас48:16).

Ҷое дар Навишта, ки барои фаҳмидан боз ҳам душвортар аст, – Доварон 6 – даъват шудани Ҷидъӯн аст. Дар он ҷо *ҳар ду* – ҳам Парвардигор, ҳам Фариштаи Парвардигор дар ҳамон як саҳна мебошанд (Дов. 6:22-23). Ҳатто дар Аҳди Қадим Худо беш аз як шахсият буд, ва яке аз ин шахсиятҳо дар симои инсон омад.

## Исо: Калом, Ном ва Фаришта

Тасвирҳои Худо, ки мо то ҳол аз назар гузарондем, бояд ба мо шинос бошанд – онҳо версияҳои аҳдиқадимии он чизҳое мебошанд, ки Аҳди Ҷадид дар бораи Исо мегӯяд.

Иброҳим бо Калом вохӯрд – бо Худо дар симои инсонӣ. Дар Юҳанно 1:1 ҳавворӣ менависад: «Дар ибтидо Калом буд, ва Калом буд бо Худо буд, ва Калом Худо буд». Дар ояти 14-ум Юҳанно мегӯяд, ки «Калом ҷисм гардид ва дар миёни мо сокин шуд». Ҳангоме ки яҳудии асри якум Инҷили Юҳанноро мехонд, ӯ Худоеро ба ёд меовард, ки чун Калом меомад. Исо ҳатто мегуфт, ки Иброҳим «рӯзи Ӯро дид», ва Ӯ ҳанӯз пеш аз Иброҳим буд (Юҳанно 8:56-58).

Мусо бо Фариштаи Парвардигор вомехӯрд – бо Худо дар симои инсонӣ, ки дар буттаи фурӯзон, ва низ ва пас аз он зоҳир шуд. Фаришта Исроилро аз Миср баровард ва ба Замини ваъдашуда овард. Лекин Яҳудо дар номаи кӯтоҳи худ навиштааст: «Ман он чиро, ки медонед, мехоҳам ба шумо хотиррасон намоям, ки агарчи Худованд қавмро аз замини Миср халос кард, сонӣ беимононро ба ҳалокат расонд» (1:5). Он Фаришта Худо дар симои инсонӣ буд. Он Фаришта – Шахсияти дуюми Ваҳдати Сегона – Ҳамонест, ки дертар аз Марями Бокира таваллуд мешавад.

Ҳузури Худо, ва низ Ном ин Фариштаро аз ҳамаи дигарон фарқ мекунонад. Дар Аҳди Ҷадид гоҳо Исо Худо Падарро Ном мегӯяд. Дар боғи Ҷатсамонӣ – пеш аз он ки Ӯро барои маҳкум кардан ва ба салиб кашидан дастгир карданд – Исо чунин дуо гуфт: «Ва акнун Ту, эй Падар, Маро назди Худ ҷалол деҳ бо ҳамон ҷалоле ки пеш аз ҳастии ҷаҳон назди Ту доштам. Номи Туро ба одамоне ки аз ҷаҳон ба Ман додӣ, шиносондам… Ва Ман ба онҳо номи Туро шиносондам …» (Юҳ. 17:5-6, 26). Ӯ бо ибораи охирин чӣ гуфтанӣ буд? Исо нагуфт, ки Ӯ ба одамон фаҳмонд, ки Худо чӣ ном дорад. Онҳо яҳудиён буданд. Онҳо бе ин ҳам медонистанд, ки Худо чӣ ном дорад – Яҳве. Онҳо Аҳди Қадимро доштанд. Онҳо номи Худоро дар ҳазорон оятҳо хонда метавонистанд. Ҳангоме Исо гуфт, ки номи Худоро ба одамон зоҳир намуд, Ӯ дар назар дошт, ки ба онҳо Худи Худоро зоҳир намуд. Дар пеши назари одамон Худи Худо буд. Исо Номе буд, ки ҷисм гардид.

Чаро ин муҳим аст?

Мо аллакай дар омӯзиши худ хел пеш рафтаем, то он чиро, ки дар Китоби Муқаддас рӯй медиҳад, бубинем. Ҳамаи воқеаҳои маълуми Китоби Муқаддас дар заминаи зиддияти рӯҳонӣ дар ҷаҳони нонамоён рӯй медиҳанд. Ин муборизаи худоён то ғалабаи ниҳоӣ аст.

Мувофиқи нуқтаи назари библиявӣ ба ҷаҳони нонамоён, Худо душманони ҷиддӣ дорад – худоёни дигар, ки Ӯ онҳоро офаридааст. Онҳо замоне ба Ӯ вафодор буданд, аммо баъд қарор доданд бо роҳи худ раванд. Ин худоёни исёнкорро Павлус чунин тасвир мекунад: сарвариҳо, ҳукуматдориҳо, салтанатҳо ва тахтҳои торики олами нонамоён (Эфс. 6:11; Қӯл.1:16). Онҳо ҳанӯз вуҷуд доранд. Дар ҳеҷ ҷои Аҳди Ҷадид гуфта нашудааст, ки онҳо ба кучое ғайб задаанд. Онҳо ба Подшоҳии Худо мухолифат мекунанд. Мақсади онҳо ин аст – халал расондан ба муттаҳидшавии абадии Ӯ бо оилаи дӯстдоштаи инсонии Худ ба воситаи Инҷил.

Яке аз намояндаҳои ин қувваҳои торикӣ фармонравои марг аст. Аз он замоне ки Одам ва Ҳавво ба васваса дода шуда, намирандагиро аз даст доданд ӯ ба инсоният даъвои қонунӣ дорад. Мақсади ӯ дар ҳамин буд – нобуд кардани халқи Яҳве. Ҳангоме ки исроилиён ба Канъон дохил шуданд, ана ҳамин чиз дар фикрҳои авлодони писарони исёнкори Худо буд: «Бикуш ё кушта мешавӣ». Онҳо бо тамоми қувва мехостанд ба халқи Худо, ки сарзаминро ба даст оварданӣ буд, халал расонанд. Пас аз он ки исроилиён ба сарзамин дохил шуданд, қувваҳои торикӣ боз ҳам ҳамон мақсадро доштанд, лекин онҳо стратегияи худро тағйир доданд: акнун онҳо халқи Худоро ба парастиши худоёни дигар водор менамуданд. «Яҳве Худаш моро аз онҳо раҳо менамояд». Маҳз ҳамин тавр ҳам шуд: Худо халқи Худро бадарға кард.

Аммо қувваҳои торикӣ боз як чизро мефаҳмиданд: Яҳве нияти амалӣ намудани Нақшаи Худро ба осонӣ тарк намекунад. Лаънат бар исёнкори аввал ин пешгӯӣ мекард, ки рӯзе фаро мерасад, ки насли Ҳавво омада, ҳамаи натиҷаҳои гуноҳкоршавӣ дар Аданро бекор мекунад. Онҳо медонистанд, ки боре Ваъдашуда меояд, агарчи то ба охир намефаҳмиданд, ки Худо маҳз чиро ба нақша гирифтааст (1 Қӯр. 2:6-8; Эфс. 3:10; 6:12). Ҳамаи ин аз он сабаб, ки ин сирре буд, ки Худои Таоло аз ҳама ниҳон дошта буд.

БОБИ **ҲАФТУМ**

# Қоидаҳои бурдани ҷанг

Қиссае ки мо то ҳол аз назар гузарондем, ин аст: Худо халқҳоро дар Бобил рад кард. Дигар худоёни мартабаашон поёнӣ, ки ин халқҳо ба ихтиёрашон дода шуданд, бар онҳо ҳукмронӣ намуданро сар мекунанд (***Так. Шар.32:8-9***). Ҳангоме ки Худо Иброҳимро даъват карда, ҳама корро аз нав сар кард, аён аст, ки Ӯ халқҳоро ба воситаи таъсире ки Исроил ба онҳо расонида матавонист, баргардонданӣ буд (***Заб. 82:6-8***). Ин нақша ихтилофро – ҳам дар соҳаи намоён, ҳам дар соҳаи нонамоён – дар бар мегирифт. Ҳамин ки Исроил пайдо шуд, ҳамон замон ҳадафи ҳуҷумҳои дигар худоён гардид.

## Яҳве кист?

Ҳамин ки ҳикоят дар бораи Исроил сар шуд, дарҳол он ба вазъияти мушкил меафтад. Қиссаи Юсуф (***Ҳас. 37-50***) мефаҳмонад, ки чӣ тавр Исроил ба Миср омад. Пешбинии Худо зарареро, ки бародарони Юсуф ба ӯ расонданӣ буданд, ба наҷоти Исроил аз гуруснагӣ табдил дод (***Ҳас. 46:3-4***; **50:20**). Худо ба Исроил нафармуд, ки дарҳол аз Миср равад, ва ин мақсади худро дошт. Худо медонист, ки он фиръавне ки Юсуфро иззату ҳурмат мекунад, ба қарибӣ вафот мекунад, ва ба ҷои ӯ душман бармехезад (***Хур. 1***). Ӯ пешакӣ медонист, ки ин фиръавн Исроилро ба меҳнати ғуломона маҷбур мекунад (***Ҳас. 15:13-16***). Худо ҳамчунин медонист, ки ҳангоме вақт фаро мерасад, Ӯ Исроилро аз ғуломӣ озод мекунад (***Ҳас. 46:4***).

Аммо интизор шудан чӣ даркор аст? Худо ҳамеша сабабҳои кофӣ дорад, ки чаро Ӯ ба азобҳо роҳ медиҳад. Мо, албатта, мехоҳем, ки ҳарчи зудтар ин сабабҳоро фаҳмем. Дар мавриди додашуда Навишта дар бораи онҳо возеҳу равшан хабар медиҳад.

Пас аз он ки Мусо аз Миср гурехта, дар биёбон сокин шуд, Худо ӯро аз буттаи фурӯзон даъват намуд (***Хур. 3:1-14***) ва гардонда ба Миср фиристод. Худо фармонҳои оддӣ дод: «Ба фиръавн бигӯй: «Қавми маро равона кун» (**Хур.5:1**). Фиръавн дар ин хусус фикри дигар дошт. Дар Миср ӯ худо дар ҷисми одамӣ, таҷассуми тамоми ҷалол ва қудрати дунявӣ ҳисобида мешуд. Ӯ намехост роҳ диҳад, ки кадом як Худои нонамоёни чӯпонони яҳудӣ ба ӯ гӯяд, ки бояд чӣ кор кунад. Ӯ ҳатто ба ҳақиқатан вуҷуд доштани Худои Мусо шубҳа дошт. Фиръавн бо тамасхур ҷавоб дод: «Парвардигор кист, ки ба овозаш гӯш дода, Исроилро равона кунам?» (***Хур. 5:2***).

Ба зудӣ фиръавн ҷавоб ба даст меоварад – ҷавобе ки барои ӯ хеле дарднок хоҳад буд. Худо ба Мусо гуфт: «Ман дили ӯро сахт мекунам, ва ӯ қавмро равона намекунад» (***Хур. 4:21***). Худо муҳорибаро сар кард. Пас аз зулму истисмори чандинасраи халқи Исроил замони он расид, ки Миср ва худоёни он барои амалҳои худ ҷазо дода шаванд. Дилсахт шудани фиръавн як қисми ин ҷазо буд. Китоби Муқаддас изҳор менамояд, ки ҳамаи балоҳо зидди худоёни Миср нигаронида шуда буданд. Аммо хусусан ин ба балои охирин – ба марги нахустзодаҳо дахл дорад (***Хур. 12:12***; ***Ад. 33:4***). Ин бало ҳуҷуми бевосита зидди хонадони

фиръавн буд: «Ва нисфи шаб чунин воқеъ шуд, ки Парвардигор ҳамаи нахустзодагони замини Мисрро, аз нахустзодаи фиръавн, ки бар тахт нишаста буд, то нахустзодаи асире ки дар зиндон буд, ва ҳар нахустзодаи чорпоёнро зарба зад» (***Хур. 12:29***).

Фиръавн Худоро масхара мекард, лекин вазъият комилан дигаргун шуд, ва на ба фоидаи ӯ. Чунон ки дертар Павлус гуфт: «Фирефта нашавед: Худо намегузорад, ки Ӯро масхара кунанд. Зеро он чи одамизод мекорад, ҳамонро медаравад» (***Ғал. 6:7***). Зарба ба Миср ва озодкунии Исроил натиҷаи дилхоҳ дод. Овоза дар бораи он ки Худои Исроил ба Миср ва худоёни он чӣ зарбае зад, ба гӯши халқҳои сокини Канъон расид (***Еҳуш. 2:8-10***; муқоиса кунед бо ***Хур. 15:16-18***; ***Еҳуш. 9:9***). Ҳангоме ки Мусо ниҳоят ба назди падарарӯси мидёнии худ Йитрӯ баргашт, он шахс ҷамъбаст намуд: «Акнун донистам, ки Парвардигор аз ҳамаи худоён бузургтар аст, ҳар қадар онҳо худро болобардор кунанд ҳам!» (***Хур. 18:11*** РБО 2011).

Ҳайратовар нест, ки аз баҳри Сурх гузашта, фиръавн ва лашкари ғарқшудаи ӯро махсара карда, Мусо саволи риторикӣ медиҳад: «Кист мисли Ту, эй Парвардигор, дар миёни худоён?» (***Хур. 15:11***).

Аз Миср баромада ва аз баҳри Сурх гузашта, исроилиён медонистанд, ки ба куҷо равонаанд. Онҳо бояд бо Худо дар хонаи онвақтаи Ӯ дар кӯҳи Сино вомехӯрданд.

Дар асл исроилиён дар бораи Худо чизи бисёре намедонистанд. Дар замонҳои Хуруҷ Китоби Муқаддас ҳанӯз мавҷуд набуд. Исроилиён он донишҳоеро, ки дар бораи Худо доштанд, аз қиссаҳое ки аз насл ба насл мегузаштанд, ва онҳо аз волидони худ шунида буданд, ба даст оварда буданд. Ҳозир, ин қиссаро дар Китоби Муқаддас хонда, мову Шумо хуб мефаҳмем, ки Худо чӣ мақсадҳо дошт. Исроилиён бошанд, бояд бисёр чизҳоро меомӯхтанд. Ва Сино барои онҳо як навъ синфхона шуд.

## Исроил – оилаи Худо ва ва намояндагони заминии Ӯ

Пеш аз хуруҷ назди фиръавн ҳозир шуда, Мусо паёми Худоро ба ӯ баён намуд: «Исроил писари нахустзодаи Ман аст... Писарамро равона кун, то ки Маро ибодат намояд» (***Хур. 4:22-23*** РБО 2011). Идея дар бораи он ки Худо писар дорад – дар мавриди додашуда сухан дар бораи ҳамаи авлодони Иброҳим меравад – хеле муҳим аст. Он моро ба он лаҳзае бармегардонад, ки Худо Одам ва Ҳавворо офарид.

Худо мехост оилае аз одамон дошта бошад. Ӯ мехост дар байни офаридаҳои Худ, дар Замин, бо одамоне ки Ӯ офарид, зиндагӣ кунад. Ӯ мехост, ки оилаи нонамоёни Ӯ ва оилаи инсонии Ӯ бо Ӯ зиндагӣ кунанд ва ба Ӯ хизмат намоянд. Ӯ мехост, ки одамон зиёд шаванд, ва тамоми Замин Адан шавад. Аммо ҳангоме ки Худо халқҳоро дар назди бурҷи Бобил рад кард, то даме ки Ӯ Иброҳимро даъват намуд, фарзандон надошт. Исроил оилаи нави Худо шуд. Вақти баргаштан ба нақшаи ибтидоӣ фаро расид. Чунон ки Одам ва Ҳавво сурат ва шабоҳатҳои заминии Худо буданд, Исроил низ бояд ин нақшро мебозид.

Сафар ба сӯи Сино бозгашт ва хона буд. Шӯрои осмонӣ низ дар он ҷо буда, мушоҳида менамуд, ки чӣ тавр нақшаи Худо амалӣ шуда истодааст. Онҳо шоҳидони аҳд – аҳди Шариат байни Худо ва одамони Ӯ шуданд.

## Шариати Худо аз ҷониби шӯрои илоҳӣ дода шуд

Оё аз он фикр ҳайрон нашудед, ки ҳангоме Худо Даҳ Фармударо медод, шӯрои илоҳӣ дар Сино ҳузур дошт? Агар Шумо ягон вақт кинофилмҳоро дар бораи Хуруҷ ва сафари Исроил ба сӯи Сино тамошо карда бошед, албатта дар онҳо ҳеҷ гуна фариштаҳоро надидед. Лекин Китоби Муқаддас изҳор менамояд, ки онҳо дар он ҷо буданд. Ҳатто гуфта шудааст, ки маҳз онҳо Шариати Худоро доданд (***Аъм. 7:52-53***; ***Ибр. 2:2-1***).

Ҳамчунин Навишта мегӯяд, ки Шариат бо «ангушти Худо» навишта шуда буд (***Так. Шар. 9:9-10***). Ин забон бояд аллакай барои мо шинос бошад. Сухан дар бораи Худо дар симои инсонӣ меравад. Айнан ҳамон тавре ки дар қиссаҳо дар бораи Фариштаи Парвардигор дар китоби Ҳастӣ буд, дар он ҷо, дар Сино, Худо чун инсон зоҳир шуд. Ӯ ва лашкари осмонии Ӯ Шариатро ба Мусо ва Исроил доданд.

Пас аз дода шудани Шариат, Мусо, Ҳорун, писарони Ҳорун, ва низ ҳафтод нафар пирони Исроил боз Худоро дар симои инсонӣ диданд. Ин дафъа онҳо барои хӯрокхӯрӣ вохӯрданд (***Хур. 24:9-11***). Чунон ки Шомхӯрии Пинҳонӣ дар замонҳои Исо мӯҳри Аҳди Ҷадид дар хуни Ӯ шуд, ин хӯрокхӯрӣ низ ҷашнгирии аҳди нав бо Исроил дар Сино буд – аҳди Шариат.

Худо ба Исроил Шариатро дод, то ки онҳо муқаддас бошанд (***Иб. 19:2***). Ӯ мехост, ки Исроил аз дигар халқҳо ҷудо карда шавад, то ки ҳама дар онҳо оили Ӯро баръало дида тавонанд. Чунон ки Худо аз ҳамаи дигар худоён тамоман фарқ дошт, аз тамоми чизҳои заминӣ ҷудо буд, халқи Худо низ бояд аз ҳамаи халқҳои дигар фарқ мекард.

Муқаддасӣ чист? Ин калима чӣ маъниро дар бар мегирад? Муқаддасӣ аҷиб будан нест. Муқаддасӣ ин аст: бо Парвардигор ҳамонанд будан, ба Ӯ бахшида шудан ва ҳаловат бурдан аз ҳамаи хушиҳои ҳаёт, ки ба ҳамаи онҳое ки дар пеши Ӯ росткоранд, ҳамроҳӣ мекунанд. Худо мехост, ки Исроил дигар халқҳоро ҷалб намояд, то ки онҳо назди Ӯ баргарданд (***Так. Шар. 4:6-8***; ***28:9-10***). Аз ҳамин сабаб Навишта Исроилро «подшоҳии коҳинон» (***Хур. 19:6***) ва «нур барои халқҳо» меномад (***Иш. 42:6***; ***49:6***; нигаред ҳамчунин ***51:4***; ***60:3***). Тамоми халқ даъвати Иброҳимро – барои ҳамаи халқҳо баракат шуданро ба мерос гирифт (***Ҳас. 12:3***).

## Вафодорӣ ва Садоқат

Дар назди Худо росткор будан яке аз воситаҳои тасвир намудани наҷот аст. Лекин бо вуҷуди он чи бисёр вақт дар мактаби якшанбегӣ таълим медиҳанд, исроилиён ба воситаи итоаткорӣ ба қоидаҳо ё ба воситаи риояи Шариат наҷот намеёфтанд. На дар Аҳди Қадим,

на дар Аҳди Ҷадид наҷотро бо амалҳо ба даст овардан ё ҳатто сазовор шудан ғайриимкон аст. Наҷот бо файзи Худо дар ҷавоби имон дода мешуд.

Ҳам исроилиён, ҳам касоне ки аллакай пас аз марг ва эҳёи Масеҳ таваллуд шуда буданд, бояд имон медоштанд. Онҳо бояд бовар мекарданд, ки Худои онҳо Худои худоён аст, онҳо мебоист бовар мекарданд, ки Ӯ онҳоро халқи Худ гардонд. Фақат онҳо ба Худои худоён дастрасӣ доштанд. Исроилиён бо ёрии Шариат наҷот ба даст намеоварданд. Бо риояи Шариат исроилиён садоқатро ба он Худое ки онҳо ба Ӯ бовар мекарданд, нишон медоданд. Наҷот барои исроилиён дар бовари ба ваъдаҳои Худо, дар бовари ба хислати Худои худоён, ва низ дар парастиш накардани худоёни дигар буд. Маъно дар имони самимӣ ва садоқат буд, на дар дарёфт намудани баллҳои наҷотдиҳанда аз Худо.

Подшоҳ Довуд корҳои хеле бад мекард: зино кард, кушторро ташкил намуд (***2 Подш. 11***). Мувофиқи Шариат ӯ ҷинояткори сазовори марг буд. Бо вуҷуди ин, ӯ ҳеҷ гоҳ дар имони худ ба Яҳве чун ба Худои тавоно дудила намешуд. Ӯ ба худои дигар садоқат зоҳир намекард. Аз ҳамин сабаб Худо ба ӯ марҳамат менамуд.

Ҳаминро дар бораи Аҳди Ҷадид низ гуфтан мумкин аст. Бовар кардан ба Инҷил – бовар кардан ба он аст, ки Худои Исроил ба Замин чун инсон омада, соҳибихтиёрона Худро дар салиб барои гуноҳҳои мо қурбон намуд ва дар рӯзи сеюм эҳё шуд. Мо бояд ҳамаи инро бо имон қабул намоем ва баъд худоёни дигарро рад карда, ба Исо вафодор бошем. Новобаста ба он ки ин худоён дар бораи наҷот чӣ мегӯянд, Китоби Муқаддас изҳор менамояд, ки дар ҳеҷ номи дигар наҷот нест, наҷот танҳо дар номи Исо аст (***Аъм. 4:12***). Ғайр аз ин, Навишта таълим медиҳад, ки инсон бояд то охир дар имон бошад (***Рум. 11:17-24***; ***Ибр. 3:19***; ***10:22***, ***38-39***). Ба гуноҳ афтодан – Исоро ба худои дигар иваз кардан нест. Худо дар ин ду чиз фарқи зиёдро мебинад.

## Чаро ин муҳим аст?

Бисёре аз он чи дар Хуруҷ ва дар Сино рӯй дод, хеле рамзӣ аст. Дарҳол саҳна дар Сино пеши назар меояд, ки он ҷо Мусо ва дигарон бо Худо дар симои инсонӣ хӯрок мехӯранд. Бо Мусо дар он ҷо боз ҳафтод нафар пирон буданд. Агар Шумо халқҳои дар Ҳастӣ ***10*** номбаршударо ҳисоб кунед, бо ҳайрат ошкор мекунед, ки аз боиси воқеаҳои Бобил Худо маҳз ҳафтод халқро рад кард. Ин халқҳо ба ихтиёри писарони Худо – худоёни мартабаашон поёнӣ дода шуда буданд (***Так. Шар. 4:19-20***; ***32:8-9***). Ин доварии Худо бар халқҳо буд. Пас чаро ҳафтод нафар пирон, ҳафтод писарони Худо ва ҳафтод халқҳои радшуда ҳастанд?

Ин тасодуфӣ нест. Ҳангоме ки Исо химатгузории заминии Худро сар кард, Ӯ ҳафтод нафар шогирдонро барои башоратдиҳӣ фиристод (***Луқ. 10:1***). Ин машқи пешакии Супориши бузург буд. Адади «ҳафтод» хабар медиҳад, ки шогирдони Исо боз халқҳоро барои Подшоҳии Худо хоҳанд талабид. Дар охири замонҳо Подшоҳӣ шакли ниҳоии худро дар Адани умумиҷаҳонӣ хоҳад гирифт (***Ваҳй 21-22***). Такроршавии адади «ҳафтод» паёми махсус дорад: оилаи нави Худо дар Замин – Исроил, яъне фарзандони Иброҳим, – он асбобе хоҳад буд, ки бо ёрии он Худо чизи аз даст додаашро бозмегардонад.

Аммо ин ҳам ҳанӯз охири кор нест. Ҳаворӣ Павлус дар нома ба ***Ғалотиён 3*** менависад, ки имондорон ворисони ваъдаҳои ба Иброҳим додашуда мебошанд. Касоне ки ба Исо имон доранд, аз рӯи имон фарзандони Иброҳим ҳастанд (***Ғал. 3:26-29***). Ин маънои онро дорад, ки Шумо ва ман аз Худо супорише дорем – халқҳоро аз худоён кашида гирифтан. Вазифаи мо одамонеро, ки дар ғуломии рӯҳии дигар худоён ҳастанд, ба имон ба Исо овардан аст. Мо шӯрои нави илоҳӣ дар Замин, шӯрои инсонӣ ҳастем. Ва ҳангоме ки мо ҷалол меёбем, ба оилаи илоҳии Ӯ дар Адани нав ҳамроҳ мешавем.

Китоби Муқаддас дар бисёр порчаҳо дар бораи ин идеяҳо хабар медиҳад. Масалан, дар китоби Ваҳй гуфта шудааст, ки мероси имондорон подшоҳӣ бо Исо бар халқҳо дар охири замонҳо хоҳад буд (***Ваҳй 3:21***). Ин маънои онро дорад, ки мо ҷои он писарони Худоро, ки аз замонҳои бурҷи Бобил бар халқҳо ҳукфармо буданд, мегирем. Аз ҳамин сабаб Юҳанно мегӯяд, ки имондорон қудрат дод, ки писарони Худо бошанд (***Юҳ. 1:12***; муқоиса кунед бо ***1 Юҳ. 3:1-3***). Дар рӯзҳои охирин мо ҷои он писарони илоҳии Худоро, ки ба Ӯ душман шуданд, ишғол мекунем.

Аз ҳамин сабаб Павлус низ, барои ҳалли масъалаҳои баҳснок ба маҳкамаҳои дунявӣ мурочиат кардани имондоронро манъ намуда, менависад: «Магар намединед, ки мо фариштаҳоро доварӣ хоҳем кард?» (***1 Қӯр. 6:3***). Ҳангоме ки мо дар замини нав илоҳӣ мешавем (ҷалол меёбем), *аз ҷиҳати мартаба аз фариштаҳо болотар мешавем*. Боре мо монанди Исо мешавем (***1 Юҳ. 3:1-3***; ***1 Қӯр. 15:35-49***) ва бо Ӯ бар халқҳо ***Ваҳй 2:26***), ки ҳозир зери итоати худоёни мухолифи Худо ҳастанд, подшоҳӣ мекунем. Имондорон – авлодони рӯҳонии Иброҳим – дар ниҳояти кор халқҳои радшударо填 бармегардонанд, ва лаънатро – лаънати маргро, ки инсоният аз замонҳои гуноҳкоршавӣ дар Адан тобеи он буд, паси сар мекунанд.

Мо бояд мувофиқи таъйинотамон зиндагӣ кунем. Ҳама чиз дар нақшаи Аҳди Қадим сӯи мо мебарад. Аданро ба ёд оваред. Худо мехост ду оила дошта бошад: яке – илоҳӣ, дигаре – инсонӣ. Ӯ мехост, ки ин ду оила дар Адан зиндагӣ ва подшоҳӣ кунанд. Ин нақша аз боиси гуноҳкоршавӣ вайрон шуд, аммо бо озодшавии Исроил аз асорати мисрӣ барқарор карда шуд. Аз фарзандони Иброҳим Масеҳ ба миён меояд, ки натиҷаҳои фурӯ ғалтидан дар Аданро нобуд мекунад (***Ҳас. 3:15***). Бе Исроил мо ҳеҷ гуна таъйинот намедоштем.

Маҳз аз ҳамин сабаб худоён ва пайравони онҳо боз кӯшиш карданд Исроилро аз рӯи замин маҳв кунанд.

БОБИ **ҲАШТУМ**

# Ҳудуди муқаддас

Исроилиён дар назди Сино тақрибан як солро гузаронданд. Чаро ин қадар муддати зиёд? Охир онҳо аллакай бо Худо аҳд бастанд ва Даҳ Фармударо гирифтанд. Лекин онҳо бояд боз бисёр чизро меомӯхтанд. Ваъдаи имон доштан ва ба Худои падаронашон – Худои Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб вафодор будан як чиз аст, ва донистани он ки Худо чӣ гуна аст ва Ӯ чиро интизор аст – чизи дигар.

## Консепсия муқаддасӣ

Бисёре аз он қонунҳо ва амалияҳои дар Аҳди Қадим додашуда аз боиси зарурати ба халқ омӯзондани ҳақиқате дода шуда буд, ки Худо тамоман ба ҳеҷ чизи дигар монанд нест. Ӯ аз ҷиҳати табиат ва хислати Худ беназир (нотакрор) аст. Ӯ аз инсон ва аз ҳама чизи дигар тамоман фарқ дорад. Худо дигар аст. Исроил бояд ин ҳақиқатро доимо дар мадди назар медошт. Вагарна исроилиён Худоро як чизи муқаррарӣ ҳисобида метавонистанд.

Калимаи Китоби Муқаддас, ки идеяи мутлақо дигар будани Худоро ифода мекунад, калимаи «муқаддасӣ» мебошад. Маънои он «ҷудошуда будан» ё «аз дигарон фарқ доштан» аст. Ҳатмӣ нест, ки ин консепсия идеяи рафтори ахлоқиро ифода кунад, агарчи, албатта, чунин рафтор як ҷузъи он мебошад (***Иб. 19:2***).

Ба исроилиён додани маънидоди ақлонии муқаддасӣ барои Худо кифоя набуд. Ӯ мехост, ки консепсияи *дигар хел будани* Ӯ ҳаёти Исроили қадимиро пурра фаро гирад. Китоби Муқаддас таълим медиҳад, ки ин мақсад бо ёрии маросимҳо (амалҳои рамзӣ), ва низ қоидаҳое ки наздикшавӣ ба ҷойҳои муқаддасро ба низом медароварданд, ба даст омада буд.

## Худо ба кадом маъно – “дигар”?

Агар ба ин савол ҷавоби мухтасар диҳем, Ӯ комилан ба ҳамаи маъноҳо дигар аст. Аммо ин ҷавоб беҳад абстрактӣ аст. Китоби Муқаддас китоби бештар мушаххас аст, маросимҳо ва қоидаҳое ки ба ҷамъияти Исроил дода шуда буданд, инро возеҳу равшан инъикос мекунанд.

Масалан, Китоби Муқаддас таълим медиҳад, ки Худо на танҳо сарчашмаи ҳаёти Исроил аст, Ӯ худи ҳаёт аст. Замин ҷоест, ки дар он марг, беморӣ, нокомилӣ ҳаст. Худо на аз ин ҷаҳон аст. Ҷаҳони ӯ фавқуттабиӣ аст, ҷаҳони мо – заминӣ. Ҳудуде ки Худо ишғол мекунад, ҳатто бо вуҷуди он ки он дар Замин аст, ба шарофати ҳузури Ӯ муқаддас ва *дигар* мешавад. Ҳудуде ки мо ишғол мекунем, – як чизи муқаррарӣ аст. Ва Худо бар акси муқаррарӣ аст.

Дар Исроили қадимӣ ин идеяҳо ва таври махсус расонида мешуданд: барои даромадан ба он ҷое ки Худо ҳаст, халқи Исроил бояд даъват карда мешуд ва пешакӣ пок мешуд. Бисёре аз қоидаву қонунҳои Аҳди Қадим ин покшавиро ба низом медароранд.

Агар исроилиён ба шартҳои даркорӣ мувофиқат надошта бошанд, метавонистанд «аз салоҳият маҳрум карда шаванд»: метавонистанд аз имконияти даромадан ба ҳудуди муқаддас маҳрум карда шаванд («нопок» шаванд). Секс, хунравӣ, нуқсонҳои муайяни ҷисмонӣ, расидан ба ҷасади мурдаи инсон ё ҳайвон – ҳамаи инҳо исроилиро нопок мекарданд. парандагони соҳибчанголи мурдахӯрро (масалан, лошахӯр, ғалевоч; ***Иб. 11:13-19***), ё ҳайвонотеро, ки бар ҷасадҳо вохӯрдан мумкин буд (калтакалосҳо, мушҳо; ***Иб. 22:24-40***) хӯрдани исроилиён номумкин буд.

Дар мавриди додашуда нопокӣ ба ахлоқ муносибат надошт, аммо ба номувофиқат ба камолоти Худо ва аз даст додани ҳаёт дахл дошт. Бо вуҷуди он ки мантиқ ин ҷо содда аст, барои инсони ҳозиразамон ҳамаи ин тамоман бегона метобад. Дар он замон хунравӣ ё рехтани моеъҳои ҷинсӣ чун аз даст додани як чизе ҳисобида мешуд, ки ҳаётро ба вуҷуд меоварад ва дастгирӣ мекунад. Худо бошад бо аз даст додани ҳаёт ҳеҷ умумият надошт. Ӯ диҳандаи ҳаёт аст. Талаботи покшавӣ пас аз рехтани ин моеъҳо табиати Худоро ёдрас менамуд. Ҳамин гуна покшавӣ ҳамчунин пас аз он талаб карда мешуд, ки шахс аз боиси расидан ба ҷасади мурда нопок мешуд. Ҳамчунин агар шахс ягон хел нуқсон ё ҷароҳати ҷисмонӣ дошта бошад, имкон дошт, ки ба ҷойҳои муқаддаси Исроил роҳ дода нашавад. Дар ин маврид нокомилии ӯ бо камолоти Худо мувофиқат надошт.

Ҳамаи ин қонуну қоидаҳо бояд боиси он мешуданд, ки исроилиён ҷаҳонбинии фавқуттабиӣ пайдо кунанд.

## Ҳалли масъалаи нопокӣ

Нопокӣ, ки аз боиси он исроилии қадимӣ ба ҳудуди муқаддас наздик шуда наметавонист, барои ӯ мушкилии хеле ҷиддӣ буд. Аз боиси нопокӣ ӯ наметавонист ба маконе ки барои ин муқаррар шуда буд, қурбониҳо ва ҳадияҳо оварад. Ҳалли масъала – маросими покшавӣ буд, ки қурбониҳои махсус ва давраи интизориро дар бар мегирифт.

Мантиқи қурбонии хунин – ба шахс ё ба ашё молидан ё пошидани хун барои покшавии онҳо ва барқарор намудани имконияти дохилшавӣ ба ҳудуди муқаддас – барои мо бегона аст. Аммо қурбониҳои хунин мақсади илоҳиётӣ доштанд: онҳо моро бо консепсияи ивазкунӣ шинос мекунанд. Хун қувваи ҳаётӣ мебошад (***Иб. 17:11***). Ҳангоме ки ҳайвон аз ҳаёт маҳрум карда мешуд, ин бояд дарси муҳимеро таълим медод: агар мо на бо шартҳое ки Худи Худо додааст, балки бо ҳар гуна шартҳои дигар назди Ӯ оем, барои мо ин фақат як маъно дошта метавонад – марг. Хуни қурбонӣ барои шахси исроилӣ ивазкунандае буд, то ки масъалаи нопокии ӯ ҳал карда шавад.

Дарси омӯхтанӣ он аст, ки Худо ба шарофати қурбонии ивазкунанда ҳаёти шахси исроилиро *маҳфуз медошт*. Ҳаёти инсон аз ҳаёти ҳайвон муқаддастар аст, чунки инсон ба сурат ва шабоҳати Худо офарида шудааст (**Ҳас. 1:26**; 9:6). Маҳз ба шарофати дахолати Худо, ки ба Иброҳим ва Соро имконияти ба вуҷуд овардани кӯдакро дод, исроилиён пайдо шуданд (Ҳас. 12:1-3). Аммо ҳаёти инсон дар ҳузури Худои қуддус дар хатар буд. Қурбониҳо ба исроилиён ёдрас мекарданд, ки Худо бар ҳаёт ва марг ихтиёрдор аст, ва Худо қарор дод ба онҳо марҳамат намояд.

## Осмонҳо (ва дӯзах) дар Замин

Комилан дигар будани Худо ба мо ҳақиқатҳои муайянеро натанҳо дар бораи Ӯ, балки ҳамчунин дар бораи ҳудуди фавқуттабиӣ мерасонад. Тасаввурот дар бораи «фарқи ҷаҳонҳо» барои ҷаҳонбинии фавқуттабиии Исроил фундаменталӣ буд. Агар ҷое ки Худо сокин буд, муқаддас бошад, пас тамоми қисми боқимондаи Замин муқаддас набуд. Ин ё Замини муқаррарӣ буд, ё чун дар баъзе мавридҳо, душманона буд.

Ҳузури Худо ёдрасӣ дар бораи Адан буд. Бисёр ҷузъиёти хаймаи ҷомеъ ва парастишгоҳ барои он сохта шуда буданд, ки ба одамон дар бораи Адан ёдрас намоянд – дар бораи ҷое ки осмонҳо ва замин бо ҳам вомехӯрданд. Чароғдони тилло, аз рӯи ҳамонандӣ ба дарахти ҳаёт дар Адан, дар шакли дарахт сохта ва ороиш дода шуда буд (***Хур. 25:31-40***). Он дар пеши парда меистод ва роҳро ба қудси қудсҳо – ҷое ки сандуқи аҳд буд, ва сарпӯши он вазифаи тахти Худоро иҷро мекард, мебаст (***Хур. 25:10-22***).

Каррубиён дар қудси қудсҳо – ҳамчунин ишораи ошкоро ба Адан аст. Каррубӣ дар Адан маҳалли сукунати Худоро посбонӣ мекард (***Ҳас. 3:24***). Каррубиён дар қудси қудсҳо сарпӯши сандуқи аҳдро посбонӣ мекарданд (***Хур. 25:18-20***). Дертар, ҳангоме ки Сулаймон парастишгоҳро сохт, хаймаи ҷомеъ ба даруни парастишгоҳ гузаронда шуд, ва ду каррубии азим бар сандуқи аҳд гузошта шуданд. Акнун каррубиён тахт буданд, ва сандуқи аҳд – қадамгоҳи Худо (***1 Вақ. 28:2***).

Парастишгоҳ ҳамчунин дар шакли боғи Адан ороиш дода шуда буд. Он пур аз тасвирҳои ҳайвонот ва растаниҳои зиёд буд (***3 Подш. 6-7***). Гулҳо, нахлҳо, шерҳо, анорҳо як қисми ансамбли меъморӣ буданд. Ҳамаи ин ёдрасии намоён буд дар бораи он макон дар Замин, ки ба он ҷо бори аввал Худо барои он омад, ки бо оилаи инсонии Худ бошад.

Исроилиён ҳамчунин ба ёдрасӣ дар бораи тарафи торики ҷуғрофияи кайҳонӣ эҳтиёҷ доштанд. Дар ҳоле ки бошишгоҳи исроилиён, ва дертар тамоми ҳудуди давлати Исроил, замини муқаддас – хонаи Худо ва халқи Ӯ буд, замини берун аз ин ҳудуд – замини номуқаддас аст. Хеле пештар аз Сино Худо халқҳоро рад кард ва онҳоро ба ихтиёри худоёни дигар дод (***Так. Шар. 4:19-20***; ***32:8-9***). Боре Ӯ ин халқҳоро бармегардонад, лекин дар замонҳои библиявӣ онҳо ҳудуди торикӣ буданд.

Яке аз маросимҳои исроилӣ ин ҳақиқатро ба таври фаромӯшнашуданӣ нишон медод. Иди ҳарсолаи Рӯзи Кафорат (Йом Кипур), ки дар китоби ***Ибодат 16*** тасвир ёфтааст, дарси ҳайратовареро дар бар мегирад, ки ба одамон дар бораи замини муқаддас ва номуқаддас ёрдасӣ мекард.

Ҳангоми ид ду бузро истифода мебурданд. Яке аз бузҳоро ба қурбонӣ меоварданд. Баъд хуни ин бузро ба қудс мепошиданд, то ки тамоми соли оянда онро аз нопокии инсон тоза кунанд. Нарбузе ки ба қурбонӣ оварда мешуд, «барои Парвардигор» буд. Бузи дигарро бошад намекуштанд. Пас аз он ки коҳин ба таври рамзӣ гуноҳҳои халқро ба ин буз мегузаронд, вайро ба биёбон сар медоданд. Ин нарбуз барои «Азозил» буд [4].

Ин Азозил кӣ ё чӣ буд? Баъзе тарҷумаҳо ба ҷои номи Азозил ибораи «нарбузи тарккунанда»-ро истифода мебаранд. Лекин дар лӯлапечҳои баҳри Мурда ин калимаи ибронӣ ном аст – номи дев. Ҳангоми сафар дар биёбон ва сӯи Замини ваъдашуда исроилиён ба девҳо қурбониҳо меоварданд (Иб. 17:7[5]). Онҳо инро аз тарси он мекарданд, ки қувваҳои бадӣ ба бошишгоҳи онҳо таҳдид мекунанд. Ҳақиқатан ҳам, биёбон берун аз бошишгоҳи исроилиён буд, пас он маконе буд, ки қувваҳои бадӣ сокин буданд. Аммо амалияи ба девҳо қурбонӣ овардан бояд қатъ мегардид. Нарбуз барои Азозил бояд ин мушкилиро ҳал мекард. Лекин бояд фаҳмид, ки нарбуз барои Азозил қурбонӣ ба худоёни бад набуд. Ин бузро ба қурбонӣ намеоварданд. Бузро ба биёбон сар додан – ба таври рамзӣ аз гуноҳ пок кардани замини муқаддас (бошишгоҳи исроилиён) буд.

## Чаро ин муҳим аст?

Бисёр чизҳо дар Аҳди Ҷадид тағйир ёфтанд. Лекин бисёр чизҳо чун пештара боқӣ мондаанд. Худо ҳанӯз ҳам мутлақо *дигар* аст. Қудсияти ӯ талаб мекунад, ки мо ҳангоми даромадан ба ҳузури Ӯ пок бошем. Барои мо ин бо имон ба он чи Исо дар салиб ба амал овард, амалӣ мегардад.

Ҳамаи ин чи Исо ба хотири мо ба амал овард, тобишҳои фавқуттабиӣ дорад. Ӯ ба биёбон баромад – ба ҷое ки қувваҳои торикӣ буданд – ва ба васвасаи шайтон дода нашуд. Аз пайи ин воқеа хизматгузории Масеҳ сар шуд, ки ғалаба бар иблис – «соҳиби қудрати марг» (***Ибр. 2:14***) нуқтаи авҷи он буд. Исо *берун аз* шаҳри муқаддас ба салиб кашида шуд (***Ибр. 13:12***). Аз боиси он ки гуноҳҳои мо ба Ӯ гузошта шуданд, Ӯ нопок шуд, дар ҳоле ки Уршалим замини муқаддас буд.

Марги Исо ва эҳёи Ӯ моро тақдис менамоянд, барои мо ба ҳузури Худо роҳ мекушоянд. Ӯ гуноҳҳоямонро аз мо дур кард (***Рум. 11:27***; нигаред ҳамчунин ***1 Юҳ. 3:5***). Бо вуҷуди он ки мо гуноҳкорони нопок будем, акнун мо муқаддасон дар Масеҳ ҳастем. Бо вуҷуди он ки мо нокомил ҳастем, ба шарофати Исо ба нокомилиҳои мо аҳамият дода намешавад. Ҳамаи ин ҳақиқатҳо хеле содда, аммо дар айни замон беандоза амиқ мебошанд.

Мо гумон мекунем, ки исроилиён аз бисёр ҷиҳатҳо рӯҳан аз мо имтиёзноктар буданд. Охир, ҳузури Худо дар байни онҳо буд. Онҳо дар чунон ҷаҳоне зиндагӣ мекарданд, ки

[4] Бигузор ӯ ҳамчунин ду нарбузро гирифта, ба ҳузури Парвардигор, назди дари хаймаи ҷомеъ гузорад, ва нишон диҳад, ки ба ҳар яки онҳо чӣ қуръа баромад: як қуръа барои Парвардигор муқаррар шудааст, ва як қуръа барои Азозил. (***Иб. 16:7-8*** РБО 2011)

[5] Ва бигузор минбаъд ба нарбузҳо қурбониҳо набиёранд, бо онҳо зино накунанд! (***Иб. 17:7*** РБО 2011).

унсурҳои фавқуттабиӣ, ҷуғрофияи кайҳонӣ воқеӣ буданд. Мо тасаввур мекунем, ки агар он чиро, ки онҳо доштанд, медоштем, агар ҳамон ёдрасиҳоро дар бораи Худо медоштем, рӯҳонитар мебудем, бештар ба Худо дода мешудем.

Лекин Аҳди Ҷадид изҳор менамояд, ки *мо ҳамаи инҳоро дорем*.

Ба мо хаймаи ҷомеъ ё парастишгоҳ даркор нестанд, то фаҳмем, ки ҳудуди муқаддас дар куҷост. Баданҳои мо ҳудуди муқаддас мебошанд. Павлус баданҳои заминии моро «хайма» меномад (***2 Қӯр. 5:4***), чунки мо пур аз ҳамон ҳузури Худо ҳастем, ки қудси қудсҳоро дар хаймаи ҷомеъ ва дар парастишгоҳ пур мекард (***Рум. 8:9-11***). Дар ниҳояти кор бадани мо, хонаи заминӣ барои рӯҳи мо, мемирад. Лекин, мо «хонаи бо даст сохтанашуда» (***2 Қӯр. 1-3***), манзили осмонӣ – Адани нав, осмонҳои ба Замин баргашта дорем (***Ваҳӣ 22:1-3***).

Азбаски Худо ба воситаи Рӯҳулқудс ҳозир дар имондорон сокин аст, аз ин рӯ, ҳар як ҷамъомади имондорон замини муқаддас аст. Аз ҳамин сабаб Павлус бо ғаму андӯҳ ба қӯринтиён мегӯяд, ки масеҳиеро, ки дар гуноҳ зиста, тавба накардааст, бадар ронанд ва ӯро ба шайтон супоранд (1 Қӯр. 5:5). Калисо замини муқаддас аст. Берун аз муоширати имондорон ҳудуди шайтон аст. Ҷои гуноҳ бо қувваи худхаробкунандаи он маҳз дар он ҷост.

Вақти он аст, ки ба худ аз нуқтаи назари фавқуттабиӣ нигарем. Шумо фарзанди Худо ҳастед, Шумо писархонди Худо шудаед (***Рум. 8:15***; ***Ғал. 4:5***). Шумо аз қудрати торикӣ раҳо карда шудаед, Шуморо ба Подшоҳии Писари маҳбуб гузарондаанд (***Қӯл. 1:13***).

Ҳеҷ гоҳ, як лаҳза ҳам набояд фаромӯш кунем, ки мо дар Масеҳ кистем, ва ин барои ҷаҳон чӣ маъно дорад.

БОБИ **НӮҲУМ**

# Ҷанги муқаддас

Китоби Муқаддас китобест, ки боиси ихтилоф шуда метавонад. Одамоне ки Китоби Муқаддасро ҳамчун Каломи Худо қабул намекунанд, бисёр вақт зидди он чи дар он гуфта шудааст, эътироз мекунанд. Баъзе қисмҳои Китоби Муқаддас ҳатто масеҳиёнро нороҳат мекунанд. Ҷангҳои Исроил бо мақсади забти Замини ваъдашуда маҳз ҳамин гуна маврид аст.

Чаро? Асосан аз боиси кушторҳо. Ҷангҳои Исроил ба нобудкунии куллӣ монанд мебошанд. Наход лозим буд, ки тамоми аҳолии баъзе шаҳрҳо нобуд карда шаванд – мардон, занон, кӯдакон ва ҳатто чорво? Чаро имкон дода нашуд, ки онҳо таслим шаванд? Магар аз замини ваъдашуда бадар рондани аҳолии маҳаллӣ аз чунин қатли ом беҳтар набуд?

Албатта, ба ҳамаи ин эътирозҳо ҷавоб ҳаст. Лекин ман ошкор намудам, ки ҷавоб ба ин масъала масеҳиёнро беш аз худи масъала нороҳат мекунад. Сабаб ва водоркунандаҳои ҷангҳои истилогаронаро фақат ҳамон вақт фаҳмидан мумкин аст, ки мо онҳоро аз нуқтаи назари ҷаҳонбинии фавқуттабиии Исроил менигарем.

## Мантиқи фавқуттабиии Исроил

Ҷангҳо барои Замини ваъдашуда аз боиси ду омил буданд. Ҳар дуи ин омил бар ин чиз асос ёфтаанд: Исроил он фактро дарк менамуд, ки ҷаҳони онҳо натанҳо маҳалли сукунати одамон, балки ҳамчунин ғанимати ҳарбӣ аст, ки барои он ҷанги нонамоёни рӯҳонӣ бурда мешавад. Мо аллакай дар бораи ин омилҳо гуфта будем, аммо иҷозат диҳед ман боз онҳоро ба шумо ёдрас намоям.

Яке аз омилҳо – натиҷаҳои воқеаҳое мебошанд, ки дар назди бурҷи Бобил рӯй дода буданд. Он вақт Худо қарор дод, ки Ӯ бо халқҳои зидди Ӯ исёнкарда муносибатҳои бевосита нахоҳад дошт. Ба ҷои ин Ӯ аъзоёни шӯрои илоҳиии Худро – писарони Худоро фармонравоёни ин халқҳо таъйин намуд (***Так. Шар. 4:19-20***; ***32:8-9***). Пас аз ин Худо Иброҳимро даъват намуд ва ба ӯ ва ба занаш Соро қувват дод, ки писареро (Исҳоқро) б дунё оваранд, ки аз ӯ дертар халқи Исроил ба вуҷуд меояд.

Аз ***Забур 91 мо ҳамчунин*** фаҳмидем, ки ин худоёни мартабаи поёнӣ фосид шуданд. Онҳо ба беадолатӣ роҳ доданд. Одамон онҳоро ба ҷои Худои Таоло парастиш мекардагӣ шуданд. Ҳамин тариқ, онҳо душманони Худо ва халқи Ӯ – Исроил шуданд. Баъзе аз халқҳое ки зери ҳумронии писарони Худо буданд, дар ҳудуди замини Канъон буданд – замине ки онро Худо ба халқи Худ Исроил пас аз Хуруҷ доданӣ буд. Аз ҳамин сабаб Мусо бо исроилиён боварӣ доштанд, ки халқҳои Канъон душманони қаттоли онҳо мебошанд, ва худоёни ин халқҳо барои нобуд кардани Исроил ҳама кори аз дасташон меомадаро мекунанд.

Омили дуюм барои исроилиён боз бештар тарсовар буд. Беҳтар аз ҳама инро бо он чи ҳангоми ба сарҳади Канъон, ба Замини ваъдашуда, наздик омадани исроилиён рӯй дод, маънидод кардан мумкин аст.

Мусо дувоздаҳ нафар ҷосусонро ба Канъон фиристод, то ки онҳо дар бораи замин ва сокинони он маълумот оваранд. Ҷосусони бозгаштанд ва хабар доданд, ки замин ҳақиқатан хеле хуб аст. Дар он "ширу асал" ҷорӣ буд, чунон ки Худо ваъда дода буд (***Ад. 13:28***). Лекин он чи онҳо пас аз ин нақл карданд, чун таркиши бомба таъсир расонд: **"**Сарзамине ки онро бо мақсади ҷосусӣ карданаш тай намудем, сарзаминест, ки сокинони худро мехӯрад, ва тамоми қавме ки андаруни он дидем, одамони қадбаланданд. Ва дар он ҷо азимҷуссаҳоро[6], писарони Аноқро дидем, ки аз насли азимҷуссаҳоянд[7]**;** ва мо ба назари худ [дар пеши онҳо] чун малах намудем, ва дар назари онҳо низ чунин будем**"** (***Ад.13: 33-34***).

Мо аллакай дар бораи нефилимҳо гуфта будем. Нефилимҳо – насли бадкирдори писарони Худо ва духтарони одамон буданд. Ин воқеа дар Ҳастӣ ***6:1-4*** тасвир ёфтааст. Азимҷуссаҳо – писарони Аноқ, ки ҷосусони исроилӣ дар Канъон диданд, авлодони онҳо буданд. Ин азимҷуссаҳо дар байни халқҳои канъонӣ ва шаҳрҳои онҳо паҳн шуда буданд. Барои забт намудани Замини ваъдашуда ба исроилиён лозим меояд, ки ин халқҳоро шикаст диҳанд ва ин шаҳрҳоро забт намоянд (***Ад. 13:29-30***). Забт намудани сарзамин бо тамоми худоёни он бе ин ҳам вазифаи мушкил метофт, акнун бошад ҳамааш комилан ғайриимкон метофт. Барои забт намудани Замини ваъдашуда акнун ба исроилиён лозим меояд, ки бо сарбозони андозаҳои ҷисмонияшон ғайримуқаррарӣ рӯ ба рӯ шаванд.

Танҳо ду ҷосус – Еҳушаъ ибни Нун ва Колеб – бовар карданд, ки Худо ба исроилиён дар шикаст додани писарони Аноқ ёрӣ медиҳад. Дигар ҷосусон халқро бовар кунонданд, ки онҳо дар ин ҷанг ҳеҷ имконияти ғолиб шуданро надоранд, ва онҳо ҳатман шикаст мехӯранд. Ба ҷои бовар кардан ба Худо – Худое ки фиръавн ва лашкари ӯро нобуд кард, ба ҷои дуо гуфтан ба Худо дар хусуси ғалаба, исроилиён шиква кардан гирифтанд: Мо зидди ин халқ баромада наметавонем, зеро он аз мо қавитар аст" (***Ад. 13:32***).

Худо ҷавоб дод: «То ба кай ин қавм Маро хор медоранд? Ва то ба кай, бо вуҷуди тамоми аломоте ки дар миёни онҳо ба амал овардаам, ба ман имон намеоваранд?" (***Ад. 14:11***). Худо чунон хашмгин шуда буд, ки мехост пурра аз Исроил даст кашида, исроилиёнро рад кунад, чунон ки Ӯ халқҳоро дар назди бурҷи Бобил рад карда буд, ва ҳамаашро аз нав сар кунад, ин дафъа аз Мусо: "Онҳоро гирифтори вабое намуда, нобуд хоҳам кард, ва аз камари ту халқе ба вуҷуд хоҳам овард, ки аз онҳо бузургтар ва азимтар бошанд" (***Ад. 14:12***).

Мусо аз Худо илтиҷо намуд, ки Ӯ қарори Худро дигар кунад (***Ад. 14:13-19***). Худо дархости Мусоро иҷобат намуд. Лекин Ӯ нобоварии халқро сарфи назар карда наметавонист. Худо ба халқ дарси сахтгирона таълим медиҳад. Ӯ ба Мусо мегӯяд:

> Мувофиқи сухани ту омурзидам. Валекин ба Зоти Худам қасам, ки чунон ки Ман зинда ҳастам, ва чунон ки тамоми дунё аз ҷалоли Парвардигор пур аст, ончунон ҳамаи ин

---

[6] нефилимҳо

[7] ки асли онҳо аз нефилимҳо аст

> одамон, ки ҷалоли Маро, ва аломотеро, ки Ман дар Миср ва дар биёбон ба амал овардаам, дидаанд, ва Маро даҳ бор имтиҳон намуда, ба овози Ман гӯш надодаанд, – ба яқин онҳо заминеро, ки Ман ба падаронашон бо қасам ваъда кардаам, нахоҳанд дид; ва ҳамаи онҳое ки Маро хор доштаанд, онро нахоҳанд дид. Вале бандаи Ман Колеб, азбаски рӯҳи дигаре дошта, Маро комилан пайравӣ намуд, – ӯро Ман ба замине ки рафта буд, дохил хоҳам кард, ва насли ӯ онро мерос хоҳад гирифт. Ва азбаски амолеқиён ва канъониён дар водӣ сокинанд, фардо тоб хӯрда, бо роҳи баҳри Қулзум сӯи биёбон кӯч кунед». Ва Парвардигор ба Мусо ва Ҳорун сухан ронда, гуфт: «То ба кай ба ин ҷамоати бадкор, ки аз Ман шиква мекунанд, тоқат оварам? Шикоятҳои банӣ Исроилро, ки аз Ман шиква мекунанд, шунидаам. Ба онҳо бигӯ: "Ба ҳаёти Худам қасам, ки чунон ки шумо дар гӯши Ман сухан рондед,ончунон ба шумо амал хоҳам кард. Дар ин биёбон ҷасадҳои шумо хоҳад афтод, яъне ҳамаи дар шумор овардашудагони шумо, аз рӯи тамоми адад̣и шумо, аз бистсола ва болотар, ки аз Ман шикоят кардаед. Шумо ба ин замине ки дар бораи он Ман дасти Худро баланд карда қасам хӯрдаам, ки шуморо дар он сокин созам, дохил нахоҳед шуд, ба ҷуз Колеб ибни Ефунне ва Еҳушаъ ибни Нун. Валекин кӯдакони шумо, ки дар бораи онҳо гуфтед, ки ба асирӣ бурда хоҳанд шуд, – Ман онҳоро дохил хоҳам кард, ва онҳо заминеро, ки шумо аз он нафрат намудед, хоҳанд донист. (***Ад. 14:20-31***)

Ибораи “даҳ бор” дар замонҳои библиявӣ ифодаи маҷозӣ буда, маънояш “гаштаву баргашта, боз ва боз” буд (***Ҳас. 31:7***; ***Айюб 19:3***). То ин лаҳза Худо ба шикваҳои халқ тоқат мекард. Ба ҷои он ки хурсандӣ кунанд, ки онҳо аллакай дар Миср дар ғуломӣ нестанд, исроилиён аз хӯроке ки мехӯрданд, шиква менамуданд (***Ад. 11:1-14***; ***31-35***), ва низ аз сарваре ки Худо интихоб карда буд – аз Мусо шиква мекарданд (Ад. 12:1-16). Аммо акнун косаи сабри Худо лабрез шуд. Ин дафъа ба исроилиён лозим меояд, ки барои нобоварии худ нархи даҳшатовар пардохт кунанд. Исроилиён чил сол дар биёбон оворгардӣ хоҳанд кард. То он вақте ки тамоми калонсолони боварнакарда мемиранд, Исроил дар биёбон хоҳад буд.

## Имконияти дуюм

Исроил имконияти дуюми забт кардани Замини ваъдашударо ба даст овард. ***Такрори Шариат 2-3*** тасвир мекунад, ки чӣ тавр ҳангоми оворгардии чилсолаи худ исроилиён ба ҳудуди он тарафи Урдун – аз Замини ваъдашуда ба шарқ – омаданд. Заминҳои он тарафи Урдун – Адӯм, Мӯоб ва Аммӯн буданд – ҳудудҳое ки Худо ба авлодони Лут, бародарзодаи Иброҳим, ва ба авлодони Эсав, бародари Яъқуб дода буд. Халқҳое ки дар он ҷо мезистанд, хешовандони исроилиён буданд… дар ҳар ҳолат қисми зиёди онҳо хешовандони исроилиён буданд. Аммо ҳамчунин дар он ҷо дигар сокинон низ буданд.

Худо Мусоро ба ин сафар бо мақсади муайян равона карда буд. Исроил на барои он ба ҳудуди он тарафи Урдун рафт, ки дар назди хешовандони дураш меҳмон шавад. Дар ниҳояти кор исроилиён ба маҳалле омаданд, ки чун Бошон маълум аст. Ин ҷой ҷои хеле бад буд. Дар адабиёти қадимии ғайрибиблиявӣ Бошон чун “макони мор” маълум аст. Ду шаҳри асосии Бошон, ки дар робита бо ин сафар зикр шудаанд, – Ашторӯт ва Эдрей (***Так. Шар. 1:4***; ***Еҳуш. 13:12***), дарвозаҳои олами зеризаминии мурдагон ҳисобида мешуданд.

Агар ин қиссаро дар заминаи ҷаҳонбинии фавқуттабиии Исроил аз назар гузаронем, Худо исроилиёнро рост ба дарвозаҳои дӯзах овард.

Ва ин ҳанӯз на ҳамааш аст.

Худо исроилиён барои вохӯрдан бо ду подшоҳ – Сиҳӯн ва Ӯҷ ба он ҷо овард. Ин подшоҳон амӯриён (***Так. Шар. 3:2-3***; ***31:4***) ва ҳукмронони онҳое буданд, ки дар Китоби Муқаддас Рафоиён номида шудаанд. Чунон ки ***Такрори Шариат 2:11*** бо изтироб мегӯяд: "Ва онҳо дар байни рафоиён мисли [писарони] аноқиён ҳисоб меёфтанд". Худо ба воситаи Мусо исроилиёнро ба ҷое овард, ки дар он ҳамон гуна азимҷуссаҳо мезистанд, ки ҷосусонро ин қадар тарсонда буданд, ва аз боиси онҳо Исроил ба беимонӣ афтид (***Ад. 13:33-34***) ва чил сол дар биёбон оворагардӣ кард.

Барои чӣ Худо исроилиёнро ба он ҷо овард? Чунки ин зидди ҳам омадан ибтидои он чи мешавад, ки бояд пас аз анҷом ёфтани чил сол карда мешуд. Дар ниҳояти кор ба Исроил лозим меояд, ки аз Урдун гузарад, то заминеро, ки Худо ба вай ваъда кардааст, забт намояд. Худо халқи Худро месанҷид. Оё онҳо ин дафъа бовар мекунанд? Оё мубориза мебаранд? Агар чунин кунанд, ғалаба ба онҳо дилпурӣ медиҳад, ва имонашонро ба он чи онҳоро интизор аст, устувор менамояд.

Чандин сол пеш исроилиён аз тарс ақиб нишаста буданд. Аммо ин дафъа қисса дигар хел анҷом ёфт. Чунон ки Мусо гуфтааст: "Ва Парвардигор Худои мо вайро ба дасти мо супурд, ва мо вайро бо писаронаш ва тамоми қавмаш торумор кардем … Ва Парвардигор Худои мо Ӯҷ, подшоҳи Бошонро низ бо тамоми қавми вай ба дасти мо супурд, ва мо вайро торумор кардем, ба тавре ки аз ӯ ҳеҷ яке зинда намонд" (***Так. Шар. 2:33***; ***3:3***). Пас аз чанди сол пайғамбар Омӯс дар бораи ин ихтилоф ҳикоят намуда, натиҷаи онро чунин тасвир намудааст: "Ва ҳол он ки Ман [Худо] амӯриёнро, ки мисли арзҳо баландқомат ва мисли булутҳо бақувват буданд, пеши онҳо нобуд намудам; ва меваи онҳоро аз боло ва решаҳои онҳоро аз поён нест кардам" (***Омӯс 2:9***).

Имконияти дуюм, ки Худо ба исроилиён дод, хеле қатъӣ сар шуд. Худо талаб кард, ки исроилиён бо тарсҳои худ вохӯранд – бо даҳшате ки аз боиси он онҳо чил сол бесмақсад дар биёбон оворагардӣ мекарданд. Худо, ки обҳои баҳри Сурхро аз ҳам ҷудо карда буд, ҷонибдори Исроил буд. Вақти он расид, ки исроилиён инро ба ёд оваранд.

## "Ба лаънат гирифтор кардан"

Исроил бар подшоҳон Сиҳӯн ва Ӯҷ ғалаба кард. Маҳз дар ин ҷо мо ба фаҳмидани он сар мекунем, ки чаро забти Замини ваъдашуда гоҳо пурра нобуд кардани сокинони онро дар назар дошт. Тамоми аҳолии шаҳрҳое ки дар онҳо Рафоиён мезистанд, "ба лаънат гирифтор карда шуд", яъне несту нобуд карда шуд (***Так. Шар. 3:6***). Мақсад қасос набуд. Мақсад нобуд кардани авлодони нефилимҳо буд. Дар назари исроилиён наслҳои азимҷуссаҳо хусусияти девҳоро доштанд. Мавҷудияти онҳо натиҷаи исёни худоёни ба гуноҳ афтода буд. Исроил наметавонист бо насли девҳо ҳамзистӣ кунад.

Вақт мегузашт, ва пеш аз он ки исроилиён аз Урдун гузашта, ба Канъон ворид шаванд, Мусо вафот кард. Сарвари Исроил Еҳушаъ ибни Нун шуд. Замини ваъдашударо забт карда, ӯ бисёр амалиётҳои ҷангиро роҳбарӣ кардааст. Дар маъракаҳои ҷангии худ ӯ ду омилро дар мадди назар дошт, ки дар бораи онҳо мо дар ин боб гуфта буд: рондани халқҳои ба Исроил душман ва нобуд кардани наслҳо ва авлодони азимҷуссаҳо дар раванди ин рондан.

Агар забти Замини ваъдашударо дар ин робитаи матн аз назар гузаронем, аён мегардад, ки ин ҷанги муқаддас буд – ҷанг бар зидди қувваҳои торикӣ ва душманоне ки зери итоати худоёни мухолиф мебошанд, ки Китоби Муқаддас онҳоро мавҷудоти рӯҳии воқеӣ меҳисобад.

Мантиқи забт кардани Замини ваъдашуда дар китоби ***Еҳушаъ ибни Нун 11:21-22*** хуб ифода ёфтааст:

> Ва Еҳушаъ дар айни замон омада, аноқиёнро аз кӯҳистон: аз Ҳебрӯн, Дабир ва Аноб, ва аз ҳамаи кӯҳҳои Яҳудо, ва аз ҳамаи кӯҳҳои Исроил нобуд намуд; онҳоро Еҳушаъ бо якҷоягии шаҳрҳошон несту нобуд кард. Дар замини банӣ Исроил касе аз аноқиён боқӣ намонд; фақат дар Ғазза, Ҷат ва Ашдӯд боқӣ монданд.

## Чаро ин муҳим аст?

Маъракаҳои ҷангии Еҳушаъ ибни Нун асосан бомувффақият буданд, аммо на ба таври пурра. Баъзе азимҷуссаҳо гурехтанд. Эпизодҳои дар назари аввал беаҳамият аз воқеаҳои оянда дарак медиҳанд. Баъзе аз азимҷуссаҳо дар шаҳри Ҷат паноҳ ёфтанд. Ҷат дертар шаҳри фалиштӣ шуд (***Еҳуш. 13:3***). Ва дар замонҳои подшоҳ Довуд он барои Ҷолиёт маҳалли зист гардид (***1 Подш. 17:4***). Ҷолиёт ягона азимҷусса дар Ҷат набуд (***1 Вақ. 20:5-8***). На ҳамаи онҳое ки ҳангоми забт кардани Замини ваъдашуда “ба лаънат гирифтор карда шуданд”, нобуд шуда буданд. Забткорӣ на ба таври пурра анҷом ёфта буд, ва ин барои исроилиён натиҷаҳои муайян дошт.

Китоби Доварон ҳикоя мекунад, ки ҳангоми вафот кардани Еҳушаъ ибни Нун забткорӣ пурра набуд. Дар асл он ҳеҷ гоҳ анҷом наёфта буд. Исроилиён қарор доданд, ки онҳо бе ин ҳам муваффақияти бисёрро ноил шудаанд, ва ба фармудаи Худо битоатӣ карда, боқимондаи халқҳоро нарониданд. Аммо қисман итоат кардан – беитоатӣ аст.

Исроилиён дар давоми асрҳо товони ин итоати нопурра ба фармудаи Худоро хоҳанд дод. Китоби Доварон дар бораи силсилаи даҳшатовар ҳикоя мекунад: исроилиён гаштаву баргашта зери итоати халқҳои мухолиф мемонданд, ва садоқати имондорона ба Худо дар Исроил қариб аз байн мерафт. Вазъият дар замони ҳукмронии подшоҳ Довуд ва писари ӯ Сулаймон каме беҳтар шуд. Аммо ҳамин ки Сулаймон аз саҳна рафт, Исроил ба ҷанги шаҳрвандӣ ва бутпарастӣ дода шуд.

Шӯҳрати забт кардани Канъон бо нобарорӣ тира гардид. Ғалаба поймол карда шуд. Ҳукмронии Подшоҳии Худо – Нақшаи Ӯ оид ба барқарор кардани Адан – ба коми оташ рафт. Ҷаҳонбинии фавқуттабиӣ аз замонҳои Бобил бетағйир аст: халқҳои беимон ҳанӯз зери итоати худоёни бадкирдор мебошанд. Исроил мағлуб шуд ва пароканда гардид, ва Замини

ваъдашуда зери итоати дигар худоён ва халқҳо даромад. Ҳамон ҷаҳонбинӣ дар Аҳди Ҷадид низ баръало дида мешавад. Барои тасвир намудани қувваҳои торикӣ Павлус чунин истилоҳҳоро, аз қабили ҳукумтдориҳо, қудратҳо, тахтҳо, қувваҳо истифода мебарад. Ҳар яке аз ин истилоҳот дар замонҳои қадим барои тасвир намудани ҳукмронии ҷуғрофӣ истифода мешуд.

Чаро халқи Худо Исроил ба чунин вазъияти ҳузнангез афтид? Аз сабаби беитоатӣ ва беимонӣ. Одамон мавҷудоти беқувват мебошанд. Мо метавонем пурсем: "Чаро Худо умуман бо мо сарукор дорад?" Аммо ба гузашта, ба Адан нигариста, мо сабаби инро мефаҳмем. Худо Худро ба инсоният бахшидааст. Мо сурат ва шабоҳатҳои Ӯ, оилаи заминии Ӯ ҳастем. Нақшаи ибтидоии Ӯ дар бораи фармонравоӣ бар Замин моро дар бар мегирад. Агар Худо ногоҳ қарор диҳад, ки одамонро аз иштирок дар шӯрои Ӯ дар Замин дур кунад, ин қарори Ӯ ба чӣ далолат мекунад? Оё ба он ки Ӯ нақшаи Худро амалӣ намудан натавонист? Ё ба он далолат мекунад, ки ин идея аз аввал хуб набуд? Лекин Худо пурра метавонад ба мақсадҳои худ расад. Чунон ки ман дар боби дигар аллакай гуфта будам, Худо ба хатоҳо роҳ намедиҳад.

Вақти он расид, ки масъалаи қадимии гуноҳ ва фурӯ ғалтидан ба тарзи нав ҳал карда шавад. Барқарор намудани Адан ва Подшоҳии Худоро ба инсоният супоридан мумкин нест. Фақат Худо ҳама кори заруриро карда метавонад. Фақат Худо шартҳои ҳамаи фармудаҳои Худро иҷро карда метавонад. Аммо инсоният барканор гузошта намешавад. Ба ҷои ин лозим мешавад, ки *Худо инсон шавад*. Худо Худаш Шариат ва фармудаҳоро иҷро мекунад, ва баъд ҷазоро барои ҳамаи нобарориҳои одамон ба Худ мегирад. Аммо барои амалӣ намудани ин қарори тасаввурнопазир онро аз ҳама махфӣ нигоҳ доштан лозим мешавад, аз он ҷумла аз мавҷудоти бошуури фавқуттабиӣ, ки мухолифи мақсадҳои Ӯ мебошанд. Ва ин осон нахоҳад буд.

БОБИ **ДАҲУМ**

# Дар ҷои намоёнтарин пинҳон карда шудааст

Аз замонҳои гуноҳкоршавӣ Худо кӯшиш менамуд мақсади ибтидоии Худро оид ба Адан – бо оилаи илоҳӣ ва оилаи инсонии Худ дар Замин зистанро амалӣ намояд. Худо ба Одам ва Ҳавво фармуд, ки борвар ва афзун шуда, ҳамин тариқ ҳумронии неки Худоро то канорҳои Замин паҳн кунанд. Худо мехост, ки тамоми сайёра ҷое бошад, ки осмонҳо ва замин бо ҳам вомехӯранд, ва инсоният метавонад аз илоҳӣ ҳаловат барад, ва илоҳӣ аз замин ва инсоният ҳаловат барад. Лекин мо медонем, ки ҳамааш бо чӣ анҷом ёфт.

## Қиссаи нобарориҳо

Инсон гуноҳ кард ва аз ҳузури Худо ронда шуд. Адан барои инсон баста шуд. Душмани Худо, мор, ҳамчунин аз ҳузури Худо ронда шуд – ба Замин – ба ҷое ки марг ҳукмфармост, ба ҷое ки ҳаёт абадӣ нест, афканда шуд ё бурида шуд. Ӯ соҳиби қудрати марг шуд. Азбаски инсон гуноҳ мекунад, ва музди гуноҳ марг аст (***Рум.6:23***), мор ба ҳар як инсоне ки дар Замин таваллуд меёбад, ихтиёрдорӣ мекунад.

Пас аз тӯфон Худо боз барои Нӯҳ мақсадро барои Адан баён намуд: “Борвар в афзун шавед”. Ин кӯшиши дуюм буд – имконияти рақами ду. Лекин ба ҷои иҷро кардани ин фармуда, инсоният исён намуд. Ба ҷои он ки ба Худо итоат намоянд ва дар ҳама ҷо шинохтан ва ҳукмфармоии Худоро паҳн намоянд, онҳо сохтани бурҷро сар карданд, то ки Худо назди онҳо поён ояд.

Боз нобарорӣ. Аммо Худо ба ҳавою ҳавасҳои одамон саҳлангорӣ кардан намехост. Ӯ забонҳои халқҳоро омехта кард ва ин халқҳоро ба зери итоати шӯрои илоҳӣ супурд. Баъд Ӯ қарор дод, ки ҳамаашро аз нав сар кунад – аз оилаи нави инсонӣ аз Иброҳим ва Соро. Ҳукмронии шоҳонаи Худро барқарор намуда, Худо ба воситаи авлодони Иброҳим ба назди дигар халқҳо баргаштанӣ буд (***Ҳас12:3***).

Ҳамааш бо нобарорӣ анҷомид. Кӯшиши навбатӣ низ ҳамин гуна анҷом ёфт, ҳангоме ки Худо Исроилро аз Миср бароварда, ба назди Сино овард, ва дар ниҳояти кор, Замини ваъдашударо ба вай дод. Исроил аз ӯҳдаи супориши Худо набаромад. Дар ниҳояти кор Худо Довудро ба миён овард, баъд Сулаймонро. Лекин пас аз марги Сулаймон Исроил худоёни дигарро пайравӣ намуд, ва исроилиён бо якдигар ҷангиданро сар карданд. Ба Худо лозим омад, ки онҳоро аз Замини ваъдашуда бадарға кунад.

Таърихи инсон бе ҳузури Худо – таърихи нобарорҳо аст. Ҳамааш аз боиси он аст, ки инсоният пас аз гуноҳкоршавӣ комилан аз даст рафтааст. Ҳамаи одамон нокомил ҳастанд, ҳамаи онҳо аз Худо дур мебошанд. Ба ҳеҷ як сарвари инсонӣ барқарор намудан ва нигаҳдории Подшоҳии Худоро супоридан мумкин нест. Дер ё зуд онҳо аз вафодорӣ ба Худо даст мекашанд. Онҳо ба ҳар ҳол бо роҳи худ мераванд. Одамон гуноҳ мекунанд, онҳо аз ӯҳдаи супориши Худо намебароянд, онҳо ба соҳиби қудрати марг, ба душмани бузурги Худо

тобеъ мешаванд. Лекин Худо ҳанӯз мехост ба одамон баракати подшоҳон-идоракунандагони Адани навро диҳад. Ин бинишро бе одамон иҷро кардан ғайриимкон аст буд. Инсон фақат ҳамон вақте ки аз нав ба вуҷуд оварда мешавад, ҳиссаи худро аз нақшаи Худо иҷро карда метавонад. Лаънати гуноҳкоршавӣ бояд аз байн бурда мешуд.

Ва Худо нақшае барои амалӣ намудани ин дошт.

## Қарор ва мушкилӣ

Ба Худо инсоне даркор буд, ки беш аз инсон бошад – касе ки аз ҳамаи васвасаҳо ғолиб баромада тавонад, касе ки ҳамеша итоаткор мешавад, касе ки ба нақши подшоҳ мувофиқат мекунад, касе ки лаънати маргро бо марг ва эҳёи худ аз байн мебарад. Ҳамаи инро фақат бо як восита амалӣ намудан мумкин аст: Худи Худо инсон мешавад. Ба хотири тамоми инсоният, ва чун инсон, Худи Худо нақшаи Худро иҷро мекунад ва Аданро барқарор менамояд. Фақат ҳамон вақте ки одамон бахшида мешаванд ва ба воситаи қувваи эҳё чун Исо шарикони табиати илоҳӣ мешаванд (1 Юҳ. 3:1-3), Адан воқеият пайдо карда метавонад.

Аммо ин ҷо як мушкилӣ ба миён мояд. Агар нақша ошкор гардад – нақша дар бораи он ки инсон, ки дар асл Худо мебошад, бояд бимирад ва эҳё шавад, то ки биниши ибтидоии илоҳиро барқарор намояд – қувваҳои торикӣ ба ин хӯрхӯрак дода намешаванд.

Павлус дар нома ба калисои Қӯринтус маҳз дар ин бора мегӯяд:

> Балки дар бораи ҳикмати Худо дар сирре сухан меронем, дар бораи ҳикмати ниҳоние ки Худо пеш аз давраҳои ҷаҳон барои ҷалоли мо муқаррар кардааст, ки онро ҳеҷ яке аз мирони ин давра надонист; зеро, агар медонистанд, Худованди ҷалолро ба салиб намекашиданд. (1 Қӯр. 2:7-8)

Дар ин ҷо Павлус дар бораи кӣ мегӯяд? Калимаи “*мирон*” метавонад ба ҳокимияти инсонӣ дахл дошта бошад – масалан, Понтиюс Пилотус ё сарварони яҳудӣ. Лекин Павлус дар ин ҷо ҳамчунин ҳукуматдориҳои фавқуттабиӣ, рӯҳиро дар назар дорад (***Эфс.2:2***). Душманони Худоро – ҳам инсонӣ, ҳам илоҳиро – аз ин хабардор накардан даркор буд. Ҳамааш ба марг ва эҳёи Худо-инсон вобаст буд.

Ин нақшаро чӣ тавр махфӣ нигоҳ доштан мумкин буд?

## Масеҳи махфӣ

Худо-инсон, ки барқарор кардани Адан ба Ӯ вобаста буд, албатта, Масеҳ, Исо аз Носира аст. Эҳтимол, суханони ман дар бораи зарурати махфӣ нигоҳ доштани нақша оид ба Масеҳ Шуморо ҳайрон намуд? Магар чунин имконият нест, ки Аҳди Қадимро хонда, дар он ҷо тамоми нақшаро бинем? Не, чунин имконият нест.

Хоҳ бовар кунед, хоҳ не, аммо дар Аҳди Қадим ягон оят нест, ки дар он калимаи “Масеҳ” дар робита бо инсоне ки дар асл Худо буд ва бояд барои гуноҳҳои инсоният мемурд, истифода шуда бошад. Ин ҳатто дар Ишаъё 53:11, ки он ҷо симои “бандаи

азобкашанда”нишон дода шудааст, нест. Калимаи “Масеҳ” дар ин боб нест, аммо калимаи “банда” дар китоби Ишаъё умуман ба халқи Исроил дахл дорад, на ин ки ба наҷотдиҳандаи алоҳида (***Иш. 41:8***; ***44:1-2***, ***21***; ***45:4***; ***48:20***; ***49:3***). Калимаи “*Масеҳ*”, ки маънояш “масҳшуда”, яъне “равған молидашуда” аст, амалан ҳамеша фақат ба Довуд ё ба як аз авлодонаш, ки пас аз ӯ подшоҳӣ мекарданд, дахл дорад.

Дар Аҳди Қадим парвандаи Масеҳиро ошкор кардан осон нест – дидан осон нест, ки Масеҳ мемирад ва эҳё мешавад. Дар асл, далелҳои ин изҳороти ман дар Аҳди Ҷадид аён мебошанд.

Ба ёд оваред, ки шогирдон ба суханони Исо дар бораи он ки ба Ӯ лозим меояд ба Уршалим равад ва дар он ҷо бимирад, чӣ гуна аксуламал намуданд. Ин изҳорот онҳоро ҳайрон ва парешонҳол кард (Мат. 17:22-23; Марқ. 9:30-32). Онҳо нагуфтанд: “Эҳ, ҳа! Мо дар ин бора аз Навишта хонда будем”. Петрус ҳатто Исоро барои ин суханон сарзаниш кард (***Мат.16:21-23***).

Шогирдон тасаввуроте надоштанд, ки нақшаи нави Худо маҳз аз ҳамин иборат аст. Онҳо фикр мекарданд, ки Исо писари Довуд ва ворисиِ қонунии тахти Ӯст. Онҳо фикр мекарданд, ки Ӯ ба монанди баъзе аз пайғамбарони Аҳди Қадим муъҷизаҳо ба амал меовард.

Ҳатто *пас* аз эҳё *ба таври фавқуттабиӣ* ақли шогирдонро кушодан даркор буд, то ки онҳо Масеҳи азобкшандаро бинанд. Пас аз эҳёи Худ аз мурдагон Исо ба онҳо зоҳир шуд ва гуфт:

> «Ин аст он чизе ки, чун бо шумо будам, ба шумо мегуфтам, ки ҳар он чи дар Тавроти Мусо ва дар китобҳои пайғамбарон ва Забур дар бораи Ман навишта шудааст, бояд ба амал ояд». Он гоҳ зеҳни онҳоро равшан кард, то ки Китобро фаҳманд. (***Луқо 24:44-45***)

“Нақшаи нав”-и Худо дар бораи он ки Ӯ мемирад ва сипас аз мурдагон эҳё мешавад, то ки лаънати гуноҳкоршавиро барҳам занад, дар Аҳди Қадим баръало аён нест. Лекин ишораҳо дар бораи он дар тамоми Аҳди Қадим дар бисёр ҷойҳо ҳастанд. Нақша дар як ҷой пурра ошкор карда намешавад. Парвандаи Масеҳро фақат пас аз рӯи додани воқеаҳо аз назар гузарондан мумкин аст, лекин он ҳам фақат барои касоне аён аст, ки аллакай медонанд чиро ҷӯянд ва чиро интизор бошанд.

Ба қувваҳои бошуури фавқуттабиии бадӣ, албатта, маълум буд, ки Писари Довуд, ки дар бораи Ӯ дар пайғамбариҳо гуфта шудааст, аллакай дар саҳна пайдо шудааст (***Мат. 8:28-29***; ***Луқ. 4:31-35***). Инро онҳо аз Аҳди Қадим фаҳмида метавонистанд. Лекин аз рӯи он чи девҳо мегуфтанд, хулоса баровардан ғайриимкон аст, ки онҳо мефаҳмиданд, ки Исо ба Замин барои ба воситаи марг ва эҳё бартараф намудани лаънат омад.

Чунон ки Павлус гуфтааст, агар онҳо ё шайтон инро мефаҳмиданд, ҳеҷ гоҳ Яҳудо барин касонро водор намекарданд, то Исоро ба дасти касоне, ки марги Ӯро мехостанд, таслим намоянд. Иблис ва ҳамсафони ӯ аҳмақони бефаҳм набуданд. Лекин онҳо худашон нафаҳмида монданд, ки чӣ тавр назди об рафта, ташна баргаштанд. Онҳо Исоро куштанд, аммо нақшаи Худо маҳз аз ҳамин иборат буд. Онҳо худашон сабабгори силсилаи воқеаҳое

шуданд, ки дар ниҳояти кор боиси шикасти онҳо гардид. Ин нақшаи илоҳии саргум кардани душман буд.

## Унсурҳои парванда

Пас аз рӯй додани воқеаҳо мо унсурҳои парвандаи Масеҳро назар ба аз шогирдони Ӯ равшантар дида метавонем. Ва агарчи оятҳои аниқи тасвиркунандаи он, ки Масеҳ, Писари Довуд, барои аз байн бурдани лаънат мемирад ва эҳё мешавад, дар Аҳди Қадим нест, ба ҳар ҳол ишораҳо ба он дар бисёр ҷойҳои Аҳди Қадим ҳастанд. Агар Шумо аллакай донед, ки нақшаи Худо чӣ гуна амалӣ шуд, пас, метавонед ин ишораҳоро ошкор намоед, силсилаҳои робитаҳоро мушоҳида намоед, қонуниятҳо ва сценарияҳои такроршавандаро бубинед.

Масалан, савол: “ Писари Худо Кист?” Аз Аҳди Қадим Шумо ҷавоб ба даст намеоваред, ки Исо Писари Худо аст. Одам писари Худо буд, чунки ӯ аввалин инсон буд. Исроил писари Худо номида шудааст (***Хур. 4:23***; ***Ҳуш. 11:1***). Подшоҳи Исроил писари Худо номида шудааст (Заб. 2:7). Дар Аҳди Ҷадид Исо “Одами дуюм” ва низ “Писари Худо” аст (***Рум. 1:4***; ***1 Қӯр. 15:45***; ***2 Қӯр. 1:19***; ***Ибр. 4:4***)

Мо метавонем пурсем: “Бандаи Худо кист?". Одам ба Худо хизмат мекард (Ҳас. 2:15). Исроил бандаи Худо номида шудааст (***Иш. 41:8***; ***44:1-2***, ***21***; ***45:4***; ***48:20***; ***49:3***). Довуд ва дигар подшоҳон аз насли ӯ бандагони Худо номида мешуданд (***2 Подш. 3:18***; ***Заб. 88:4***; ***3 Подш. 3:7***; ***2 Вақ. 32:16***). Исо ҳамчунин банда номида шудааст (***Аъм. 3:13***[8]; ***4:30***; ***Фил. 2:1-8***).

Оё ин писарон ва бандагони Худо азоб мекашиданд? Оё мавҷудияти заминии онҳо дар лаҳзаи муайян ба охир расид? Оё мавҷудияти онҳо аз нав сар шуд? Оё онҳо дар Адани нав оянда доранд? Ҷавоб ба ҳамаи ин саволҳо: “Ҳа”. Одам, Исроил ва подшоҳоне ки аз насли Довуд буданд, ҳама аз ҳузури Худо – аз маконе дар Замин, ки Ӯ сокин буд (Адан ва Замини ваъдашуда) ронда шуда буданд. Лекин онҳо бозхарид карда мешаванд, то ки дар Адани нав бо Худо ва Исои эҳёшуда зиндагӣ кунанд.

Маъно дар он аст, ки ҳамаи ин тимсолҳо ба Исо ишора мекунанд. Инҳо сценарияҳои такроршаванда буда, *нуқтаи авҷи онҳо Исо мебошад*. Ӯ тасвири пурра, анҷомёфта мебошад, ки фақат ҳамон вақт намоён мешавад, ки ҳамаи қисмҳои он ошкор гардида дар ҷойҳои худ гузошта шудаанд. Ҳамаи қисмҳои тасвир дар ҷои намоён буданд, лекин онҳоро танҳо ба таври ретроспективӣ ошкор кардан мумкин аст.

---

[8] Дар тарҷумаи синодии русӣ «прославил Сына Своего Иисуса». Дар бисёрии тарҷумаҳои нави англисӣ «Бандаи (хизматгори) Худ Исоро ҷалол дод» гуфта шудаст. Калимаи παῖς маънои кӯдаки ҳар ҷинсро дар назар дорад, ки ба балоғати ҷинӣ нарасидааст. Аммо, ҳамин калима хизматгор, ғулом, ёрдамчиро низ ифода карда метавонад. Гоҳо муносибатҳои наздик байни ғулом ва соҳиб дар назар дошта мешавад. Ин калима дар нусхаи юнонии Ишаъё истифода шудааст ва дар Аҳди Ҷадид иқтибос шудааст, ҳангоме дар бораи «бандаи Парвардигор» гуфта мешавад.

## Чаро ин муҳим аст?

Бадии бошуур – шайтон, девҳо, худоёни мартабаашон поёнӣ, ки бар халқҳо фармонравоӣ мекунанд, ҳама чизро намедонанд. Онҳо ақли Худоро надоранд ва ба он ворид шуда наметавонанд. Мо бисёр вақт фикр мекунем, ки азбаски онҳо мавҷудоти фавқуттабиӣ ҳастанд, пас, мувофиқан, ҳамадон ҳастанд. Аммо ин тавр нест. Фақат як мавҷуди ҳамадон ҳаст – Худо. Ва Ӯ ҷонибдори мост.

Аз боиси гуноҳкоршавӣ, шайтон бар мо ҳуқуқи қонунӣ дошт. Ман чиро дар назар дорам? Аз боиси гуноҳи Адам "марг ба ҳамаи одамон гузашт" (***Рум. 5:12***). Мор лаънат карда шуд, сарнагун шуд, то ки бар подшоҳии мурдагон – асфалуссофилин, ки мо дӯзах меномем, ҳукмронӣ кунад. Аз боиси гуноҳкоршавӣ ҳама ба марг маҳкуманд, ҳама ба подшоҳии мурдаҳо мераванд – ба маконе ки иблис ҳукмронӣ мекунад.

Ҳама чиз ҳамон вақт дигаргун шуд, ки Исо *бори якум* омада, нақшаи Худо наҷотро ба воситаи марг ва эҳёи Худ аз мурдагон иҷро кард. Аввалин қадам дар барқарор кардании Адан – аз лаънати марг халос кардани инсоният буд. Ҳамаи имондорон, ҳамаи онҳое ки аъзоёни оили Худо ва Подшоҳӣ шудаанд, аллакай гаравгонони лаънати марг ва мутеи соҳиби қудрати марг намебошанд. Аз ҳамин сабаб хизмати барқарор кардани Подшоҳиро сар карда (Луқ. 10:1-9), Исо гуфт: "Ман шайтонро чун барқ аз осмон афтода дидам " (Луқ. 10:18). Исо медонист, ки марг ва эҳёи Ӯ қарзи гуноҳкорро пардохт мекунанд ва шайтонро аз ҳуқуқ бар ҷонҳои мо маҳрум мекунанд. Подшоҳӣ барои соҳиби қудрати марг ибтидои интиҳо шуд.

Боз мо бояд ба ёд оварем, ки мо кистем, дар бораи кӣ будани худ аз куҷо маълумот пайдо мекунем. Ба таври коллективӣ, чун калисо, имондорон *бадани Масеҳ* номида мешаванд. Бадани Исо эҳё карда шуда буд. Мо эҳё мешавем, чунки Ӯ эҳё шуд (***1 Қӯр. 15:20-23***). Ӯ *навбар* аз мурдагон аст. Мо "ҷамоати нахустзодагоне ки номҳошон дар осмон навишта шудаанд" мебошем (***Ибр. 12:22-24***). Чунон ки Юҳанно гуфтааст: "Лекин ба онҳое ки Ӯро қабул карданд ва ба номи Ӯ имон оварданд, ҳақ дод, ки фарзандони Худо гарданд" (***Юҳ. 1:12***). *Шайтон бар фарзандони Худо ҳуқуқ надорад*, чунки онҳо аз мурдагон эҳё мешаванд. Зиндаҳоро дар подшоҳии мурдагон ҷустан маъное надорад.

Худо мақсади Худро ба ҳеҷ кас ошкор карданӣ набуд – хоҳ инсон бошад ё худо, мавҷудоти ба Ӯ вафодор ё душман. Ҷузъиёт дар бораи он, ки чӣ тавр Масеҳ мақсадҳои Худоро амалӣ менамояд, бояд махфӣ нигоҳ дошта мешуданд. Лекин дар оянда Худо аниқ хабар медиҳад, ки Масеҳ – Худо дар ҷисм аст, ва барқарор кардани Подшоҳии Адан – мақсади ниҳоӣ аст. Чунон ки мо дар бобҳои оянда мебинем, Худо маълумоти кофӣ дод, то ки дар дилҳои одамон имонро бедор кунад, ва қувваҳои торикӣ хӯрхӯракро фурӯ бурда, худашон раванди ҳалокаташонро ба кор андозанд.

БОБИ **ЁЗДАҲУМ**

# Мақсади фавқуттабиӣ

Дар боби гузашта мо аз назар гузарондем, ки чӣ тавр Аҳди Қадим Масеҳро дар ҷои намоён пинҳон карда, зоҳир менамояд. Масеҳ – Исо – бояд дар салиб мемурд ва аз мурдагон эҳё мешуд – ин унсури калидии нақшаи Худо оид ба барқарор кардани Адан ва бозхарид намудани инсоният аст.

Фақат инсон шуда, Худо кафолат дода метавонад, ки подшоҳ аз насли Довуд бе гуноҳ ё иштибоҳи рӯҳонӣ бар халқ ҳукмронӣ хоҳад кард. Фақат агар ин Подшоҳ барои халқи Худ бимирад ва аз мурдагон эҳё шавад, Худо метавонад гуноҳро маҳкум кунад ва дар айни ҳол наҷотро таъмин намояд. Фақат ба воситаи марги Масеҳ ва эҳёи Ӯ одамони гуноҳкор метавонанд дар шӯрои оилавии Худо иштирок карда, дар Подшоҳии навшудаи Адан ҳукмронӣ намоянд, чунон ки ин аз ибтидо ба нақша гирифта шуда буд.

Аммо фақат фикр кунед, ки барои ин чӣ чиз даркор шуд: Исо бояд чунин мекард, ки қувваҳои рӯҳии торикӣ бо кадом як тарз одамонро ба куштани Ӯ водор намоянд, ва дар айни ҳол нафаҳманд, ки чӣ кор карда истодаанд. Чунон ки Павлус дар нома ба Қӯринтиён гуфтааст (***1 Қӯр. 2:6-8***), агар ин қувваҳо дар асл медонистанд, ки амалҳои онҳо ба кадом натиҷа оварда мерасонанд, ҳеҷ гоҳ Худовандро ба салиб намекашиданд.

Ҳангоме ки мо ҳаёт ва хизматгузории Исоро дар чунин робита аз назар мегузаронем, онҳо бароямон фаҳмотар мешаванд. Масалан, ба хонандагони Аҳди Ҷадид шояд чунин тобад, ки хизматгузории Исо, ки Ӯро ба салиб овард, аз эпизодҳои тасодуфӣ иборат буд. Охир Инҷилҳо на ҳамеша воқеаҳои якхеларо тасвир мекунанд. Масалан, нақл дар бораи таваллуд шудани Исоро фақат дар дутои онҳо (Матто ва Луқо) хондан мумкин аст, ва фақат дар яке аз онҳо дар бораи мунаҷҷимон (ҳакимон) аз шарқ гуфта шудааст (***Мат. 2***). Гоҳо Инҷилҳо воқеаҳоро бо тартиби гуногуни хронологӣ тасвир мекунанд. Лекин амалҳои Исо, ки дар Инҷилҳо тасвир ёфтаанд ва боиси ба салиб кашида шудани Ӯ гардидаанд, – шифо додани беморон, мавъиза дар бораи Подшоҳии Худо, бахшидашавии гуноҳҳо, фош кардани риёкорӣ – аз амалҳои тасодуфӣ ва бетартиби ҳакими оворагард, ки гоҳ-гоҳ муъҷизаҳо ба амал мҳеовард, хеле бештар мебошанд. Дар қиссаҳои инҷилӣ бештар аз он чи бо нигоҳи оддӣ дидан мумкин аст, ниҳон аст. Дар он чи Исо мекард, зермаънои хеле муҳим ҳаст.

## Бадиро назди об бурда, ташна баргардондан

Таъмиди Исо воқеае шуд, ки хизматгузории Ӯ дар назди омма аз он сар шуд. Маҳз ҳамон вақт Худо дар назди одамон Исоро Писари Худ номид (***Марқ. 1:11***), ва маҳз ҳамон вақт Яҳёи Таъмиддиҳанда Ӯро Барра номид, «ки гуноҳи ҷаҳонро мебардорад» (***Юҳ. 1:29***). Ҳангоме мо суханони Юҳанноро мехонем, дарҳол ба салиб кашида шуданро тасаввур менамоем. Лекин шогирдон Юҳанно дар бораи чунин чиз тамоман фикр намекарданд. Ҳеҷ кадоми онҳо он вақт дар бораи ба салиб кашида шудан фикр намекард. Ҳангоме ки дар

охири хизматгузории Худ – каме бештар аз се сол пас аз таъмид ёфтан – Исо дар бораи марги Худ сухан оғоз намуд, шогирдонаш инро қабул кардан нахостанд ***Мат. 17:22-23***; ***Марқ. 9:30-32***). Охирин чизе ки онҳо аз Худованд шуниданӣ буданд, – он буд, ки Ӯ ба зудӣ мемирад. Барои онҳо ин суханон сафсатаи беақлона метофтанд. Онҳо тасаввуроте надоштанд, ки марги Исо дар салиб аз ибтидо ба нақша гирифта шуда буд. Пас чаро онҳо инро намефаҳмиданд? Зеро чунон ки мо дар боби гузашта гуфтем, ин нақша дар Аҳди Қадим возеҳу равшан ошкор карда нашуда буд.

Па аз таъмид Рӯҳ Исоро ба биёбон барои муқобилат ба шайтон бурд (***Мат. 4:1***; ***Марқ. 1:12***; ***Луқ. 4:1-13***). Иблис барои васваса кардани Исо омад, ва ин маънои онро дорад, ки ӯ медонист, ки Исо кӣ буд. Ӯ медонист, ки Исо Масеҳ аст, ки барои барпо намудани Подшоҳии Худо дар Замин омадааст. Охир, маълум буд, ки «Тадҳиншуда» – Масеҳ – Подшоҳ аз насли Довуд мешавад. Шайтон, мири ин ҷаҳон (***Юҳ. 12:31***) мефаҳмид, ки мақсади Исо ба даст овардани ҳудуди ӯст. Исо мехост халқҳоро, ки Худо дар назди бурҷи Бобил пеш аз офаридани халқи Исроил рад карда буд, баргардонад (***Так. Шар. 4:19-20***; ***32:8-9***).

Бисёре аз мо гуфтугӯи Исо ва шайтонро ба ёд оварда метавонанд. Шайтон се бор Исоро васваса кард (***Мат. 4:3-11***). Ҳангоми васвасаи сеюм, муносибатҳои Исоро бо Худо барҳам доданӣ шуда, шайтон ба Писари Худо ҳамаи халқҳои ҷаҳонро пешниҳод намуд (***Мат. 4:8-9***) – маҳз ҳамон чиро, ки Исо аз дасти ӯ кашида гирифтанӣ буд:

> Боз иблис Ӯро ба кӯҳи бисёр баланде бардошта бурд ва ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон ва шукӯҳи онҳоро ба Ӯ нишон дод, ва ба Ӯ гуфт: «Агар рӯй ба замин ниҳода, ба ман саҷда кунӣ, ҳамаи онҳоро ба Ту медиҳам». (***Матто 4:8-9***)

Пешниҳоди шайтон кӯшиши ҳилагаронаи халал расондан ба нақшаи Худо буд. Магар Худо худи ҳаминро намехост? Худо мехост халқҳоро, ки замоне Ӯ аз онҳо даст кашида буд, баргардонад. Ӯ мехост, ки онҳо боз халқи Ӯ шаванд. Тамом! Вазифа бомуваффақият иҷро шуд. Танҳо як кор кардан даркор аст, – Исо бояд ба ҷои Худо ба шайтон саҷда кунад.

Пешниҳоди шайтон аз он шаҳодат медиҳад, ки дар он вақт ӯ ҳанӯз намефаҳмид, ки нақшаи Худо марги Исоро *дар назар дошт*. Исо ҳамчунин ин унсури нақшаи Худоро ошкор накард. Ӯ сабаби рад кардани пешниҳоди шайтонро маънидод накард. Ӯ фақат ба шайтон гуфт, ки дафъ шавад. Худо чизи Худро ҳамон вақте ки мехоҳад, ва ҳамон тавре ки мехоҳад, ба Худ бармегардонад. Вазифаи Исо фақат дар подшоҳӣ кардан бар халқҳо набуд. Он ҳамчунин аз барқарор намудани оилаи Худо иборат буд. Барои ба ин оила дохил намудани одамон натанҳо аз Исроил, балки ҳамчунин аз ҳамаи халқҳо, дар аввал гуноҳро кафорат намудан даркор буд. Худо аз ибтидо ба нақша гирифта буд, ки дар ҳукмронии Ӯ фарзандонаш иштирок хоҳанд кард. Салиб барои бозхарид намудани инсоният даркор буд, яъне ҳамчунин барои амалӣ намудани нақшаи Худо. Исо имкон надод, ки Ӯро фирефта кунанд. Аммо дар вақти даркорӣ ин бо иблис рӯй медиҳад.

## Мазаи Адан

Дарҳол пас аз васваса дар биёбон Исо ду кор кард: аввалин шогирдони Худро (Петрус, Андриёс, Яъқуб ва Юҳанноро) даъват намуд ва марди девзадаро шифо дод (***Марқ. 1:16-***

***28***; ***Луқ. 4:31-5:11***). Исо дар оянда низ аз рӯи ҳамин принсип амал менамуд: Ӯ даъват кардани шогирдон ва шифо доданро давом дод. Боз шогирдонро даъват намуда, Исо ба онҳо қудрати рондани девҳо ва аз ҳамаи бемориҳо ва норасоиҳои ҷисмонӣ шифо додани одамонро дод (***Луқ. 9:1-5***).

Дар аввал Исо дувоздаҳ нафар шогирдонро даъват намуд. Ин адад тасодуфӣ нест. Он ба дувоздаҳ сибти Исроил мувофиқат мекунад. Исо амалӣ намудани нақшаи Подшоҳиро сар карда, дар бораи Исроил фикр мекард. Охир Исроил – мулки Худо, насибаи Худост. Он дар байни ҳамаи халқҳои дигар интихобшуда аст (***Так. Шар. 32:8-9***). Дертар Павлус паҳн кардани Инҷилро айнан ҳамин тавр меҳисобид: дар аввал ба яҳудиён мавъиза мекунем, баъд ба назди ғайрияҳудиён меравем (***Рум. 1:16-17***).

Исо бо интихоби дувоздаҳ нафар шогирдон маҳдуд нашуд. Дар ***Луқо 10*** Ӯ боз ҳафтод нафаррро фиристод, то ки шифо диҳанд ва девҳоро ронанд (***Луқ. 10:1***, ***9***, ***17***). Ин адад ҳамчунин тсодуфӣ нест. Дар Ҳастӣ ***10*** маҳз дар бораи ҳамин миқдор халқҳо гуфта шудааст – халқҳое ки ҳангоми воқеаҳо дар назди бурҷи Бобил Худо аз онҳо даст кашид ва онҳоро зери итоати худоёни мартабаашон поёнӣ дод (***Так. Шар. 4:19-20***; ***32:8-9***). Дар баъзе тарҷумаҳои ин оятҳо рақами ҳафтоду ду истифода мешавад. Ҳамааш аз он сабаб аст, ки дар баъзе дастхатҳои Аҳди Қадим номҳои халқҳо ҳамин тариқ номбар шудаанд, ки дар натиҷа ҳафтоду ду ҳосил мешавад. Ба ҳар ҳол идея ҳамон як аст – миқдори шогирдоне ки Исо фиристод, ба халқҳое ки дар Ҳастӣ ***10*** номбар шудаанд, мувофиқат мекунад. Айнан ҳамон тавре ки даъват шудани дувоздаҳ нафар шогирдон нишондиҳандаи он буд, ки Подшоҳӣ ба Исроил омадааст, ҳамчунин вазифаи ҳафтод нафар дар бораи он мегуфт, ки халқҳои боқимонда барои Подшоҳӣ талаб карда мешаванд.

Ҳангоме ки ҳафтод нафар шогирдон бозгаштанд (***Луқ. 10:17***), Исо гуфт: «Ман шайтонро чун барқ аз осмон афтода дидам» (***Луқ. 10:18***). Ин паёми аз ҷиҳати аҳамияти худ истинoӣ буд: дигаргуниҳои бузург сар шуданд. Ҳамин ки одамон аз пайи Исо мераванд, шайтон ҳуқуқи худро бар онҳо аз даст медиҳад. Ӯ дастрасӣ ба Худоро аз даст дод, «маломатгари бародарон» сарнагун шуд (***Ваҳӣ 12:10***). Ӯ прокуроре шуд, ки барои айбдоркунӣ ҳеҷ гуна асос надорад.

## Биё! Маро дастгир кун!

Се сол Исо дар бораи Подшоҳии меомадаи Худо мавъиза мекард, ба одамон муҳаббати Худоро зоҳир менамуд, нишон медод, ки ҳаёт дар Адан чӣ гуна аст. Пас аз ин Ӯ ба анҷоми Худ – ба мақсади ҳақиқии Худ тайёрӣ дидан гирифт.

Пеш аз сафари хотимавии Худ ба Уршалим Исо шогирдонашро ба шимоли Исроил бурд. Ӯ бояд қувваҳои фавқуттабиии торикиро водор менамуд, ки барои ба салиб кашидани Ӯ коре кунанд. Барои ба майдон талабидани қувваҳои фавқуттабиии торикӣ ҷои аз ин беҳтар набуд.

Исо бо шогирдонаш ба Қайсарияи Филиппус ном маҳалле омад. Лекин ин номи румии он буд. Дар замонҳои Аҳди Қадим ин маҳал Бошон ном дошт. Мо пештар, дар боби нӯҳум

аллакай дар бораи он гап зада будем. Бошон дарвозаи подшоҳии мурдаҳо – дарвозаи дӯзах ҳисобида мешуд. Қайсарияи Филиппус дар доманаи кӯҳи Ҳермӯн аст. Маҳз ба ҳамин ҷо, мувофиқи ривоятҳои яҳудиён, писарони исёнкори Худо дар Ҳастӣ ***6:1-4*** поён фаромада буданд. Хулласи калом, дар замонҳои Аҳди Қадим Бошон ва Ҳермӯн маркази бадии кайҳонӣ буданд.

Маҳз дар ҳамин ҷой Исо саволи машҳури Худро дод: «Шумо Маро кӣ мегӯед?» (***Мат. 16:15***). Петрус ҷавоб дод: «Ту Масеҳ, Писари Худои зинда ҳастӣ» (о. ***16***). Исо ӯро таҳсин намуд ва илова кард:

> «Хушо ту, эй Шимъун писари Юнус, чунки ҷисму хун инро ба ту ошкор накардааст, балки Падари Ман, ки дар осмон аст. Ва Ман ба ту мегӯям: ту Петрус ҳастӣ; ва бар ин харсанг Ман ҷамоати Худро бино мекунам, ва дарвозаҳои дунёи мурдагон бар он ғолиб намешаванд» (о. ***17-18***)

Дар бораи он ки Исо бо сухани "харсанг" чиро дар назар дошт, аллакай дар давоми садсолаҳо баҳсҳо карда мешаванд. Калиди фаҳмидани ин истилоҳ дар фаҳмидани ҷуғрофияи ин минтақа аст. Қайсарияи Филиппус дар шимоли Бошон аст. Дар замонҳои Аҳди Қадим чунин ҳисобида мешуд, ки дарвозаҳои подшоҳии мурдаҳо маҳз дар ин ҷо мебошанд. Қайсарияи Филиппус дар доманаи кӯҳ мебошад. Ҳамин кӯҳ он харсанг аст. "Дарвозаҳои дӯзах" – маҳз он маҳаллест, ки Исо бо шогирдони Худ дар он ҷой истода буд.

Исо қувваҳои торикиро ба майдон металабид. Ҳангоми гуноҳкоршавӣ инсоният ҳаёти абадиро бо Худо аз даст дод ва сазовори қисмати бад шуд – марг ва ҷудоии абадӣ аз Худо. Мири мурдагон – мор, ки чун шайтон ва иблис маъруф аст, – бар инсоният ҳуқуқ пайдо намуд. Ҳар як инсон бояд дар подшоҳии мурдагон ба ӯ ҳамроҳ мешуд. Аммо Худо нақшаи дигар дошт. Нақшаи пинҳонии Худо аз он иборат буд, ки Исоро ба Замин фиристад ва музди гуноҳи инсониятро пардохт намояд, ки ин ҳуҷуми рӯйрост ба дарвозаҳои дӯзах мешавад. Соҳиби қудрати марг ва қувваҳои ӯ дар пеши Подшоҳии Худо устувор монда наметавонанд. Моҳиятан, дар ***Матто 16*** Исо назди дари иблис омада, ӯро ба майдон металабад. Исо мехост шайтонро ба аксуламал водор намояд. Барои чӣ? Зеро вақти он расида буд, ки Исо нақшаи махфии Худоро амалӣ намояд.

Исо натанҳо бо суханон ба майдон металабад. Ӯ боз бештар мекунад. Матто, Марқус ва Луқо ҳамфикр ҳастанд, ки воқеаи навбатӣ дар хизматгузории Исо – дигаргуншавӣ буд. Дар Марқус 9:2-8 гуфта шудааст:

> Ва пас аз шаш рӯз Исо Петрус, Яъқуб ва Юҳанноро ҳамроҳи Худ бурд ва онҳоро танҳо ба кӯҳи баланде баровард ва дар пеши назари онҳо дигаргун шуд: либосаш дурахшон ва чун барф хеле сафед шуд, ки дар рӯи замин ҳеҷ шустагаре чунин сафед карда наметавонад. Ва Илёс бо Мусо ба онҳо намоён шуданд, ки бо Исо гуфтугӯ мекарданд. Он гоҳ Петрус ба Исо гуфт: «Эй Устод! Дар ин ҷо будани мо некӯст; пас се соябон месозем: яке барои Ту, яке барои Мусо ва яке барои Илёс». Зеро намедонист, чӣ гӯяд: чунки сахт тарсида буданд. Ва абре пайдо шуда, бар онҳо соя андохт, ва овозе аз даруни абр баромад, ки мегуфт: «Ин аст Писари дӯстдоштаи

Ман; Ӯро гӯш кунед». Баногоҳ, чун ба атрофи худ нигаристанд, касеро ғайр аз Исо назди худ надиданд.

Дигаргуншавӣ дар кӯҳи Ҳермӯн рӯй медиҳад. Маҳз ин ҷойро Исо интихоб намуд, то ки Худро ба Петрус, Яъқуб ва Юҳанно зоҳир намояд – Худро чун таҷассуми ҷалоли Худо зоҳир намояд. Ӯ ба шайтон ва қувваҳои торикӣ чунин изҳор менамуд: «*Ман омадам, то он чиро, ки ба таври қонунӣ ба Ман тааллуқ дорад, бигирам*. *Подшоҳии Худо наздик шудааст*. Ман дар ин ҷоям! Агар дар ин робита аксуламале карданӣ бошед, санҷида бинед».

Тасодуфӣ нест, ки дарҳол пас аз дигаргуншавӣ Исо ба Уршалим равона шуд ва ба шогирдони Худро бохабар кардан гирифт, ки Ӯ дар он ҷо мемирад. Онҳо инро шунидан намехостанд. Шайтон бошад бо тамоми қувваҳои торикӣ хӯрхӯраки Исоро фурӯ бурданд – онҳо амалиётро сар карданд. Онҳо хостанд фавран аз Ӯ халос шаванд. Ва ин маҳз ҳамон чиз буд, ки Исо мехост. Марги Ӯ калиди ҳама чиз мешавад.

## Чаро ин муҳим аст?

Хизматгузории Исо мақсади муайян дошт. Ӯ фаҳмиши равшани нақши Худро дар барқарор намудани Подшоҳии Худо дар Замин дошт. Подшоҳӣ то рӯзи бозомадани Ӯ паҳн карда мешавад – рӯзе ки Адани умумиҷаҳонӣ ба Замин меояд.

Албатта, бар хилофи ҳаёти Ӯ, ҳаётҳои мо он қадар нақши муҳим намебозанд. Бо вуҷуди ин, ҳар яки мо, ки шогирди Ӯст, бояд нақши худро бозад. Мо бояд ба ин бовар кунем, ва ҳаёти мо бояд зоҳиршавии ин имон бошад. Имондорон ба шӯрои оилавии Худо на барои он дохил карда шуда буданд, ки мушоҳидакунандагони беамал бошанд, балки иштирокчиёни фаъол бошанд (***Қӯл. 1:13***).

Яке аз мақсадҳои хизматгузории Исо ба одамон нишон додани он буд, ки Адан чӣ гуна буд, ва дар оянда ҳаёт бо Худо чӣ гуна мешавад. Дар оилаи Худо ва Подшоҳии Худо бемориҳо ва нокомилии ҷисмонӣ нахоҳанд буд. Қувваҳои мухолиф нахоҳанд буд. Подшоҳии Худо аз боғ бузургтар, аз Исроил васеътар аст. Подшоҳӣ умумиҷаҳонӣ мешавад. Он ҳамаи халқҳоро дар бар хоҳад гирифт. Он тамоми хусусиятҳои Аданро хоҳад дошт – он осмонҳо дар Замин хоҳад буд.

Вазифаи мо ба Исо тақлид намудан аст. Ба монанди Ӯ, мо метавонем ҳам дар ҳаққи ҷисмҳо, ҳам дар ҳаққи ҷонҳои бародарони худ – сурат ва шабоҳатҳои Худо – ғамхорӣ кунем. Мо метавонем онҳоро ба он ҳидоят намоем, ки ба Подшоҳ имон оваранд ва дар азми вафодор будан ба Ӯ устувор бимонанд. Барои «шифо додани шикастадилон» ва «ба асирон озодиро мавъиза намудан», чунон ки Масеҳ мекард (***Иш. 61:1***), қувваи фавқуттабиӣ доштан ҳатмӣ нест. Моҳиятан инҳо аллакай амалҳои фавқуттабиӣ мебошанд. Онҳо муқобилат ба қувваҳои торикиро металабанд ва биниши стратегиро дар назар доранд. Рӯҳулқудс ҳама гуна корҳои некро барои он истифода хоҳад бурд, ки дили касеро сӯи Исо равона кунад. Эълон намудани Инҷил бесамар намемонад. Некӯии Исо бо паёми Ӯ

ҳамоҳанг аст. Яке аз дигарӣ муҳимтар нест. Ин намунаест, ки имондорон ба он пайравӣ карда метавонанд. Кори мо ва биниши Подшоҳӣ аз ҳамин иборат аст.

Ва, ниҳоят, мо бояд дар ёд нигоҳ дорем, ки бадии бошуур маҳдуд буда, барои биниш ва амали Подшоҳӣ таъсирпазир аст. Исо аллакай «аз дасти рости Худо нишастааст, ва ҳамаи фариштаҳо, қудратҳо ва қувваҳо мутеи Ӯ шудаанд» (***1 Пет. 3:22*** РБО 2011). Мо «аллакай», бо Ӯ ҳукмронӣ мекунем, «аммо ҳанӯз не»[9] (***Қӯл. 3:1***; ***2 Тим. 2:12***; ***Ваҳй 2:26***; ***3:21***). Дарвозаҳои дӯзах пешрафт ва инкишофи Калисоро чун Подшоҳии Худо дар Замин бознамедоранд. Қарор дар хусуси иштирок дар ин дигаргуниҳои бузург ба мо тааллуқ дорад.

[9] Консепсияи илоҳиётшиносии «аллакай, аммо ҳанӯз не» кӯшиш мекунад шиддатнокиеро, ки дар Аҳди Ҷадид ҳаст, тасвир намояд. Аз як тараф, Подшоҳии Худо «аллакай» ба восити марг ва эҳёи Масеҳ омадааст, аз тарафи дигар, «ҳанӯз не» – он ҳангоми омадани дуюми Масеҳ пурра амалӣ мешавад.

БОБИ **ДУВОЗДАҲУМ**

# Саворае бар абр

Мо боби гузаштаро бо он ба охир расондем, ки дарҳол пас аз он ки Исо дар назди дарвозаҳои дӯзах ва кӯҳи Ҳермӯн хӯрхӯракро ба қувваҳои торикӣ партофт, дар бораи марги Худ гуфтанро сар кард. Ин майдонталабӣ ибтидои силсилаи воқеаеҳо шуд, ки боиси маҳкум шудани Худованд ва марги Ӯ дар салиб гардиданд. Масеҳиён дар бораи доварӣ бар Исо борҳо хондаанд. Лекин дар паси ҳамаи ин зермаъноӣ фавқуттабиӣ ҳаст, ки бисёр вақт пай намебаранд.

Барои фаҳмидани он, ки дар ниҳояти кор чӣ боиси аз ҷониби сарварони яҳудӣ ба марг маҳкум шудани Исо ва барои иҷрои ин ҳукм ба Понтиюс Пилотус супурда шудани Ӯ гардид, мо бояд ба Аҳди Қадим – ба китоби Дониёл баргардем. Мо бояд вохӯрии Худо бо лашкари осмонии Ӯ – шӯрои илоҳиро аз назар гузаронем.

## Атиқулайём ва шӯрои Ӯ

***Дониёл 7*** аз рӯъёи аҷиб сар мшавад. Дониёл чор ҳайвонро мебинад, ки аз баҳр берун меомаданд (***Дон. 7:1-8***). Ҳамаи онҳо намуди хеле аҷиб доранд, аммо ҳайвони охирин хусусан сюрреалистӣ аст. Ҳангоме ки дар Аҳди Қадим хобҳоро маънидод мекунанд, ашёҳои ғайризинда ва мавҷудоти зинда ҳамеша чизеро ифода мекунанд. Дар ин хоб низ чор ҳайвон аз рӯъёи Дониёл – чор империя мебошанд. Мо дар ин бора аз он сабаб медонем, ки рӯъёи Дониёл ба хоби Набукаднесар дар ***Дониёл 2*** мувофиқат мекунад, ки дар он Бобил ва се империяи дигар, ки пас аз Бобил бармехезанд, нишон дода шуда буданд. Лекин мо ба он чи Дониёл дар давоми сухан тасвир мекунад, диққат медиҳем:

> Ва дидам, ки тахтҳо барқарор гардид; ва Атиқулайём нишаста буд; либоси Ӯ мисли барф сафед, ва мӯйсари Ӯ мисли пашм пок буд; тахти Ӯ – шарораҳои оташ, чарххҳои он – оташи сӯзон; наҳри оташ аз пеши Ӯ ҷорӣ шуда, берун меомад; ҳазорон-ҳазор ба ӯ хизмат мекарданд, ва беварҳо-бевар ба ҳузури ӯ меистоданд; доварон ба муҳокима нишастанд, ва дафтарҳо кушода шуд. (***Дон. 7:9-10***)

Мо медонем, ки Атиқулайём – Худои Исроил аст. Инро муайян кардан хеле осон аст, хусусан агар мо тасвири тахти Ӯро бо рӯъёи тахти Худо дар Ҳизқиёл муқоиса кунем (***Ҳизқ. 1***). Оташ, чарххо, Касе бо симои одамӣ, ки дар рӯъёи Ҳизқиёл дар тахт нишастааст, – ҳамаи ин ба он чи Дониёл дид, хеле монанд аст.

Лекин оё Шумо пӣ бурдед, ки тахти Худо дар рӯъё ягона нест? Дар рӯъёи Дониёл тахтҳо бисёранд (***Дон. 7:9***) – ба қадри кофӣ бисёр, то тамоми доварони илоҳӣ – шӯрои илоҳӣ бинишинанд (***Дон. 7:10***)

Дар рӯъё ҳайати доварони осмонӣ маҷлис доранд, то ки тақдири ҳайвонҳоро – империяҳоро муқаррар кунанд. Қарор дода мешавад, ки ҳайвони чорум кушта мешавад, ва

дигар се империя аз қудрат маҳрум мешаванд (***Дон. 7:11-12***). Ба ҷои онҳо дигар Подшоҳ ва Подшоҳӣ бармехезад. Ва ана дар ҳамин ҷо ҳама чиз хеле шавқовар мешавад.

## Писари Одам, ки бар абрҳо меояд

Дониёл тасвир намудани рӯъёи худро давом медиҳад:

> Дар рӯъёҳои шаб ман дидам, ва инак, мисли Писари одам бо абрҳои осмон меомад, ва то Атиқулайём расид, ва ба ҳузури Ӯ наздик оварданд. Ва салтанат ва ҷалол ва подшоҳӣ ба Ӯ дода шуд, то ки ҳамаи қавмҳо, умматҳо ва забонҳо Ӯро ибодат намоянд; салтанати Ӯ салтанати ҷовидонист, ки завол нахоҳад ёфт, ва подшоҳии Ӯ нест нахоҳад шуд (***Дон. 7:13-14***).

Ибораи "Писари Одам" дар Аҳди Қадим бисёр истифода мешавад. Он фақат инсонро тасвир мекунад, ва ин набояд моро ҳайрон кунад. Он чи ҳақиқатан бояд ҳайрон кунад – тасвири ин одам дар ин порча аст. ***Дониёл 7:13*** одамро тасвир мекунад, ки бар абрҳо сӯи Атиқулайём меравад.

"Ин ҷо чӣ чизи аҷиб ҳаст?" – мепурсед Шумо. Гап дар он аст, ки дар ҳама ҷойҳои Аҳди Қадим ин тасвир *танҳо* барои ифода намудани Худо истифода мешавад (***Иш. 19:1***; ***Так. Шар. 33:26***; ***Заб. 67:33-34***; ***Заб. 103: 1-4***). Лекин дар ***Дониёл 7*** Худо аллакай чун Атиқулайём *муаррифӣ шудааст*. Тасаввуроте ҳосил мешавад, ки Дониёл дар рӯъёи худ " Худо дуюм"-ро мебинад, ки дар айни замон одам низ мебошад – чизе монанди он ки масеҳиён ба он боварӣ доранд, ҳангоме мегӯянд, ки Худо ягона аст, аммо Ӯ аз як шахсият бештар мебошад.

Ҳамаи гап дар ҳамин аст!

Ҳангоме ки Исо дар ***Матто 26*** ҳангоми доварӣ дар назди Қаёфо истода буд, ва ба ҳаёти Ӯ хатари зиёд таҳдид мекард, Ӯ ҷуръат намуд чизе гӯяд, ки ҳамаи ҳозиронро ба шӯр овард:

> Сардорони коҳинон ва пирон ва тамоми шӯро дар ҷустуҷӯи гувоҳии бардурӯғе бар зидди Исо буданд, то Ӯро кушанд. Лекин наёфтанд; бо вуҷуди он ки бисёр гувоҳони дурӯғин омада буданд, ҳеҷ наёфтанд. Дар охир, ду гувоҳи дурӯғин омада, гуфтанд: «Ӯ мегуфт: "Ибодатхонаи Худоро вайрон карда, онро дар се рӯз аз нав сохтан метавонам"». Ва саркоҳин бархеста, ба Ӯ гуфт: «Ҳеҷ ҷавоб намедиҳӣ? Ин чист, ки инҳо бар зидди Ту гувоҳӣ медиҳанд?» Аммо Исо хомӯш монд. Ва саркоҳин ба Ӯ гуфт: «Туро ба Худои зинда қасам медиҳам, ба мо гӯй, ки оё Ту Масеҳ, Писари Худо ҳастӣ?» Исо ба вай гуфт: «Ту гуфтӣ. Аммо Ман ба шумо мегӯям: пас аз ин Писари Одамро мебинед, ки аз дасти рости Қудрат нишаста, бар абрҳои осмон меояд». Он гоҳ саркоҳин ҷомаи худро даронда, гуфт: «Ӯ куфр гуфт! Дигар ба гувоҳон чӣ эҳтиёҷ дорем? Инак, акнун шумо куфри Ӯро шунидед! Чӣ фикр доред?» Дар ҷавоб гуфтанд: «Сазовори марг аст». (***Мат. 26:59-66***)

Ба саволи равшани Қаёфо Исо ҷавобе медиҳад, ки гӯё ба масъала дахле надошт – Ӯ ***Дониёл 7:13***-ро иқтибос овард. “*Ту ҳақиқатан донистан мехоҳӣ, ки Ман кистам, Қаёфо? Пас бо диққат гӯш кун*”. Ҳамон замон аксуламали фаврӣ карда шуд. Қаёфо дарҳол фаҳмид, ки Исо дар бораи Худ чун дар бораи “Худои дуюм” дар ***Дониёл 7:13*** гап мезанад – инсоне ки мувофиқи тасвири дар Аҳди Қадим додашуда танҳо Худоро ифода мекунад. Ӯ дар бораи Худ чун дар бораи Худо дар симои инсонӣ мегуфт. Ин куфргӯӣ буд, аз ҳамин сабаб он барои ҳукми марг асос ҳисоб меёфт.

Исо, албатта, дар ин бора медонист. Ӯ Худро ҳимоя карданӣ набуд. Ӯ медонист, ки *бояд* бимирад, то ки Подшоҳии Худоро барқарор кунад, то ки имондоронро ба оилаи Худо оварад ва халқҳоро, ки Худо онҳоро дар назди бурҷи Бобил рад карда буд, аз сарвариҳо ва қудратҳои торикӣ, ки бар онҳо ҳукмфармо буданд, кашида гирад.

Ва Ӯ мурд. ***Забур 21*** бо он маъруф аст, ки ба воситаи суханони Довуд натиҷаҳои ҷисмонии ба салиб кашида шуданро тасвир мекунад, ва барои мо даҳшатҳои тасвирнопазири салиброн ошкор менамояд. Таронасарои азобкашанда нола мекунад:

> Ҳар кӣ маро бинад, масхара мекунад; лаб мекушоянд, сар меҷунбонанд:
>
> «Ба Парвардигор таваккал карда буд, ӯро раҳо кунад; агар дилхоҳаш бошад, ӯро наҷот диҳад».
>
> Аммо Ту маро аз шикам берун овардаӣ, бар пистони модарам эмин доштаӣ.
>
> Аз батн бар Ту партофта шудаам; аз шиками модарам Ту Худои ман ҳастӣ.
>
> Аз ман дур набош, зеро ки тангӣ наздик аст, ва мададгоре нест.
>
> Барзаговони бисёре маро иҳота кардаанд, говмешони Бошон даври маро гирифтаанд,
>
> Даҳони худро бар ман воз кардаанд, мисли шере ки медарад ва наъра мезанад.
>
> Мисли об пош хӯрдаам; ҳамаи устухонҳоям аз ҳам ҷудо шудаанд; дилам чун мум гардида, дар дарунам гудохта шудааст. (***Заб. 21:8-15***)

Дар ин тасвир як чизи тарсоваре ҳаст – говмешони хашмгини *Бошон*. Чунон ки мо аллакай пештар зикр карда будем, дар замонҳои Аҳди Қадим Бошон маҳалли ҷойгиршавии худоёни девсират ва даромадгоҳ ба подшоҳии мурдаҳо буд. Ин ҷой маркази парастиши Баал буд, ки рамзи он нарговҳо ва модаговон буданд. “Говмешони Бошон” – ин истилоҳ девҳоро, қувваҳои торикиро тасвир мекунад. Дар замони мо ин тимсолро Клайв Люис дар китоби “Шер, ҷодугарзан ва ҷевони либос” бо тамоми нафратоварии тиравуторики он истифода бурдааст. Ҳар касе ки ин китобро хондааст ё филми онро дидааст, фаромӯш карда наметавонад, ки чӣ тавр Аслан бо фурӯтанӣ ҳаёти худро бар мизи сангӣ гузошт, ва ин боиси хушнудии лашкари ҷодугарзани сафед гардид.

Ва айнан ҳамон тавре ки Исо аз шайтон пешдастӣ кард, Аслан ҷодугарзани сафедро мот кард. Он чи қувваҳои бадӣ лаҳзаи тантана меҳисобиданд, ба шикасти пурра ва бебозгашти онҳо табдил ёфт.

## Шумо худоён ҳастед, аммо чун инсонҳо мемиред

Ба шарофати он чи дар салиб ба амал оварда шуд, шайтон натанҳо ҳуқуқро бар ҳаёти фарзандони Одам аз даст дод, балки ҳамчунин шарикони исёнкори ӯ, худоёни (*элоҳим*) фавқуттабиии халқҳо, ба зудӣ аз ҳамаи ҳудудҳои худ маҳрум мешаванд.

Худои Таоло, Худои Исроил муқаррар намуда буд, ки худоёни фавқуттабиӣ бар халқҳо ҳукмронӣ кунанд (***Так. Шар. 4:19-20***; ***32:8-9***). Ба мо гуфта нашудааст, ки кай онҳо душманони Худо шуданд, бо вуҷуди ин, онҳо душман шуданд. Онҳо халқи Худоро, Исроилро, аз парастиши Худо дур карданд, то ки на ба Худо, балки ба онҳо қурбониҳо биёранд (***Так. Шар. 17:1-3***; ***29:26-27***; ***32:17***). ***Забур 81***, ки мо дар боби дуюм аз назар гузарондем, то ки бо консепсияи шӯрои илоҳӣ шинос шавем, ба мо дар бораи он маълумот медиҳад, ки ин *элоҳим* қудрату ҳокимияти худро суиистифода мекарданд ва бадкирдориро ҳавасманд менамуданд. Онҳо шариати Худоро риоя намекарданд, адолатро ҷонибдорӣ наменамуданд:

Худо дар шӯрои илоҳӣ бархест

ва бар худоён (*элоҳим*) доварӣ кард.

«То ба кай ноинсофона доварӣ хоҳед кард?

Ва бадкоронро тарафдорӣ мекунед?

Бенавоён ва ятимонро ҳимоя кунед;

ҳалимон ва камбағалонро сафед кунед;

Бенаво ва камбағалро раҳо кунед:

аз дасти бадкорон халосӣ диҳед».

Онҳо нафаҳмиуданд ва дарк накарданд,

дар торикӣ роҳ мераванд;

ҳамаи асосҳои замин ба ларза омадаанд.

(***Забур 81:1-5*** РБО 2011)

Қисми дуюми таронаи Забур дар бораи он ҳикоя мекунад, ки Худо шӯрои осмонии Худро даъват намуд, то ба худоён хабар диҳад, ки онҳоро ояндаи тамоман нохуб интизор аст. Ҳангоме ки Худо бозгардондани халқҳоро талаб мекунад, ҳукмронии онҳо ба охир мерасад:

Агарчи Ман ба шумо гуфтам: «Шумо худоён ҳастед,

ва ҳамаатон – писарони Боломақом.

Аммо ҳамчун одам одамизод хоҳед мурд,

ва чун яке аз мирони заминӣ фурӯ хоҳед ғалтид».

Бархез, эй Худо, заминро доварӣ намо;

зеро ки ҳамаи халқҳо моликияти Ту ҳастанд" (Заб. 81:6-8 РБО 2011)

Кай Худо қарор медиҳад, ки халқҳоро гардонда гирад? Ҷавобро мо аллакай пештар, дар китоби ***Дониёл 7:14*** дида будем:

> Ва салтанат ва ҷалол ва подшоҳӣ ба Ӯ дода шуд, то ки ҳамаи қавмҳо, умматҳо ва забонҳо Ӯро ибодат намоянд; салтанати Ӯ салтанати ҷовидонист, ки завол нахоҳад ёфт, ва подшоҳии Ӯ нест нахоҳад шуд.

Маънои паём дар китоби ***Дониёл 7:13-14*** аён аст: ҳангоме ки Писари Одам Подшоҳиро ба даст меоварад, ин барои қувваҳои фавқуттабиии торикӣ ибтидои интиҳо мешавад. Исо аллакай Подшоҳиро дар эҳёи Худ ба даст овард. Худо "Ӯро аз мурдагон бархезонд ва аз дасти рости Худ дар ҷойҳои осмонӣ шинонд, болотар аз ҳар сарварӣ ва ҳукуматдорӣ ва қудрат ва ҳукмронӣ ва ҳар номе ки на танҳо дар ин давра, балки дар давраи оянда низ хонда мешавад" (Эфс. 1:20-21).

## Чаро ин муҳим аст?

То салиб шайтон бар ҷонҳои мо ҳуқуқи абадӣ дошт. Ҳамаи одамон мемиранд ва аз ҳамин сабаб ба подшоҳии мурдаҳо – ба *қаламрави* ӯ мераванд. Агар қурбонии Исо ва эҳёи Ӯ намебуд, мо дар он ҷо мемондем. Ба воситаи имон ба он чи Ӯ дар салиб кард, мо бо Ӯ эҳё шудаем. Чунон ки мо дар боби гузашта дидем, ҳангоме ки Подшоҳӣ дар Замин сар шуд, шайтон аз ҳузури Худо ронда шуда буд, (***Луқ. 10:18***). Худо акнун айбдоркуниҳоро зидди имондорон қабул намекунад. Шайтон акнун ба ҷонҳои мо ҳуқуқ надорад.

Пас чаро мо чунон зиндагӣ мекунем, ки гӯё ӯ ҳанӯз бар мо ҳуқуқ дошта бошад?

Мо ба воситаи камолоти ахлоқӣ наҷот ба даст намеоварем. Наҷот атоест, ки аз рӯи файз ба воситаи имон дода мешавад (***Эфс. 2:8-9***). Аз ин рӯ, наҷотро аз боиси нокомилии ахлоқӣ *аз даст додан* ғайриимкон аст. Он чи бо амалҳо ба даст намеояд, аз боиси амалҳо аз даст рафта наметавонад. Дар масъалаи наҷот садоқати имондорона муҳим аст. Мо бояд бовар кунем, ки Исо тамоми ҳуқуқро аз шайтон гирифт, ва низ бояд аз худоёни дигар ва ҷаҳонбиниҳо ва эътиқодоти вобаста ба онҳо рӯ гардонем.

Ҳамин аст паёми Подшоҳии Худо, ки ба мо супориш дода шудааст, то ба халқҳо расонем (***Мат. 28:19-20***). Бо мурури он ки мо итоаткор мешавем, ҳудудҳои ихтиёрдории худоён, сарвариҳо ва қудратҳои мухолиф камтар шудан мегиранд – яке паси дигар, ҷон аз пайи ҷон. Дарвозаҳои дӯзах, подшоҳии мурдаҳо дар пеши эҳё устувор монда наметавонанд, паҳншавии Инҷилро боздошта наметавонанд.

Ҳангоме ки Масеҳро ба салиб мекашиданд, ҳамаи ин барои шогирдони Ӯ комилан ғайривоқеӣ метофт. Лекин онҳо ба зудӣ тамоми моҳияти паёми Худоро дарк мекунанд.

БОБИ **СЕЗДАҲУМ**

# Дигаргунии бузург

Дар баробари ҳикоятҳо дар бораи Исо, ки дар Инҷилҳо навишта шудаанд, аз қабили таваллуд шудани Ӯ, Мавъизаи болои кӯҳ, марги Ӯ, шояд, порчаи машҳуртарин дар Аҳди Ҷадид ***Аъмол 2*** мебошад. Дар он тасвир ёфтааст, ки чӣ тавр дар рӯзи Пантикост Рӯҳулқудс бар пайравони Исо фуруд омад. Ин воқеа ибтидои бунёдшавии Калисо гардид ва ба башоратдиҳии умумиҷаҳонӣ ба номи Исо ибтидо гузошт.

Ин порчаи Навишта хеле машҳур аст. Лекин кам касе дарк мекунад, ки дар асл ҳангоми воқеаҳое ки он тасвир мекунад, чӣ рӯй дод. Боби дуюми китоби Аъмол бояд ба мо маълумот диҳад, ки Худо ниҳоят аз нав ҷо ба ҷо гузоштани ҷуғрофияи кайҳонии Аҳди Қадимро, ки дар ҷаҳон аз замонҳои бурҷи Бобил мавҷуд буд, сар кард. Худо воқеаҳоро, ки аз боиси онҳо ҳамаи халқҳо, ба истиснои Исроил, ба худоёни дигар тобеъ шуд буданд, ба ақиб мегардонад. Ҳангоми Пантикост стратегияи қадимии ҷанги рӯҳонӣ пешкаш карда шуд – фиристодаҳои Худо бо Инҷили Исои Масеҳ бояд ба даруни халқҳое ки Худо дар Бобил рад карда буд, ворид мешуданд.

## Пантикост

Дар рӯзи Пантикост ҳақиқатан воқеаҳои ғайриоддӣ рӯй доданд:

> Вақте ки рӯзи Пантикост фаро расид, ҳамаашон якдилона дар як ҷо ҷамъ омаданд. Ногоҳ ғулғулае, монанди садои тундбод, аз осмон баромад ва тамоми хонаро пур кард. Ва забонаҳои аз ҳам ҷудое, монанди забонаҳои оташ, ба онҳо падид омада, якто-якто бар ҳар яке аз онҳо нишаст. Ҳамаашон аз Рӯҳулқудс пур шуданд, ва чун Рӯҳ ба онҳо қудрати гап задан бахшид, ба забонҳои дигар-дигар ба сухан гуфтан сар карданд.
>
> Дар Уршалим яҳудиён, мардони худотарсе ки аз ҳар халқи зери осмон буданд, сокин буданд. Ҳангоме ки он ғулғула бархест, мардуми бисёре ҷамъ омада, ҳайрон шуданд, зеро ҳар кас ба забони худ сухани онҳоро мешунид. Ва ҳама дар ҳайрату тааҷҷуб шуда, ба якдигар мегуфтанд: «Оё ҳамаи инҳо, ки гап мезананд, ҷалилӣ нестанд? Пас чӣ гуна ҳар яке аз мо суханони онҳоро ба забони зодгоҳи худ мешунавем? (***Аъм. 2:1-8***)

Ин порчаи олидараҷа моро ба ҷаҳонбинии фавқуттабиии Аҳди Қадим бармегардонад. Лекин, бисёре аз он чи дар он тасвир ёфтааст, дар тарҷумаи русӣ аён нест. Калимаи «гирдбод» ё «тундбод», ки омадани Рӯҳро тасвир мекунад, – рамзи маъруфи ҳузури Худо дар Аҳди Қадим аст (***4 Подш. 2:1***, ***11***; ***Айюб 38:1***; ***40:6***). Оташ ҳамчунин тасвири маъруфи Худо мебошад (***Ҳизқ. 1:4***; ***Иш. 6:4***, ***6***; ***Дон. 7:9***; ***Хур. 3:2***; ***19:18***; ***20:18***).

Из ин порчаҳо аён мегардад, ки Худи Худо ҳангоми воқеаҳои Пантикост ҳузур дошт. Ӯ бозгардондани халқҳоро, ки ба ихтиёри худоёни мартабаашон поёнӣ (***Так. Шар. 4:19-20***; ***32:8-9***), – худоёне ки дертар душманони Ӯ шуданд (***Заб. 82***), дода буд, сар карданӣ буд.

Асбобе ки Худо барои расидан ба мақсади Худ истифода бурданӣ буд, суханони шогирдон буданд – тимсоли забонҳо аз боиси ҳамин аст. Худо ба пайравони яҳудии Исо лаёқат дод ба дигар яҳудиёне ки ба иди Пантикост омада буданд, гап зананд – ба яҳудиёне ки дар байни *ҳамаи* он халқҳое мезистанд, ки зери итоати худоёни мухолиф буданд. Инҷилро шунида ва ба он бовар карда, онҳо ба назди халқҳои худ бармегарданд ва ба дигарон дар бораи Исо нақл мекунанд.

## Пантикост ва Бобил

Воқеа дар назди бурҷи Бобил сабабгори он шуд, ки Худо қарор дод халқҳоро пароканда кунад ва онҳоро зери итоати худоёни дигар гузорад (***Так. Шар. 4:19-20***; ***32:8-9***). Дар назари аввал чунин метобад, ки, ки байни воқеаҳо дар назди бурҷи Бобил ва воқеаҳое ки дар ***Аъмол 2*** тасвир шудаанд, робитаи зиёд нест. Аммо агар матнҳо ба забонҳои асл хонем, ин робитаро дидан осон аст.

Ду унсури калидӣ дар ***Аъмол 2*** воқеаҳои Пантикостро бо Бобил мепайванданд. Аввалан, забонҳои оташ чун «аз ҳам ҷудо» тасвир ёфтаанд. Сониян, гуфта шудааст, ки издиҳоме ки аз яҳудиёни аз байни ҳамаи халқҳо омада иборат буд, «дар ҳайрат афтоданд». Ба забони тоҷикӣ на он қадар боварибахш садо медиҳад. Лекин Луқо ба юнонӣ навишта буд. Калимаҳои юнонӣ, ки чун «аз ҳам ҷудо» ва «дар ҳайрат афтоданд» тарҷума шудаанд, дар Ҳастӣ ***11:7*** ва ***Такрори Шариати 32:8*** истифода мешаванд. Ин ҳар ду оят дар бораи аз ҳам ҷудо шудани забонҳо ва халқҳов дар назди бурҷи Бобил мегӯянд, ки натиҷаи он омехташавӣ (дар ҳайрат афтодан) буд.

Муаллифи Аъмол, Луқо, ғайрияҳудӣ буд. Ӯ танҳо ба юнонӣ хонда метавонист. Аз ин рӯ, ӯ тарҷумаи юнонии Аҳди Қадимро истифода бурд, ки ҳам он вақт, ҳам ҳоло Септуагинта ном дорад. Азбаски миқдори хеле ками одамон ба ибронӣ хонда метавонистанд, Септуагинта Аҳди Қадим барои Калисои ибтидоӣ гардид. Ҳангоме ки Луқо ***Аъмол 2***-ро менавишт, дар бораи воқеаҳои назди бурҷи Бобил фикр мекард.

Аммо ин ду воқеаро ба ҳам пайвастан чӣ даркор аст? Дар бораи он чи дар рӯзи Пантикост рӯй дод, фикр кунед. Рӯҳ чунон фуруд омад, ки одатан Худо дар Аҳди Қадим ҳмон гуна меомад, – дар тундбод ва оташ. Омехташавии забонҳо ва дар ҳайрат афтодан дар назди бурҷи Бобил он вақт бартараф карда шуд, ки забонаҳои оташ ба шогирдон лаёқат доданд ба яҳудиёне ки дар Уршалим ба ид аз тамоми ҷаҳон омада буданд, ба забонҳоро гап зананд. Се ҳазор нафари онҳо ба хабар дар бораи Исо бовар карданд (***Аъм. 2:41***).

Ин навимонон, ки Исоро чун Масеҳ қабул карданд, акнун ин хабарро ба кишварҳои худ мебаранд – ба халқҳо, ки дар назди бурҷи Бобил пароканда шуда буданд. Дар Ҳастӣ ***11*** Худо аз халқҳои инсоният рӯ гардонд ва дарҳол пас аз ин, дар Ҳастӣ ***12***, Иброҳимро даъват намуд, то ки халқи нави Худоро ба вуҷуд оварад. Аз ин лаҳза Ӯ ба Худ халқро аз ҳамаи он халқҳое ки Ӯ замоне рад карда буд, ҷамъ кардан мегирад. Ӯ ғайрияҳудиёнро ҳамроҳи имондорони яҳудӣ, авлодони Иброҳим ба оилаи имондорон овардан мегирад. Бо мурури замон Подшоҳии Худо ҳамаи подшоҳиҳои худоёни мухолифро фаро мегирад.

Дар ҳамаи ин аз ҳама аҷоибтарин – рӯйхати кишварҳост, ки дар ***Аъмол 2,*** номбар шудаанд, ва тартибе ки онҳо бо он пешкаш шудаанд. Агар шумо онҳоро дар харита ёфтанӣ шавед, аз шарқ сар мекунед – аз Бобил ва Форс, ки яҳудиён дар охири Аҳди Қадим ронда шуда буданд, ва дар ғарб ба охир мерасонед – дар нуқтаи охирини замин, ки он замон маълум буд. Шумо ҳамон масофаро тай мекунед ва ҳамон халқҳоеро ошкор менамоед, ки дар Ҳастӣ ***10*** номбар шудаанд, – худи ҳамон халқҳоеро, ки зери итоати худоёни мартабаашон поёнӣ афтоданд.

## Ҷанги мо на бар зидди ва ҷисм аст

Қисми зиёди китоби Аъмол дар бораи сафарҳои миссионерии Павлус ҳикоят мекунад. Павлус ҳаввории ғайрияҳудиён буд – касе ки аз ибтидо Худо ӯро барои он фиристод, ки дар халқҳои берун аз Исроил калисоҳо бунёд кунад. Сафарҳои Павла, ва низ вазъиятҳои ҳаёти ӯ, масалан, ҳабс шудан аз ҷониби румиён, ӯро ба ғарб оварданд.

Дар номаҳои худ Павлус бисёр вақт дар бораи қувваҳои рӯҳӣ мегӯяд, ки ба хизматгузории ӯ ва паҳн кардани Инҷил мухолифат менамуданд. Калимаҳое ки ӯ барои тасвири мавҷудоти баде истифода мебарад, ки ӯ ба қаламрави онҳо дар ибтидои Пантикост даромада буд, нишон медиҳад, ки Павлус ҷуғрофияи кайҳонии Аҳди Қадимро мефаҳмид. Оё Шумо дар истилоҳоте (чунон ки онҳо дар тарҷумаи тоҷикӣ дода шудаанд), ки Павлус барои тасвир намудани қувваҳои нонамоёни торикӣ истифода мебарад, як чизи умумиро пай бурдед?

- сарвариҳо (***Эфс. 1:20-21***; ***3:10***; ***6:12***; ***Қӯл. 2:15***)
- ҳукуматдориҳо (***Эфс. 1:20-21***; ***3:10***; ***6:12***; ***Қӯл. 2:15***; ***1 Қӯр. 2:6***, ***8***)
- қудратҳо (***Эфс. 1:20-21***; ***Рум. 8:38***)
- салтанатҳо (***Эфс. 1:20-21***; ***Қӯл. 1:16***)
- худовандон (***1 Қӯр. 8:5***)
- тахтҳо (***Қӯл. 1:16***)

Ҳамаи ин истилоҳот *ҳукмронии ҷуғрофиро* ифода мекунанд. Дар асл ин истилоҳот ҳам дар Аҳди Ҷадид, ҳам дар дигар адабиёт ба забони юнонӣ барои тасвир намудани дорандагони қудрати инсонӣ истифода мешаванд. Павлус забони қудрати ҳудудиро истифода мебарад. Он фаҳмиши Аҳди Қадимро оид ба робитаи ҷаҳони рӯҳӣ бо ҷаҳони инсонӣ инъикос мекунад – халқҳоро Худо ба ихтиёри мавҷудоти рӯҳӣ, ки ба Ӯ ва ба халқи Ӯ душман мебошанд, додааст.

## “Ман ба Испания меравам”

Китоби Аъмол бо сафари Павлу ба Рум ба охир мерасад. Павлус маҳбус буд ва бо ду сабаб ба Рум равона буд: аз боиси мурoҷиати маҳкамавӣ ба қайсар ва ба хотири паҳн кардани

Инҷил. Аммо ӯ ҳамчунин медонист, ки барои аз худоёни мухолиф бозпас гирифтани халқҳо, ӯ бояд то канори ҷаҳоне ки то он вақт маълум буд, мерафт. Дар замони Павлус ин Испания буд. Барои он ки вазифаи худро ба анҷом расонад, Павлус бояд ба Испания мерафт. Мувофиқи он чи ӯ дар нома ба Румиён ҳанӯз то ҳабс шудани худ навишта буд, ӯ мехост ба канори ғарбии Замин равад – ба Испания – то ҳамаи халқҳоро ба назди Исо баргардонад:

> Ҳамин ки ба сафари Испания равам, назди шумо меоям. Зеро умедворам, ки ҳангоми гузашта рафтанам шуморо бинам, ва шумо маро, пас аз он ки аз дидоратон андаке сер шавам, ба он ҷо гусел намоед... Пас ин корро анҷом дода ва ин самарро барои онҳо мӯҳр зада, ман бо роҳи кишвари шумо ба Испания меравам (***Рум. 15:24***, ***28***)

Водоркунандаи Павлус дарки он факт буд, ки маҳз дар замони ӯ Худо нақшаи барқарор кардани Подшоҳии Худро кашид. Ӯ бовар мекард: ҳангоме ки «шумораи пурраи ғайрияҳудиён дохил шаванд», он вақт «тамоми Исроил наҷот меёбад» (***Рум. 11:25-26***). Ӯ бовар̣ӣ дошт, ки он чиро, ки дар рӯзи Пантикост сар шуд, ба анҷом мерасонад.

## Чаро ин муҳим аст?

Павлус ҳаёти худро аз нуқтаи назари олами фавқуттабиӣ аз назар мегузаронд. Ӯ худро асбоби Худо меҳиобид. Ӯ дар ҳақиқат асбоби Худо буд. Аммо ҳамаи он имондорони номҳояшон номаълум низ асбобҳои Худо буданд – онҳо пас аз рӯзи Пантикост пеш аз Павлус аз Уршалим рафтанд, то ки дар маҳалли сукунати худ ба қалъаҳои рӯҳҳои нопок ворид шаванд.

Мову Шумо ҳамчунин асбобҳои Худо мебошем.

Аммо агар мо, чун Павлус, асбобҳои Худо бошем, пас чаро ӯ аз мо ин қадар таъсирбахштар ва пурсамартар буд? Яке аз сабабҳо дар он аст, ки Павлус *мефаҳмид*, ки маънои ҳаёти ӯ аз чӣ иборат буд. Ӯ *бовар мекард*, ки қувваҳое ки бар Замин ҳукмфармоӣ мекунанд, воқеӣ мебошанд. Лекин ӯ ҳамчунин ба ҳақиқати зерин бовар мекард: дар паси Ӯ ва дар Ӯ Касе ҳаст, ки аз он ки дар ҷаҳон аст, бузургтар аст.

Оё Шумо ба ин бовар мекунед? Китоби Муқаддас ҳамаи инро чун факт муаррифӣ мекунад. Павлус ҳаёти худро маҳз ҳамин тавр мефаҳмид.

Павлус тасаввуроте надошт, ки дар асл ҷаҳон то чӣ андоза бузург аст. Ӯ дар бораи Амрикои Шимолӣ, дар бораи Амрикои Ҷанубӣ, Хитой, Ҳиндустон, Норвегия, Австралия, Исландия ва дар бораи бисёр ҷойҳои дигар намедонист. Аммо Худо медонист. Худо медонист, ки вазифаи дар тамоми ҷаҳон паҳн кардани Инҷил аз он чи Павлус тасаввур карда метавонист, хел бештар аст. Худо медонист, ки барои он ки Инҷил ба канорҳои Замин расад, дигарон бояд ҳамон мақсадеро, ки Павлус барои ҳаёти худ дошт, пайравӣ намоянд. Агар мо ин взифаро фаъолона амалӣ накунем, кореро, ки ба хотири он мо дар Замин ҳастем, ба ҷо намеоварем. Агар Худо ба мо фақат барои он даркор бошад, ки эҳтиёҷоти моро қонеъ намояд, мо на ба Исо, ба дувоздаҳ ҳаввориён ё ба Павлус, балки бештар ба халқи Бобил монанд ҳастем.

Порчаи Навишта, ки мо дар ин боб аз назар гузарондем, моро боз ба як хулоса меоварад: идея дар бораи қалъаҳои рӯҳҳои бад пурра библиявӣ аст. Ба мо тасвири қаламрави рӯҳҳои нопок ё ҳудудҳои минтақаҳои нуфузи онҳо дода нашудааст. Ба мо ҳатто дар бораи иерархияи рӯҳии олами торикӣ ҳеҷ чиз гуфта нашудааст. Ба мо фақат гуфта шудааст, ки ин қувваҳо ба Подшоҳии Худо мухолифат мекунанд ва намехоҳанд, ки одамон як ҷузъи нақшаи Худо оид ба паҳн кардани ҳукмфармоии неки Ӯ шаванд. Ин маънои онро дорад, ки мо бояд мухолифатро, ки бо мантиқ ё таҷриба маънидод кардан ғайриимкон аст, *интизор бошем,* ва мо онро бо қувваи худ бартараф карда наметавонем. Худо ба мо Рӯҳи Худро, ва низ агентҳои нонамоёни Худро додааст, ки дар амалӣ намудани супориши Ӯ ба мо ёрӣ мерасонанд (***1 Қӯр. 3:16***; ***6:19***; ***Ибр. 1:13***; ***1 Юҳ.4:4***).

Инак он чи мо бояд аз худ пурсем: «Ҳаёти мо чӣ гуна мешуд, агар мо ҳар рӯз бо ҳамон нигоҳ ба ҷаҳон ва ба олами фавқуттабиӣ, ки дар Павлус буд, бедор мешудем?» Чӣ мешуд, агар мо ҳар рӯз ҳаёти худро бо дарки он ба тартиб медаровардем, ки мо аъзоёни оилаи Худо ҳастем, ва мо вазифае дорем – аз зери итоати торикӣ озод намудани бародарони худ? Чӣ мешуд, агар мо бо дарки он мезистем, ки ҳар як қарори қабулкарда, ҳар як сухани гуфтамон бемақсад нест? Чӣ мешуд, агар мо бовар мекардем, ки қувваҳои нонамоёни атрофамон қарорҳо, рафтор, суханони моро истифода мебаранд, то ки ба дигар одамон барои фоида ё ба зарари онҳо таъсир расонанд, ҳатто агар мо онҳоро набинем ва ҳеҷ чиз дар бораи онҳо надонем ҳам. Кори мо, даромадҳои мо, истеъдодҳои мо, ҳатто мушкилиҳои мо аҳамият надоранд, ҳангоме ки кор ба он дахл дорад, ки мо *дар асл* кистем, кӣ хоҳем буд ва чаро ҳозир мо дар ин ҷо ҳастем. Мо ҷаҳони фавқуттабииро дидан наметавонем. Лекин мо микроҷаҳонро низ дидан наметавонем. Бо вуҷуди ин, мо ҷузъи ҷудоинопазири ҳар ду ҷаҳон мебошем.

Имондорони Калисои ибтидоӣ маҳз ҳамин тавр фикр мекарданд. Чунон ки мо дар боби оянда мебинм, онҳо бовар мекарданд, ки ҷаҳони атрофи онҳо пур аз торикӣ аст, аммо боре ба он лозим меояд, ки ақиб нишинад. Бо вуҷуди он ки масеҳиёни ибтидоӣ ба маънои ҳақиқӣ зидди дунёи мухолиф ва ҳукуматдориҳои он меҷангиданд, бо ёрии Худо, ва низ бо ёрии агентҳои нонамоёни Ӯ онҳо масеҳият барин падидаи умумиҷаҳониро ба вуҷуд оварда тавонистанд. Онҳо *бовар мекарданд*, ки ихтилофи рӯҳонӣ воқеӣ аст, аммо дар ниҳояти кор қувваҳои торикӣ онҳоро мағлуб карда наметавонанд. Мову Шумо далели зиндаи имони онҳо мебошем.

БОБИ **ЧОРДАҲУМ**

# На аз ин ҷаҳон

Дар дуои машҳуре ки Исо дар боғи Ҷатсамонӣ пеш аз ҳабс ва доварӣ ба забон овард, Ӯ дар бораи шогирдони Худ гуфт: “Онҳо аз ҷаҳон нестанд, чунон ки Ман низ аз ҷаҳон нестам” (***Юҳ. 17:16***). Бе шубҳа, имондорон *дар* ҷаҳон мебошанд. Ба онҳо супориши махсус дода шуда буд, ки Инҷилро ба ҳамаи халқҳо расонанд (***Мат. 28:19-20***). Лекин, дар йани замон онҳо аз ҷаҳон нестанд. Дар ҷаҳон, аммо на аз ҷаҳон будан – ин парадокс ба масеҳиёни ибтидоӣ бо якчанд воситаҳои хотирмон расонида мешуд.

## Ҳудуди муқаддас, замини муқаддас ва Ҳузур

Дар боби ҳаштум мо дар бораи консепсияи ҳудуди муқаддас сухан рондем. Барои исроилиёни Аҳди Қадим Худо комилан *дигар* буд. Ҳудуде ки ҳузури Ӯ дар он буд, аз ҳамаи ҳудудҳои дигар ҷудо карда шуда буд. Мафҳуми ҳудуди муқаддас он ҳақиқатро, ки Худо ломакон аст, – дар як вақт дар ҳама ҷо ҳузур дорад, – инкор намекунад. Ҳамин тариқ, ҳудуде ки Худо барои вохӯрӣ бо халқи Худ интихоб кардааст, муқаррар карда мешуд. Таъйиноти хаймаи ҷомеъ ва парастишгоҳ қисман маҳз аз ҳамин иборат буд. Консепсияи ҳудуди муқаддас натанҳо бисёр қоидаву қонунҳо ва маросимҳои исроилиёнро мефаҳмонад, балки ҳамчунин идеяи ҷуғрофияи кайҳониро тасдиқ мекунад – идеяро дар бораи он ки ҷаҳон байни худоёни мартабаашон поёнӣ ва Худои Қодири Мутлақ – Худои Исроил тақсим карда шуда буд.

Идеяи ҳудуди муқаддас ҳамчунин ва дар Аҳди Ҷадид хеле равшан баён карда шудаст. Пуридан кифоя аст: “Ҳозир ҳузури Худо дар куҷост?” Ва агарчи Худо комилан дар ҳама ҷост, ба таври махсус Ӯ *дар ҳар як имондор* сокин аст. Хоҳ бовар кунед, хоҳ не, аммо Шумо акнун ҳудуди муқаддас ҳастед. Павлус возеҳу равшан мегӯяд, ки “бадани шумо ибодатхонаи Рӯҳулқудс аст” (***1 Қӯр. 6:19***).

Худи ҳамин ба он ҳудуде низ дахл дорад, ки имондорон чун гурӯҳ ҷамъ мешаванд. Павлус ба калисо дар Қӯринтус нома навишта, ба онҳо хабар медиҳад, ки ҳамаи онҳо дар якҷоягӣ “маъбади Худо” мебошанд (***1 Қӯр. 3:16***). Ӯ ба имондорони Эфесус бораи он мегӯяд, ки онҳо “аҳли хонаи Худо … ибодатхонаи муқаддасе дар Худованд. Дар Ӯ шумо низ бино мешавед, то дар Рӯҳ маскани Худо бошед ” (***Эфс. 2:19***, ***21-22***).

Аз ин ҷо хулосаҳои ҳайратовар бармеоянд. Ба бисёрии мо суханони зерини Исо маълуманд: “Зеро дар ҷое ки ду ё се кас ба номи Ман ҷамъ шаванд, Ман дар миёни онҳо ҳастам” (***Мат. 18:20***). Ин изҳорот дар партави идеяи Аҳди Қадим дар бораи ҳудуди муқаддас чӣ маъно дорад? Ин маънои онро дорад, ки ҳар боре ки имондорон ҷамъ мешаванд, бо вуҷуди он ки онҳо дар миёни қувваҳои торикӣ мебошанд, замини рӯҳонӣ, ки онҳо дар он мебошанд, муқаддас аст.

Ҷое ки Яҳве дар Аҳди Қадим дар ниҳояти кор барои сокиншавӣ интихоб намуд, Исроил буд, аниқтараш – парастишгоҳ дар Уршалим. Исроил замини муқаддас шуд, чунки дар он ҷо ҳузури Худо буд. Аммо ин замини муқаддас зери таҳдиди халқҳои атроф ва худоёни онҳо буд. Айнан ҳамин тавр ҳозир ҳам имондорон дар ҷанги рӯҳонӣ иштирок мекунанд. Мо акнун парастишгоҳи Худо ҳастем, ҷои махсуси ҳузури Рӯҳи Худо, чароғдонҳои ҳузури Ӯ. Мо дар тамоми ҷаҳоне ки дар асорати қувваҳои торикӣ аст, пароканда шудаем.

## Ба шайтон супурдан

Дар мисоли он ки Павлус муқаддасии калисои маҳаллиро чӣ гуна медид, ин консепсияро хуб тасвир додан мумкин аст. Ҳар як ҷамоати маҳаллии имондорон замини муқаддас буд – маконе ки дар он ба гуноҳи тавбанакарда ҷой нест.

Дар боби ҳаштум мо аз назар гузарондем, ки Исроил бо гуноҳ чӣ тавр муносибат намуд, то ки муқаддасии бошишгоҳро – ҳудуди муқаддасро нигоҳ дорад. Мо ҳамчунин дар бораи Рӯзи Кафорат сухан рондем (***Иб. 16***), ҳангоме ки гуноҳҳои халқ ба таври маросимӣ ба нарбуз – нарбуз барои Азозил – гузаронида мешуданд (***Иб. 16:8***, ***10***). Дар он замон чунин ҳисобида мешуд, ки Азозил мавҷуди рӯҳӣ буд, ки дар биёбон мезист. Исроилиён нарбузро ба биёбон сар медоданд, ва вай гуноҳҳои онҳоро бо худ мебурд. Бо ин амал гуноҳҳои халқ рамзан ба он макон интиқол дода мешуданд, ки ҷояшон ҳамон ҷо буд – ба биёбон, ба макони торикии рӯҳӣ.

Павлус калисои Қӯринтусро даъват мекунад, ки бо гуноҳ айнан ҳамин тавр рафтор намоянд – онро ба ҳамон ҷой фиристанд, ки маконаш ҳамон аст. Дар ***1 Қӯринтиён 5*** Павлус ба қӯринтиён дар бораи шахсе менависад, ки ҳаёти бадахлоқонаи ҷинсӣ ба сар мебурд ва ба тавба эҳтиёҷ дошт. Павлус мефармояд: “Чунин шахс ба шайтон супорида шавад” (***1 Қӯр. 5:5***). Идея фаҳмост – гуноҳ дар замини муқаддас набояд ҷой дошта бошад. Имондорон мебоист он гуноҳкори тавбанакардаро аз калисо дур мекарданд (***1 Қӯр. 5:9-13***). Аз калисо ронда шудан – ба ҷаҳон, ба соҳаи таъсири шайтон афтодан аст.

Павлус умед дошт, ки натиҷа барои шахси тавбанкарда “ҳалокати ҷисмаш” хоҳад буд, “то ки рӯҳаш дар рӯзи Худованди мо наҷот ёбад” (***1 Қӯр. 5:5***). (Сухан на дар бораи марги ҷисмонӣ меравад, балки дар бораи марги ҳавасҳои ҷисм, ки ин шахсро побанд мекарданд [***Ғал. 5:24***; ***1 Қӯр. 11:32-33***]).

## Таъмид чун ҷанги рӯҳонӣ

Мавқеи Петрус оид ба ин масъала бо мавқеи Павлус мувофиқат дошт – имондорон ба қувваҳои торикӣ муқобил меистанд. Ин ҷаҳонбинии ҷангро дар яке аз порчаҳои аҷиби Аҳди Ҷадид ошкор кардан мумкин аст – дар ***1 Петрус 3:14-22***:

> Лекин ҳатто агар барои ростқорӣ азоб кашед, хушо шумо. “Аз он чи онҳо метарсанд, натарсед ва бим надошта бошед, балки Худованд Худоро дар дили худ муқаддас гардонед”; ва ҳамеша тайёр бошед ба ҳар касе ки аз шумо дар бораи сабаби умедатон пурсад, бо ҳалимӣ ва эҳтиром ҷавоб диҳед. Бигзор виҷдони шумо пок бошад, то онҳое ки рафтори некатонро дар Масеҳ таҳқир

мекунанд, бо он чи шуморо бадгӯӣ мекунанд, шарманда шаванд. Зеро, агар хости Худо бошад, барои корҳои нек азоб кашидан беҳтар аст аз он ки кас барои корҳои бад азоб кашад. Чунки Масеҳ низ, барои он ки шуморо сӯи Худо оварад, як бор барои гуноҳҳо азоб кашид, яъне росткор барои бадкорон дар ҷисм кушта шуд, аммо ба воситаи Рӯҳ зинда гардид. Дар ҳамон Рӯҳ Ӯ рафта, ба рӯҳҳо, ки дар зиндонанд, мавъиза намуда буд. Онҳо пештар беитоат буданд, вақте ки Худо дар айёми Нӯҳ пурсаброна интизорӣ мекашид, ҳангоме ки киштӣ сохта мешуд, ки дар он мардуми каме, яъне ҳашт нафар, аз об наҷот ёфтанд. Ва сурат ва шабоҳати он таъмид аст, ки на дур кардани нопокии ҷисм, балки шаҳодати виҷдони пок аст ба ҳузури Худо, ки акнун моро низ ба воситаи растохези Исои Масеҳ наҷот медиҳад, ки Ӯ ба осмон рафта, аз дасти рости Худо нишастааст ва фариштаҳо, қудратҳову қувваҳо фармонбардори Ӯ шудаанд.

Ман боврӣ дорам, ки Шумо дар ин порча аҷоибиҳоро пай бурдед. Киштӣ, Нӯҳ ва рӯҳҳо дар зиндон ба таъмид чӣ муносибат доранд? Ва магар ин матн изҳор наменамояд, ки таъмид моро наҷот медиҳад?

Петрус дар ин ҷо монанди он муҳокимаронӣ мекунад, ки Павлус дар ***Румиён 5*** муҳокимаронӣ мекунад. Дар он порча Павлус дар бораи Исо гап мезад, ва ҳамчунин дар бораи Одам фикр мекард. Ба як маъно мо бояд дар Исо тазодро бо Одам бинем. Аз ҳамин сабаб Павлус мегӯяд: “Зеро, чунон ки ба воситаи беитоатии як кас (Одам) бисёр касон гуноҳкор шуданд, ончунон ба воситаи итоати як Кас бисёр касон росткор мешаванд” (Рум. 5:19). Аммо ҳангоме ки Петрус дар бораи Исо  дар ***1 Петрус 3*** менависад, ӯ ҳамин тавр фикр мекунад, аммо фақат на дар бораи Одам, балки дар бораи Ҳанӯх. Лекин Ҳанӯх, мувофиқи ақидаи Петру, тазод бо Исо набуд. Ҳанӯх бо он чи ки Петрус дар бораи Исо гуфтан мехоҳад, ҳамонандӣ дорад.

Эҳтимол Шумо фикр мекунед: “Аммо ин чӣ маъно дорад?” Ҳақиқатан ҳам, дар Аҳди Қадим ҳамагӣ якчанд оятҳо дар бораи Ҳанӯх ҳастанд (***Ҳас. 5:18-24***). Ҳамаи он чи мо аз ин оятҳо фаҳмида метавонем – он аст, ки Ҳанӯх дар давраи то тӯфони бузург мезист ва “Ҳанӯх пеши Худо роҳ мерафт; ва нопайдо шуд, зеро ки Худо ӯро гирифт” (***Ҳас. 5:24***). Ин оятҳо ба он чи Петрус дар ***1 Петрус 3*** дар бораи Исо мегӯяд, ҳеҷ муносибат надоранд.

Барои фаҳмидани он, ки чаро Ҳанӯх Исоро ба хотири Петрус меовард, мо бояд он фактро дарк намоем, ки Петрус дар бораи Ҳанӯх дар адабиёти яҳудиён, ки як ҷузъи Аҳди Қадим набуд, хонда буд. Ва хусусан ин ба китоби қадимии яҳудиён дахл дорад, ки дар бораи Ҳанӯх маълумоти бисёр медиҳад. Албатта, номи ин китоб – китоби 1-уми Ҳанӯх аст. Ин китоб норасоии маълумотро дар бораи он чи дар замонҳои Тӯфон рӯй дода буд, пурра мекунад. Хусусан ин ба эпизод дар Ҳастӣ ***6:1-4*** дахл дорад, ки он ҷо тасвир шудааст, ки чӣ тавр аз иттиҳоди писарони Худо (Ҳанӯх онҳоро Посбонҳо меномад) бо духтарони одамон азимҷуссаҳо – Нефилимҳо ба вуҷуд омаданд. Ҳангоме ки Петрус ва Яҳудо дар бораи фариштаҳое менавиштанд, ки дар замони Нӯҳ гуноҳ карданд (***2 Пет. 2:4-5***; ***Яҳ. 6***), онҳо ба идеяҳое ишора мекарданд, ки на дар қиссаи Китоби Муқаддас дар бораи Тӯфон, балки дар китоби 1-уми Ҳанӯх ифода ёфтаанд. Дар ҳикоят дар бораи Тӯфон дар Ҳастӣ, масалан, дар бораи он гуфта нашудааст, ки писарони фавқуттабиии Худо то охири айём ба зиндон дар ҷаҳони мурдагон – ба асфалуссофилин партофта шудаанд. Аммо дар ин бора китоби 1-уми Ҳанӯх (***1 Ҳанӯх 6:1-4***; ***7:1-6***; ***10:4***, ***11-13***) хабар медиҳад.

Он чи бо ин “рӯҳҳо дар зиндон ” дар китоби 1-уми Ҳанӯх рӯй дод, ба Петрус фаҳмиши муайяне дар бораи Исо дод. Дар қиссае ки дар 1 Ҳанӯх тасвир ёфтааст, Ҳанӯх хобе мебинад, ки дар он рӯҳҳои ба зиндон партофташуда аз ӯ хоҳиш мекунанд, ки дар назди Худо барои онҳо шафоат кунад. Охир, Ҳанӯх пеши Худо қадамгузор буд. Кадом каси дигар метавонад аз Худо хоҳиш кунад, ки Ӯ қарорашро бекор карда, онҳоро сар диҳад? Ҳанӯх дуо гуфт, аммо ҷавоб тасаллибахш набуд. Худо қатъиян “*не*” гуфт. Ҳанӯх ҷавоби Худоро расонд – ӯ ба зиндон ба назди рӯҳҳо фаромад. Ӯ ба онҳо хабар дод, ки онҳо ҳанӯз маҳкумшуда мебошанд.

Петрус ин қиссаро чун ҳамонандӣ ба он чи Исо кард, истифода мебарад. Петрус мехост мо фаҳмем, ки пас аз марги Худ Исо ба подшоҳии мурдаҳо фаромад, то ки барои мавҷудоти илоҳии исёнкор, ки дар он ҷо ҳастанд, паёмеро расонад. Ҳангоме ки онҳо ба макони мурдагон даромадани Исоро диданд, эҳтимол фикр карданд, ки девҳо ғолиб шудаанд, ва онҳо ба зудӣ аз зиндон мебароянд. Исо ба ҷои ин ба онҳо хабар дод, ки Ӯ муддати каме дар ин ҷост – Ӯ эҳё мешавад. Ҳамаи ин нақшаи Худо буд. Онҳо ғолиб нашуданд! Онҳо *ҳанӯз ба ҳалокат маҳкум карда шудаанд*. Аз ҳамин сабаб ин аҷиб порча бо он ба охир мерасад, ки Исо “ба осмон рафта, аз дасти рости Худо нишастааст ва фариштаҳо, қудратҳову қувваҳо фармонбардори Ӯ шудаанд” (***1 Пет. 3:22***).

Пас чаро Петрус ҳамаи инро бо таъмид вобаста мекунад? Мувофиқи ақидаи Петрус, марги Исо ва эҳёи Ӯ, ки бо эълон кардани ғалаба ба қувваҳои рӯҳӣ ба охир расид, рамзан дар таъмид инъикос ёфтаанд. Таъмид рамзи марг, дафн карда шудан ва эҳёи Исо аст (***Рум. 6:1-11***).

Барои Петрус таъмид “тимсол”-и ҳамаи ин мебошад, чунки ин “ба зимма гирифтани виҷдони пок аст ба ҳузури Худо, ки ба воситаи эҳёи Исои Масеҳ наҷот медиҳад” (***1 Пет. 3:21***). Калимаи юнонӣ, ки чун “ба зимма гирифтан” тарҷума шудааст, дар бораи ваъдае мегӯяд, ки инсон ба ӯҳда мегирад. Калимаи юнонӣ, ки чун “виҷдон” тарҷума шудааст, бисёр вақт фарқ карда тавонистани некиву бадиро ифода мекунад. Лекин дар мавриди додашуда ин калимаро дигар хел бояд фаҳмид. Фарқ карда тавонистани некиву бадӣ ба марг, дафн карда шудан ва эҳёи Исо ҳеҷ муносибат надорад. Ин калимаи юнонӣ ҳамчунин ба бахшида шудан ишора карда метавонад – бахшида шудан ба ягон кори дуруст, сазовор, на ин ки хушку холӣ ва бемаъно. Ин маҳз он чизест, ки Петрус дар ***1 Петрус 3*** дар бораи он мегӯяд. Моҳиятан, таъмид – қасами вафодорӣ ба Худо ва дар пеши қувваҳои бадӣ (ва низ дар пеши одамони ҳозирбуда) эълон намудани он аст, ки акнун Шумо дар ҷанги рӯҳонӣ дар тарафи кӣ ҳастед. Масеҳиёни қадимӣ инро аз мо беҳтар мефаҳмиданд. Маҳз аз боиси ин порча маросимҳои таъмиди Калисои ибтидоӣ даст кашиданро аз шайтон ва фариштаҳои ӯ дар бар мегирифтанд.

## Чаро ин муҳим аст?

Аввалан, мо бояд фаҳмем, ки имондорон замини муқаддас мебошанд, маҳалли сокиншавии ҳузури Худо, ки ҷалоли Аҳди Қадим аст. Оё мо мувофиқи ин ҳақиқат зиндагӣ мекунем? Исроилиён ва имондорон дар замони Исо ҳис мекарданд, ки аз беимонон фарқ доштан хеле муҳим аст. Аммо на аз он сабаб, ки имондорон мехостанд то он дараҷа аҷиб

бошанд, ки беимонон аз ҳама гуна робита бо онҳо канораҷӯӣ кунанд. Не. Исроил бояд “подшоҳии коҳинон”, “халқи муқаддас” мебуд (***Хур. 19:6***). Ҳангоме ки исроилиён мувофиқи таъйиноти Худо барои фарзандони Худ мезистанд, ин онҳоро ба ҳаёти пурсамар, пурмаҳсул, хушбахтона мебурд. Исроил бояд халқҳоро, ки зери асорати худоёни мухолиф буданд, ба Худои ҳақиқӣ ҷалб менамуд.

Ҳангоме ки мо ҷаҳонбинии худро мувофиқи нақшаи Худо дар бораи наҷоти одамони ҳамаи халқҳо ва дохил намудани онҳо ба оили Ӯ тартиб медиҳем, чун одамон на аз ин ҷаҳон зистанро сар мекунем. Аз ин ҷаҳон будан чӣ маъно дорад? Ин маънои онро дорад, ки мо бо ташвишҳои ҷаҳон фаро гирифта шудаем, мувофиқи ҳавою ҳавасҳои ин ҷаҳон зиндагӣ мекунем. Ба беимонон аз суханронӣ, рафтор, ахлоқ, муносибати мо бо дигарон бояд аён бошад, ки мо одамони берӯй, худпараст, дағал нестем – ва мо кӯшиш намекунем аз ҳисоби истифода бурдани дигарон боло равем. Мо набояд ба хотири қонеъ намудани хоҳишҳои худ зиндагӣ кунем. Мо бояд тазод ба ҳамаи ин бошем. Ба қавли дигар, мо бояд чунон зиндагӣ кунем, ки Исо зиндагӣ мекард. Одамон мехостанд дар назди Ӯ бошанд, *чунки* Ӯ аз ҳамаи дигарон фарқ мекард.

Сониян, он чи мо дар калисоҳоямон мекунем, бояд Худо ва Исоро болобардор намояд. Дар замонҳои Аҳди Қадим ба хаймаи ҷомеъ ё парастишгоҳ дохил шудан ба одамон фаҳмишро дар бораи камолоти Худо, дигар будани Ӯ, ва низ муҳаббати Худо ба фарзандони Ӯ медод. Ҳамаи ин бо ҳам якҷоя аст. Барои чӣ Худо, ки ба ҳеҷ чиз эҳтиёҷ надорад ва аз ҳама чизи дигар болотар аст, хост оилаи инсонӣ дошт бошад? Ба Худо чӣ лозим буд пас аз он ки Ӯ халқҳоро дар назди бурҷи Бобил рад карда, онҳоро зери итоати худоёни дигар супурд, оилаи нав бунёд намояд? Чаро Ӯ моро тарк намекунад? Чунки Ӯ моро дӯст медорад.

Муҳаббати Худо барои мо маънои нав пайдо мекунад, ҳангоме мо мефаҳмем, ки Худо метавонист ҳамаи инро накунад, Ӯ метавонист дигар хел рафтор намояд. Ҳангоме ки Калисо танҳо дар бораи Муҳаббати Худо гап зада, ҳамчунин ба истеҳзои ин муҳаббат дар партави дигар хусусиятҳои Худо зикр намекунад, имондорон онро чун як чизи худ аз худ лозим ҳисобидан мегиранд. Агар одамон, масалан, қудсияти Худоро дарк накунанд, муҳаббат беқадр мешавад.

Истифодаи сеюми он чи мо дар ин боб муҳокима кардем, аз он иборат аст, ки қувваҳои торикӣ аз рафторамон медонанд, ки мо ҷонибдори некӣ ё бадӣ ҳастем. Онҳо бефаҳм нестанд. Онҳо ба Худо содиқ будани моро мебинанд. Онҳо мебинанд, ки мо мувофиқи қарори худ оид ба пайравӣ ба Исо рафтор мекунем – ба воситаи чунин чизҳо, аз қабили таъмид ё зиддият ба гуноҳ. Аммо ҳамчунин онҳо мебинанд, ки кай мо ба Худо вафодор нестем. Онҳо мфаҳманд, ки мо он вақт то чӣ андоза таъсирпазир мешавем. Хоҳ ба ин бовар кунем, хоҳ не, аммо *ҳар ду ҷониби* ҷанги рӯҳонӣ моро мушоҳида мекунанд.

Ин ҳақиқатҳоро фаҳмидан осонтар аз он аст, ки мувофиқи онҳо зиндагӣ кунем. Агарчи мо бозхарид карда шудаем, лекин ҳанӯз дар худ пайи гуноҳкоршавиро дорем. Барои он ки мувофиқи ин ҳақиқатҳо зиндагӣ кунем, мо бояд дар ёд дошта бошем, ки ба хотири чӣ мо дар ин ҷо ҳастем, ба хотири чӣ мо чун ғарибон ва аҷнабиён дар ин ҷаҳон зиндагӣ мекунем. Чун Исо, мо на аз ин ҷаҳонем – дар ҷаҳон, аммо на аз ҷаҳон (***Юҳ. 8:23***; ***1 Юҳ. 4:4***). Ин тазод,

ва низ мақоми мо боз ҳам аёнтар мегарданд, ҳангоме мо дарк мекунем, ки фарзандони Худо будан чӣ маъно дорад.

БОБИ **ПОНЗДАҲУМ**

# Шарикони табиати Худо

Оё Шумо медонед, ки *кистед*?

Пештар ман аллакай ин саволро дода будам, акнун вақти он расидааст, ки боз ин саволро диҳам. Ҳа, мо дар ин ҷаҳон ҳастем, аммо на аз ҷаҳон. Ҳақиқатан, мо бо файз ба воситаи имон ба он чи Исо дар салиб кард, наҷот ёфтаем (***Эфс. 2:8-9***). Аммо ҳамаи ин ҳақиқатҳо – фақат ибтидои он чизҳое мебошанд, ки Худо дар ҳаққи мо ба нақша гирифтааст.

Нияти ибтидоии Худо дар Адан он буд, ки оилаи инсонро бо оилаи илоҳӣ – бо писарони осмонии Худо, ки ҳанӯз пеш аз офариниши ҷаҳон вуҷуд доштанд (***Айюб 38:7-8***), муттаҳид намояд. Бо вуҷуди гуноҳкоршавии инсоният, Ӯ аз Нақшаи Худ даст накашид. Масеҳӣ! Ту илоҳият пайдо мекунӣ, ту аз фарзандони Худо – *элоҳим* мешавӣ, ба монанди Худи Исо (***1 Юҳ. 3:1-3***).

Илоҳиётшиносон ба ин идея номҳои гуногун медиҳанд. Истилоҳе ки беш аз ҳама истифода мешавад – *ҷалол ёфтан аст*. Петрус ба ҳамон идея ишора мекунад, ҳангоме менависад, ки мо “шарикони табиати илоҳӣ” мешавем (***2 Пет. 1:4***). Юҳанно инро чунин тасвир мекунад: “Бинед, ки Падар ба мо чӣ гуна муҳаббате ато намудааст, то мо фарзандони Худо номида шавем” (***1 Юҳ. 3:1***, курсив илова шудааст). Дар ин боб мо аз назар мегузаронем, ки Китоби Муқаддас ин фикрро чӣ гуна тасвир мекунад.

## Писарони Худо, насли Иброҳим

Пас аз воқеаҳо дар назди бурҷи Бобил Худо халқҳои ҷаҳонро ба дигарон – ба худоёни мартабаашон поёнӣ дод. Лекин Ӯ медонист, ки ҳамаашро аз нав сар мекунад. Ӯ аз як оилаи алоҳида сар мекунад. Дарҳол пас аз бурҷи Бобил (***Ҳас. 11:1-9***), Худо Иброҳимро даъват мекунад (***Ҳас. 12:1-8***). Ба воситаи Иброҳим ва зани ӯ Соро Худо нақшаи ибтидоии Аданро ба анҷом мерасонад.

Халқи Худо, фарзандони Иброҳим, исроилиён дар ниҳояти кор аз ӯҳдаи барқарор кардани ҳукмронии Худо дар Замин набаромаданд. Лекин яке аз онҳо ба ҳар ҳол муваффақият пайдо *хоҳад кард*. Худо дар шахси Исо – насли Довуд, Иброҳим ва Одам – инсон мешавад. Маҳз ба воситаи Исо ваъдаи Худо оид ба баракат додани ҳамаи халқҳо, ки дар назди бурҷи Бобил ҷазо дода шуданд, иҷро хоҳад шуд. Павлус ин ҳақиқатро дар якчанд порчаҳои номаҳои худ мефаҳмонад. Инак дутои онҳо:

> “Албатта шумо дар бораи коргузории файзи Худо, ки ба ман барои шумо ато шудааст, шунидаед, ки ба воситаи ваҳй сирре ба ман маълум шудааст (ки дар бораи он мухтасаран дар боло навиштаам), ва онро хонда, фаҳми маро дар сирри Масеҳ пай бурда метавонед. Он дар наслҳои пешина ба банӣ-одам маълум нашуда буд, чунон ки ҳоло ба расулони муқаддаси Ӯ ва ба пайғамбарон ба воситаи Рӯҳ ошкор

шудааст, ки халқҳо дар Масеҳ ба воситаи Инҷил дар мерос ва дар бадан ва дар баҳрамандӣ аз ваъдаи Ӯ шариканд” (***Эфс. 3:2-6***)

“Зеро ҳамаи шумо ба воситаи имон дар Масеҳ Исо писарони Худоед; зеро ҳамаи шумо, ки дар Масеҳ таъмид ёфтаед, Масеҳро дар тан кардаед. Дигар на яҳудӣ ҳаст, на юнонӣ; на ғулом ҳаст, на озод; на мард ҳаст, на зан; зеро ҳамаи шумо дар Масеҳ Исо як ҳастед. Ва агар шумо аз они Масеҳ бошед, пас насли Иброҳим ҳастед, ва мувофиқи ваъда ворисонед” (Ғал. 3:26-29)

Чунон ки ман аллакай дар бобҳои гузашта фаҳмонда будам, дар Аҳди Қадим ҳамаи халқҳо, ба истиснои халқи Исроил, дар ҳудуде зиндагӣ мекарданд, ки зери ҳукмфармоии худоёни мартабаашон поёнӣ буд, зеро пас аз воқеаҳо дар назди бурҷи Бобил Худо ин халқҳоро ба онҳо супурда буд. Дар Бобил ҳамаи халқҳо, ғайр аз Исроил, аз муносибатҳо бо Худои ҳақиқӣ маҳрум шуда буданд. Исроил, ва фақат Исроил, насибаи Худо, “мерос”-и Ӯ шуд (***Так. Шар. 32:9***). Исроилиён халқҳои радшударо ҳар хел меномиданд. Номҳои ҷуғрофӣ ё этникӣ буданд (масалан, мисриён, мӯобиён, амолеқиён). Лекин номи умумии ин халқҳо дар замонҳои Аҳди Ҷадид “ғайрияҳудиён//халқҳо” буд. Ин ном аз калимаи лотинии *gens* – халқҳо – гирифтан шудааст. Агар Шумо яҳудӣ набошед – пас Шумо ғайрияҳудӣ ҳастед.

Қиссаи Аҳди Ҷадид аз он иборат аст, ки насли Иброҳим – Исо – мурд ва эҳё шуд, то ки натанҳо авлодони Иброҳимро (исроилиён/яҳудиёнро), балки ҳамчунин ҳамаи он халқҳоро, ки пештар аз Худои ҳақиқӣ канда шуда буданд, бозхарид намояд. Дар оятҳое ки дар боло интибос шуданд, Павлус ба оилаи Худо дохил шудани ғайрияҳудиёнро сирр меномад.

Фикр дар бораи он ки одамон аз халқҳои аз ҷониби Худо радшуда, ки зери итоати худоёни дигар буданд, ворисони ваъдаҳои ба Иброҳим додашуда гардида метавонанд, Ӯро ба ҳаяҷон меоварinternal.

Дар Масеҳ *ҳамаи онҳое* ки Инҷилро қабул мекунанд – фарзандони Яҳве, фарзандони Худои ҳақиқӣ – Худои Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб мебошанд (***Юҳ. 1:12***; ***Ғал. 3:26***; ***Рум. 8:14***). Аз ҳамин сабаб дар Аҳди Ҷадид имондорон бо ёрии истилоҳоти оилавӣ тасвир мешаванд (писарон, фарзандон, ворисон). Дар бораи онҳо гуфта шудааст, ки онҳо аз ҷониби Худо “писархонд” шудаанд (***Рум. 8:15***, ***23***; ***Эфс. 1:5***; ***Ғал. 4:4***). Истифодаи истилоҳи “мерос” беҳуда нест. Он ба мо дар бораи он маълумот медиҳад, ки мо кӣ мебошем: мо оилаи нав, оилаи илоҳӣ-инсонии Худо ҳастем. Таъйиноти имондор он аст, ки ӯ бояд чунин касе шавад, ки Одам ва Ҳавво аз ибтидо он гуна буданд: сурат ва шабоҳатҳои ҷалолёфтаи Худо, ки дар ҳузури Худо зиндагӣ мекунанд.

Аммо ин ҳам кӣ шудани моро бо тамоми пуррагӣ тасвир намекунад. Аз ҳама ҳайратовартар – он аст, ки мо дар назари Исо чӣ гуна ҳастем.

## Муттаҳидшавии оилавӣ

Ду боби аввали нома ба Ибриён манзараи драматикии оилаи муттаҳидшудаи Худоро – оилаи илоҳӣ ва инсониро нишон медиҳанд. Ба фикри ман, ин яке аз порчаҳои хеле ҳаяҷонбахш дар Китоби Муқаддас аст.

***Ибриён 1*** изҳор менамояд, ки Исо “аз фариштаҳо бартарӣ дорад” (о. ***4***). Дар шӯрои илоҳӣ ҳеҷ касе нест, ки аз Исо болотар бошад. Дар ниҳояти кор Ӯ Худост. Зиёда аз ин, муаллиф изҳор менамояд, ки ҳеҷ кадоми фариштаҳо одам нашудааст ва подшоҳиро ба мерос нагирифтааст, аз ин рӯ, ҳамаи фариштаҳо бояд Исоро парастиш кунанд (о. ***5-6***). Исо Подшоҳ аст!

Ҳайратовар, аммо ҳангоме ки Исо одам шуд, Ӯ ба муддати кӯтоҳ аз фариштаҳо камтар гардид. Ӯ яке аз мо шуд. Мартабаи одамон аз мартабаи мавҷудоти илоҳӣ, масалан, аз фариштаҳо поёнтар аст. Муаллифи нома ба Ибриён мепурсад:

«“Чист инсон, ки ӯро ба ёд оварӣ, ё писари одам, ки ба дидори ӯ оӣ? Ӯро аз фариштаҳо андак кам кардаӣ; тоҷи ҷалол ва иззат бар сари ӯ гузоштаӣ; ва ӯро бар амалҳои дастҳои Худ ҳукмфармо кардаӣ; ҳама чизро зери пои ӯ гузоштаӣ”... Вале ҳоло ҳанӯз намебинем, ки ҳама чиз мутеи ӯ бошад; балки Исоро мебинем, ки ба сабаби азоби марг аз фариштаҳо андак кам карда шуд ва акнун тоҷи ҷалол ва иззат бар сар дорад; Ӯ бояд аз рӯи файзи Худо маргро барои ҳама мечашид». (***Ибр. 2:6-9***)

Исо ба чӣ ноил шуд? Мо инро бо калимаи “*наҷот”* тасвир намудан метавонем. Ин, албатта, дуруст аст, аммо хатари он ҳаст, ки мо ҳамаи он чиро, ки муаллифи нома ба Ибриён ба мо расондан мехоҳад, пай набурд мемонем. Ба шарофати он, ки Худо дар Исои Масеҳ одам шуд, пайравони Ӯ, агарчи ҳозир миранда ҳастанд, илоҳӣ мешаванд – аъзоёни оилаи илоҳӣ.

Боре, ё дар лаҳзаи марги мо, ё ҳангоме ки Масеҳ барои дар Замин амалӣ намудани Подшоҳии Худо, Адани нав дар шакли ниҳоии он ба Замин бармегардад, Ӯ моро ба анҷумани худоён мешиносонад, ва анҷумани худоёнро – ба мо. Ӯ монанди мо шуд, то ки мо монанди Ӯ шуда тавонем:

Зеро лозим буд Ӯ, ки ҳама чиз барои Ӯст ва ҳама чиз аз Ӯст, барои ба ҷалол расондани писарони бисёр, Пешвои наҷоти онҳоро ба воситаи азобҳо комил гардонад. Зеро ҳам Муқаддаскунанда ва ҳам муқаддасшавандагон, ҳама аз Ягона ҳастанд; ба ин сабаб Ӯ ор намекунад, ки онҳоро бародар хонад, ва мегӯяд:

«Номи Туро ба бародаронам маълум менамоям,
Дар миёни ҷамоат Туро бо суруд ситоиш мекунам”.

Ва боз:
“Ман ба Ӯ боварӣ мекунам”.

Ва боз:
“Инак, Ман ва фарзандоне ки Худо ба Ман додааст”».
(***Ибр. 2:10-13***)

Ба ҷои он ки дар назди анҷумани худоён ё шӯрои илоҳӣ – *элоҳими* илоҳӣ – хиҷил шавад, ки Ӯ одам шуда, аз онҳо камтар гардид, Масеҳ аз ин ҳаловат мебарад ва шодӣ мекунад. Охир, ҳамаи ин як қисми стратегияи бузург буд. Дар байни шӯро (“дар ҷамъомад ”) истода, Ӯ моро муаррифӣ мекунад: “Ана! *Ба Ман ва ба фарзандоне ки Худо ба Ман додааст,*

*нигаред. Акнун мо барои ҳамеша якҷоя хоҳем буд*”. Ин аз ибтидо ба нақша гирифта шуда буд.

Як ҷузъи оилаи пуршукӯҳи илоҳӣ шудан – ҳамин аст таъйиноти мо. Павлус инро дар нома ба Румиён 8:18-23 ба таври олидараҷа ифода намудааст:

> Зеро ман дилпурам, ки азобҳои замони ҳозира дар муқоиса бо он ҷалоле ки дар мо ошкор мешавад, ҳеҷ аст. Зеро офариниш бо майли том мунтазири ошкоршавии писарони Худо аст... ва на танҳо он, балки худи мо низ, ки соҳиби навбари Рӯҳ ҳастем, дар даруни худ менолем ва мунтазири писархондагӣ ва раҳоии бадани худ мебошем.

Павлус имондоронро бо ҳамон ҳақиқатҳо рӯҳбаланд мекунад. Ӯ ба имондорони Рум хабар медиҳад, ки Худо “пешакӣ муайян кардааст, ки [онҳо] ба сурати Писараш монанд шаванд, то Ӯ дар миёни бародарони бисёр нахустзода бошад” (***Рум. 8:29***). Ӯ ба калисои Қӯринтус мегӯяд: “Аммо ҳамаи мо, бо рӯи кушода, монанди он ки дар оина бошад, ба ҷалоли Худованд нигариста, ба ҳамон сурат аз ҷалол ба ҷалол табдил меёбем, ва ин аз Худованд, яъне аз Рӯҳ аст” (***2 Қӯр. 3:18***). Табиати инсонии мо дигаргун мешавад: “Зеро бояд он чи вайроншаванда аст, либоси вайроннашавандагӣ пӯшад, ва он чи миранда аст, либоси намирандагӣ пӯшад” (***1 Қӯр. 15:53***). Барои Петрус як ҷузъи шӯрои оилавии илоҳӣ будан “шарикони табиати илоҳӣ” шудан аст (***2 Пет. 1:4***). Инро Юҳанно хеле соддатар баён намудааст: “Монанди Ӯ мешавем ” (***1 Юҳ. 3:2***).

## Чаро ин муҳим аст?

Эҳтимол, ба мо борҳо гуфтаанд, ки мо, масеҳиён, бояд ба Исо монанд бошем. Албатта, ин ҳамин тавр аст. Лекин, ҳангоме ки ин суханонро мешунавем, мо бисёр вақт фикр мекунем, ки сухан фақат дар бораи он меравад, ки мо бояд некӣ кунем, ё, дар ҳадди ақалл, бадии камтар кунем. Мо идеяи бароямон тасаввурнопазирро дар бораи он ки боре чун Исо мешавем, ба ӯҳдадории рафтори хуб доштан табдил медиҳем

.

Ба ҷои ҳис кардани айбдорӣ аз он ки он қадар ба Исо монанд нестем, ба ҷои он ки дар дил ваъдаҳо диҳем, ки аз ин лаҳза рафторамонро беҳтар мекунем, мо бояд ба он чи Исо аллакай барои мо кард ва ба он чи Ӯ барои мо дар оянда мекунад, имкон диҳем, ки тафаккури моро дар робита бо он ки ба Ӯ монанд будан чӣ маъно дорад, ба куллӣ тағйир диҳад. Мо, албатта, ба Масеҳ монанд шуданамонро ба вазифае табдил дода метавонем, ки албатта аз ӯҳдааш баромадан даркор аст, агар нахоҳем, ки Худо аз мо хашмгин шавад. Лекин ин илоҳиётшиносии хеле бад аст. Он файзро ба қарз табдил медиҳад. Ё мо метавонем аз он шукргузор бошем, ки Худо боре бо хушнудӣ моро ҳамон гуна мегардонад, ки он гуна буданамонро пешакӣ муайян кардааст (***Рум. 8:29***), ва чунон зиндагӣ мекунем, ки одамоне ки дар асорати қувваҳои торикӣ ҳастанд, ба оилаи Худо ҳамроҳ шудан хоҳанд. Дар мавриди аввал мо ба худ менигарем, дар мавриди дуюм – ба осмонҳо.

Дар ҳаёти масеҳиён ҷой барои тарс аз он нест, ки ба Касе ки моро ҳанӯз ҳангоми дар асорати торикӣ буданамон дӯст дошт, пурра писанд омада наметавонем. Моҳияти ҳаёти

масеҳиёна аз фаҳмидани ду консепсия иборат аст. Консепсияи якум – ба оилаи Худо *писархонд* будани мост. Ин маънои онро дорад, ки Исо бародари мост, ва Худо моро айнан ҳамон гуна дӯст медорад, ки Исоро дӯст медорад. Консепсияи дуюм – мақсади мо дар нақшаи Худо оид ба барқарор кардани Подшоҳӣ дар Замин аст. Мо аллакай *шӯрои нави илоҳӣ* ҳастем, ва низ ва дар оянда хоҳем шуд. Худо Падар аст. Мо фарзандони Ӯ ҳастем. Тақдири мо – абадан бо Ӯ зистан аст. Мо ҳамкорони Ӯ ҳастем. Вазифаи мо – ба Ӯ ёрӣ додан дар озод намудани онҳоест, ки ҳанӯз дар тасарруфи мири марг мебошанд, ҳанӯз дар асорати қувваҳои нонамоёни торикӣ ҳастанд.

Тамоми Китоби Муқаддас дар бораи *ана ҳамин чиз мегӯяд* – аз Адан то Адан. Таъйиноти мо *аз ҳамин иборат аст*. Мақсади ҳаёти Шумо на дар он аст, ки бо амалҳои худ сазовори ҷой дар оилаи Худо шавед. Инро бо амалҳо сазовор шудан ғайриимкон аст. Ин тӯҳфа аст. Ҳаёти шумо – шукргузорӣ барои писархонд будан, ҳаловат бурдан аз писархондагӣ, ва низ ба дигарон расондани писархондагӣ аст.

БОБИ **ШОНЗДАҲУМ**

# Фармонравоӣ бар фариштагон

Барои имони мо фаҳмидан беандоза муҳим аст, ки мо, ҳамчун масеҳиён, кистем. Мо писарон ва духтарони Худо, шӯрои илоҳии аз нав бунёдшуда ҳастем, ки аллакай дар Подшоҳии Падарамон иштирок мекунад. Аммо дар ин бора боз бештар гуфтан мумкин аст. Ҳа, мо шӯрои оилавии Худо ҳастем. Аммо ба хотири чӣ? Ба хотири кадом мақсад?

Агарчӣ мо аллакай дар Подшоҳӣ ҳастем (***Қӯл. 1:13***), мо ҳанӯз пурра амалӣ шудани ин Подшоҳиро намебинем – ҷаҳон ҳанӯз Адан нашудааст. Ин парадокс аст, ки бисёр вақт “аллакай, аммо ҳанӯз не” меноманд, аён аст ва он дар Китоби Муқаддас ҳар хел ифода меёбад. Дар ин боб ман мехоҳам барои шумо сирри “ҳанӯз не”-ро ошкор намоям – ба саволи “ба хотири кадом мақсад?” ҷавоб диҳам.

## Ҳозир дар Подшоҳӣ иштирок доштан

Иштироки мо дар Подшоҳии Худо пешакӣ муқарраршуда нест. Ман дар назар дорам, ки мо роботҳо намебошем, ки аз рӯи барномаи додашуда амал мекунанд. Ин ба сурат ва шабоҳати Худо – намояндаи Ӯ будан мухолифат дорад. Мо барои он офарида шуда будем, ки монанди Ӯ бошем. Ӯ озод аст. Агар мо озодии ҳақиқӣ надошта бошем, пас мо мисли Ӯ шуда наметавонем. Мо, ки инсон ҳастем, мисли Ӯ буда наметавонистем. Мо ё барои итоаткорӣ ва парастиш, ё барои исён кардан ва ба ҳавою ҳавасҳои бади худ тағофул намудан озод ҳастем. Мо он чиро, ки мекорем, хоҳем даравид. Лекин кишт кардани мо барномарезӣ нашудааст.

Аммо Худо аз мо бештар аст. Ӯ нақша дорад, ва он ҳатман иҷро мешавад. Муваффақият дар амалӣ намудани ин нақша ба озодии инсон вобаста нест ва ба ба он тобеъ намебошад. На мо, на мавҷудоти илоҳӣ, ки ҳамчунин озодии интихоб доранд, нақшаи Худоро вайрон карда наметавонанд.

Ҷамъомади шӯрои осмониро, ки ман дар боби якум зикр карда будам, ба ёд оваред. Он вақт ман пурсида будам, ки оё Шумо ба он чи Китоби Муқаддас мегӯяд, бовар мекунед. Пас аз ин ман Шуморо ба вохӯрии Худо бо шӯрои осмонии Ӯ дар ***3 Подшоҳон 22*** овардам. Худо муқаррар намуд (ва ин ҳатман бояд рӯй медод), ки вақти мурдани Аҳъоб фаро расидааст. Лекин баъд Худо ба мавҷудоти рӯҳӣ дар шӯрои Ӯ имкон дод муқаррар намоянд, ки ин қарор чӣ тавр амалӣ карда мешавад (***3 Подшоҳон 22:19-23***).

Пешакӣ муайяншуда будан ва озодӣ дар Подшоҳии Худо аз ҳам ҷудонашаванда мебошанд. Ба мақсадҳои Ӯ монеъ шудан ғайриимкон аст, онҳоро нобуд кардан ғайриимкон аст. Ӯ он чиро, ки ба нақша гирифтааст, ба воситаи намояндаҳои озоди Худ амалӣ намуда метавонад, ҳатто бо вуҷуди гуноҳ ва зиддият. Чунон ки Клайв Люис дар бораи Худо (дар китоби “Переландра”) гуфтааст: “Ҳар кореро, ки ту мекунӣ, Ӯ ба некӣ табдил медиҳад. Лекин на ба он некӣ, ки Ӯ барои ту омода намудааст, агар ту ба Ӯ итоаткор мебудӣ”.

Ба хотири чӣ мо дар ин ҷо ва ҳозир аъзоёни шӯрои оилавии Худо мебошем? Ба хотири он, ки бо Худо дар озод кардани одамон аз ғуломии торикӣ иштирок кунем. Ба хотири он, ки одилона ва раҳмдилона зистанро – ба Худо тақлид намуданро ба хотири касоне ки ба тасвири ҳақиқии Худо эҳтиёҷ доранд, нишон диҳем. Ба хотири он, ки дар ин ҷаҳони мухолиф, ки зери ҳукмфармоии мавҷудоти ҳасуди фавқуттабиӣ мебошад, ҳақиқатро дар бораи Худои ҳақиқӣ ҳимоя кунем ва паҳн намоем. Ба хотири ҳаловат бурдан аз ҳаёт, чунон ки Худо онро мехоҳад.

Ҳар яки ин мақсадҳо – тайёрӣ ба Подшоҳии оянда аст. Павлус аз қӯринтиён, ки дурнамои илоҳиро гум карда, аз боиси корҳои дунявӣ бо ҳам ҷанҷолҳо доштанд, пурсида буд: “Магар намедонед, ки мо фариштаҳоро доварӣ хоҳем кард?” (***1 Қӯр. 6:3***). Ӯ инро ҷиддӣ мегуфт. Бо ин савол Павлус мехост як чизи хеле мушаххас ва муҳимро расонад.

## Бар халқҳо ҳукмронӣ кардан

Амалишавии ниҳоии Подшоҳӣ ҳанӯз дар оянда аст. Ҳангоме ки Подшоҳии оянда фаро мерасад, қувваҳои торикӣ нобуд карда мешаванд. Худоёни иблисона барои ҳамеша фармонравоии худро бар халқҳо аз даст медиҳанд. *Ба ҷои онҳо оила ва шӯрои инсонии пурҷалоли Худо хоҳад буд*. Бубинед, ки Исо дар китоби Ваҳӣ чӣ мегӯяд:

> Фақат он чи доред, маҳкам нигоҳ доред, то даме ки биёям. [2]Ва ҳар кӣ ғолиб ояд ва амалҳои Маро то ба охир риоя кунад, ба вай бар халқҳо қудрат мебахшам, ва онҳоро вай бо асои оҳанин чӯпонӣ мекунад, ва онҳо чун кӯзаи кулол мешикананд, — чунон ки Ман низ аз Падари Худ қудрат ёфтаам. Ва ба вай ситораи субҳро ато мекунам. (***Ваҳӣ 2:25-28***)

Ҳангоме ки Исо бармегардад, то ки дар замини нав – дар Адани нави умумиҷаҳонӣ ба тахт шинад, Ӯ ҳамроҳи бародаронаш ҳукмронӣ мекунад. Сарвариҳо ва қудратҳо аз тахтҳои худ сарнагун карда мешаванд, ва мо ҷои онҳоро мегирем. Қудрати онҳо ба фариштаҳое ки ба Худо вафодор буданд, дода намешавад. Дар Подшоҳии ниҳоии Адан *мартабаи мо аз фариштаҳо болотар хоҳад буд*. Исо бародарон ва хоҳарони Худро ба сарварӣ таъйин хоҳад намуд.

Шояд, Шумо фаҳмидан мехоҳед, ки ҷумлаи охирин дар ***Ваҳӣ 2:28***: “Ва ба вай ситораи субҳро ато хоҳам кард” чӣ маъно дорад? Ҳақиқатан аҷиб садо медиҳад, аммо ин ҷумла дар бораи он мегӯяд, ки пас аз шикаст дода шудани қувваҳои бадӣ мо бо Исо бар халқҳо ҳукмронӣ мекунем. “Ситораи субҳ ” – истилоҳест, ки мавҷудоти илоҳиро тасвир мекунад (***Айюб 38:7***). Ғайр аз он, ин истилоҳи масеҳона аст. Азбаски Масеҳ илоҳӣ аст, ҳукмронииояндаи Ӯро гоҳо бо ёрии ин “забони ситораҳо” тасвир менамуданд. Дар ***Ададҳо 24:17*** гуфта шудааст: “Ситорае аз Яъқуб тулӯъ хоҳад намуд, ва чӯбдасти салтанат аз Исроил хоҳад бархост”. Дар китоби Ваҳӣ Исо Худро чунин тасвир мекунад: “Ман реша ва насли Довуд, ситораи дурахшони субҳ ҳастам” (***Ваҳӣ 22:16***).

Суханон дар ***Ваҳӣ 2:25-28*** хеле қавӣ мебошанд. Исо натанҳо мегӯяд, ки ситораи масеҳонаи субҳ мебошад, балки ҳамчунин мегӯяд, ки Ӯ *ба мо* ситораи субҳро *медиҳад*. Ба қавли дигар, Ӯ моро дар ҳукмронии масеҳонаи Худ шарик мегардонад. Барои он ки имондорон нодуруст нафаҳманд, дар ***Ваҳӣ 3:20-21*** чунин гуфта шудааст:

> Инак, назди дар истода, тақ-тақ мекунам: агар касе овози Маро шунида, дарро воз кунад, пас назди ӯ даромада, бо ӯ хӯроки шом мехӯрам, ва ӯ бо Ман. [21] Ҳар кӣ ғолиб ояд, ба вай ато мекунам, ки бо Ман бар тахт нишинад, чунон ки Ман низ ғолиб омада, бо Падари Худ бар тахти Ӯ нишастам.

Оё мо ба хотири чунин мақсад шарикони моҳияти илоҳӣ шудаем? Барои чӣ Исо моро дар шӯро чун бародарон ва хоҳарони Худ муаррифӣ мекунад? Барои он ки *Худо метавонист ҳукмфармоӣ бар Заминро ба мо диҳад, чунон ки аз ибтидо ба нақша гирифта шуда буд*. Осмонҳо ба Замин – ба Адани нав, ба Адани умумиҷаҳонӣ бармегарданд.

## Адани абадӣ

Аз боби якуми китоби Ҳастӣ Адан маркази нақшаи Худо барои инсон, барои дигар сурат ва шабоҳатҳои (фавқуттабиии) Худо, ва низ барои Подшоҳии Ӯ мебошад. Аз ҳамин сабаб ҳайратовар нест, ки боби охирини китоби Ваҳй боз моро ба Адан бармегардонад:

> Ва дарёи покизаи оби ҳаётро ба ман нишон дод, ки чун булӯр дурахшон буда, аз тахти Худо ва Барра ҷорӣ мешуд. Дар миёнаи кӯчаҳои шаҳр, дар ҳар ду канори дарё, дарахти ҳаёт буд, ки дувоздаҳ мева меовард, яъне ҳар моҳ меваи худро медод; ва баргҳои дарахт барои шифои халқҳо буд. Ва дигар ҳеҷ лаънате намешавад; ва тахти Худо ва Барра дар вай мешавад, ва бандагони Ӯ ба Ӯ ибодат мекунанд, ва рӯи Ӯро мебинанд, ва номи Ӯ бар пешониҳошон мешавад. Ва шаб он ҷо намешавад, ва онҳо ба чароғ ва рӯшноии офтоб мӯҳтоҷ намешаванд, зеро Худо Худованд ба онҳо рӯшноӣ мебахшад; ва то абад подшоҳӣ мекунанд (***Ваҳй 22:1-5***).

Оё фаҳмидед, ки дарахти ҳаёт халқҳоро шифо медиҳад? Халқҳо, ки замоне зери ҳукмфармоии сарвариҳо ва қудратҳои рӯҳии бад буданд, акнун зери ҳукмронии ману Шумо барин писарон ва духтарони Худо мешавад.

Это аввалин ҷой дар Ваҳй нест, ки дарахти ҳаёт зикр мешавад. Исо ба касон ки то охир вафодор мемонанд, муроҷиат мекунад: “Ҳар кӣ ғолиб ояд, ба вай ато мекунам, ки аз дарахти ҳаёте ки дар биҳишти Худои ман аст, хӯрад”… ”[ӯ] аз марги дуюм зараре намебинад”. (***Ваҳй 2:7***, ***11***). Аён аст, ки ишора ба дарахти ҳаёт ба Адан ишора мекунад. Марги якум – марги ҷисмонӣ аст, ки ба ҷаҳон аз боиси гуноҳкоршавии Одам ва аз Адан ронда шудани ӯ ворид шуд. Азбаски ҳамаи одамон, ҳам имондорон, ҳам беимонон, пеш аз доварӣ эҳё карда мешаванд, марги дуюм – доварии ниҳоӣ аст (***Ваҳй 21:8***). Касон ки ҳаётро бо Худо дар Адани нав давом медиҳанд, аз марги дуюм зарар намебинанд.

## Чаро ин муҳим аст?

Бисёр масеҳиён дар бораи ҳаёт пас аз марг тасаввуроти суст доранд. Навишта ба мо манзараи пурраи онро, ки ин ба чӣ монанд хоҳад буд, намедиҳад. Лекин, дар бораи баъзе ҷиҳатҳои он бо дилпурии бештар гап задан мумкин аст. Аниқ аст, ки мо бар абрҳо парвоз карда, чанг нахоҳем навохт ё беохир сурудхонӣ нахоҳем кард. Мо дар курсиҳои бароҳати

осмонӣ нишаста, бо хешовандони фавтида ё имондорони машҳури гузашта сӯҳбат нахоҳем кард.

Ба ҷои ин мо ҳаёти Аданро ба сар хоҳем бурд – мо бо он машғул хоҳем шуд, ки аз офариниши Худо ҳаловат хоҳем бурд ва ҳамроҳи мавҷудоти фавқуттабиӣ, ки ба Ӯ вафодор мондаанд, дар ҳаққи он ғамхорӣ хоҳем намуд. Осмонҳо ва Замин дигар ҷойҳои аз ҳам ҷудо нахоҳанд буд.

Дониш дар бораи таъйиноти мо бояд тафаккури моро дар ин ҷо ва ҳозир назорат намояд. Чунон ки Павлус гуфтааст: “Он чиро, ки чашме надидааст, гӯше нашунидааст ва ба дили инсон наомадааст, Худо барои дӯстдорони Худ омода кардааст” (***1 Қӯр. 2:9***). Дониш дар бораи ин натиҷаи дилпазир, пурҷалол ба мо ёрӣ медиҳад, ки ба вазъиятҳои ҳозираамон дурнамои дуруст дошта бошем. Аллакай пас навиштани он суханоне ки мо ҳозиракак иқтибос овардем, Павлус Номаи 2-юми худ ба Қӯринтиён мегӯяд:

> Муборак аст Худо ва Падари Худованди мо Исои Масеҳ, Падари марҳамат ва Худои ҳар тасаллӣ, ки моро дар ҳар андӯҳи мо тасаллӣ медиҳад… Зеро намехоҳем, ки шумо, эй бародарон, аз андӯҳе ки дар вилояти Осиё ба сари мо афтод, бехабар бошед, ки он бар мо аз ҳад зиёд, ба андозаи аз қувват берун гарон омад, ба тавре ки аз зиндагӣ ҳам умеди худро кандем; ва мо дар дили худ ҳукмномаи маргро доштем, то ба худ боварӣ накунем, балки ба Худо, ки мурдагонро бармехезонад (***2 Қӯр. 1:3-9***).

Худо ҳаёти моро ҳифз намуда метавонад. Аммо ҳатто агар маргро аз сар гузаронданамон лозим ояд ҳам, ба ҳар ҳол мо эҳё карда мешавем, то ки бо Исо дар тахти Ӯ нишинем (***Ваҳй 3:21***).

Ё мо ба таъйиноти худ нигариста, хоҳем зист, ё не. Варианти сеюм дода нашудааст. Дарки тақдирамон бояд рафторамонро тағйир диҳад. Агар медонистед, ки ягон вақт бо касе ки ҳозир ӯро танқид мекунед, таҳқир менамоед ё аз ӯ нафрат доред, дар як манзил хоҳед зист ё дар як офис кор хоҳед кард, эҳтимол кӯшиши бештареро ба он равона мекардед, ки сулҳҷӯ бошед, рӯҳбаланд намоед, ва шояд ҳатто дӯсти ин шахс шавед. Пас чаро мо ба бародаронамон ин гуна бад муносибат мекунем? Чаро мо кӯшиш намекунем, ки беимонеро назди Исо оварем? Чаро мо тамоми қувваи худро барои он сарф мекунем, ки ба ӯ душманӣ намоем? Ё мо бо дурнамои абадият зиндагӣ мекунем, ё не.

Исо бояд ба Шумо чӣ қадар ихтиёрдорӣ диҳад, то ки Шумо қаноатманд бошед? Савол метавонад аҷиб тобад, охир, дилхоҳ чунин ато аз ҷониби Исоа олидараҷа мебуд. Пас чаро мо бо дигар имондорон ба хотири мақом рақобат мекунем? Чаро мо аз бо якдигар боиси кадом як манфиат, диққат, тамаъҷӯии шахсӣ ҷанҷол мекунем? Магар мо аз қӯринтиён, ки Павлус дар бораи таъйиноти онҳо ёдрас мекунад, фарқ надорем? Ё мо бо он қаноатманд мешавем, ки бо Ӯ подшоҳӣ мекунем ва ҳукмфармоӣ менамоем, ё не.

Масеҳӣ! Вақти он расидааст, ки мутобиқ ба мақоми худ ва мувофиқи он нақшае ки Худо барои Шумо дорад, зиндагӣ кунед.

# Хулоса

Мо ба охири сафарамон расидем. Аммо, шояд, гуфтан беҳтар аст, ки мо фақат онро сар кардем. Мо баъзе масъалаҳои бунёдиро аз назар гузарондем: Оё худоёни дигар вуҷуд доранд? Агар вуҷуд дошта бошанд, оё ин ба фаҳмиши мо оид ба Китоби Муқаддас таъсир мерасонад? Агар фарз кунем, ки ҷаҳони нонамоёни дар Китоби Муқаддас тасвиршуда дар асл воқеӣ аст (ва ман на дар бораи оятҳои шинос ё аз тарафи омма қабулшуда, балки дар бораи порчаҳои ғайриоддӣ мегӯям, ки бисёр вақт сарфи назар карда мешаванд) пас *ин* барои имони мо *чӣ* маъно дорад? Ҳамин ки ман маънои хатти сюжети фавқуттабиии Навиштаро дарк намудам, фаҳмидам, ки дар бораи бисёр чизҳо бояд дигар хел фикр кунам. Аммо ҳамаи инро ман мухтасар чунин хулоса карда метавонам: мо кӣ мебошем ва мақсади мо чист. Умедворам, ки ин китоб Шуморо водор намуд, ки дар ин бора андеша намоед.

## Мо чӣ мебошем: мо дар оилаи Худо хона дорем

Он чи дар ин китоб муҳокима карда мешавад, ба фаҳмиши мо оид ба маънои масеҳӣ будан – “дар Масеҳ” будан, чунон ки инро бисёр вақт Аҳди Ҷадид ифода менамояд, таъсири ҷиддӣ мерасонад. Ҳангоме дарк менамоем, ки худоёни Аҳди Қадим воқеӣ мебошанд, фармуда дар бораи дар пеши Яҳве, Худои Исроил худоёни дигар надоштан дарҳол маънои дигар пайдо мекунад. Ин фармуда ба пулу мол, киштиҳо ё автомобилҳо дахл надорад. Он дар бораи муҳаббати рашкноки Худо ба халқи Худ аст. Ба қавли дигар, ин *фармуда маҳз он чизеро дар назар дорад, ки дар бораи он мегӯяд*. Садоқат ба дилхоҳ худои дигар, ғайр аз Худои ҳамаи худоён – беақлии маҳз аст.

Даҳшати натиҷаҳои доварии Худо бар худоён ва халқҳои онҳо ҳамчунин аён аст. Замоне мо радшуда будем, мо ба ғуломӣ афтода, суиистифода ва истисмори худоёни дигарро ба таври пурра дар худ таҷриба намудем. Чунон ки Павлус мегӯяд, мо аз Худо ҷудо ва ба муҳаббати Ӯ бегона будем (***Эфс. 2:12***). Мо гумшуда, бандагони торикӣ будем. Мо дар хизмати сарварони нонамоён, душманони Худо будем (***Эфс. 4:18***; ***Қӯл. 1:21***).

Ҳангоме ки мо гузаштаи ғамангези худро дарк мекунем, *писархонд будан* ва *мерос* барин консепсияҳои доктринавӣ маънои амиқтар пайдо мекунанд. Ҳолати ноилоҷи мо барои ин консепсияҳо замина мешавад. Худо аз нақшаи ибтидоии Худ – бо оилаи Худ дар Замин зистан ва ҳаловат бурдан аз ҷаҳоне ки Ӯ бо дастони Худ офарид, даст кашиданӣ набуд. Ҳа, дар назди бурҷи Бобил Худо аз инсоният рӯ гардонд, аммо ҳамон замон Ӯ Иброҳимро даъват намуд, то ки оилаи навро бунёд намояд – оилаеро, ки роҳбаладе мешавад, то радшудагон ба воситаи он назди Ӯ баргарданд (***Аъм. 10:26-27***).

Барои фаҳмидани Навишта мо бояд воқеияти ҷаҳони фавқуттабиии рӯҳии Китоби Муқаддасро қабул намоем. Воқеияти ҷаҳони фавқуттабиӣ мефаҳмонад, ки чаро дар Аҳди Қадим гуноҳи бутпарастӣ аз дилхоҳ гуноҳи дигар фарқ дорад. Бутпарастӣ гуноҳи ҳамаи гуноҳҳо аст. Исроил барои он ба вуҷуд оварда шуда буд, ки ба Худо вафодор бошад. Аммо ҳангоме ки Исроил ба худоёни дигар рӯ овард, он ронда шуд, ба асорат бурда шуд, чун халқҳои дигар аз Худо бурида шуд. Ин сабаби асосии он аст, ки чаро наҷот дар Китоби

Муқаддас ҳамеша бо *имон* робита дорад. Дар ниҳояти кор Худо рафтори беҳтарро намеҷуст. Ӯ имонро – *имон ва садоқатро* меҷуст. Ҳангоме мо қарор медиҳем, ки дилҳои худро ба Худои худоён тобеъ намоем, Ӯ моро наҷот медиҳад. Ҳангоме ки мо чизи дигарро интихоб менамоем, замоне он чиро, ки коштем, медаравем.

Вафодор ва содиқ будан ҳоло чӣ маъно дорад? – Қабул намудани он чи Исо дар салиб чун Худо дар ҷисм ба амал овард. Маънои ахлоқи хуб ва рафтори неки мо (корҳои мо) на дар он аст, ки бо ёрии вафодории худ сазовори он шавем, ки Худо моро қабул намояд. Мо аз он сабаб фармудаҳои Ӯро риоя мекунем, ки Ӯ аллакай моро интихоб намудааст. Фармудаҳои Худо аз он сабаб моро ба хушбахтӣ ва қаноатмандӣ меоваранд, ки онҳо моро аз вайрон кардани худ ва дигарон барканор менамоянд. Онҳо ба мо имкон медиҳанд дар мувофиқат бо Худо ва тамоми оилаи Ӯ – оилаи намоён ва нонамоёни мо, – дар Подшоҳӣ, дар Адани нав мазаи ҳаётро бичашем.

## Мақсади мо: мо ҳама дар нақшаи Худо оид ба барқарор кардани Адан нақш мебозем

Иштирок дар оилаи Худо фақат як шарт дорад: имони устувор ба Худои худоён, ки дар шахсияти Исои Масеҳ ба назди мо омад. Иштирок дар оилаи Худо ба мо натанҳо имтиёзҳои муъҷизаосо ато менамояд, балки ҳамчунин ба мо дар зиндагӣ мақсади равшан медиҳад.

Ба аъзоёни оилаи Худо вазифа дода шудааст: онҳо бояд агентҳои Худо бошанд, ки ҳукмронии неки Ӯро дар Замин барқарор мекунанд ва оилаи Ӯро васеъ менамоянд. Мо катализаторҳои дигаргуниҳои бузург ҳастем, ки дар Аъмол 2 аз замони ба вуҷуд омадани Калисо, – Бадани Масеҳ – сар шудаанд. То рӯзи бозомадани Масеҳ мо дар дастони Худо асбобҳо мешавем. Айнан ҳамон тавре ки пас аз гуноҳкоршавӣ дар Адани якум вабои бадӣ ба воситаи инсон паҳн шуд, позаҳри Инҷил низ ба воситаи "барандагон"-и Инҷил паҳн мешавад. Мо *интиқолдиҳандагони* ҳақиқат дар бораи Худои худоён мебошем – дар бораи муҳаббати Ӯ ба *ҳамаи* халқҳо, дар бораи он ки Ӯ ҳамеша мехост бо оилаи Худ дар хонаи заминӣ, ки Ӯ ҳанӯз аз замонҳои офариниш мехост дошта бошад, зиндагӣ кунад. Адан аз нав *хоҳад зист*.

Ҳар сол континентҳо аз ҳам дуртар мешаванд – ин факти илмӣ аст. Лекин ҷойивазкуниҳои континентҳоро инсон ҳис карда наметавонад. Дар асоси мушоҳидаҳо мо медонем, ки чунин ҳаракат ҳақиқатан ҳаст. Ҳамин чиз ҳамчунин ба ҳаракати доимӣ, боздоштанашавандаи Подшоҳии Худо дахл дорад. Мо бо чашмони оддӣ дида наметавонем, ки ҳар рӯз ҳудуде ки зери назорати худоёни дигар, қувваҳои торикӣ аст, чӣ қадар хурдтар мешавад. Мо бо чашмони оддӣ дида наметавонем, ки чӣ тавр Инҷил ҳар рӯз, яке паси дигар, одамони таҳти ҳукмфармоии онҳо бударо озод менамояд. Бо вуҷуди он, ин *факти баҳснопазир аст*.

Барои он ки худро дар ин тасвир бинем, мо бояд аниқ фаҳмем, ки Худо амалӣ намудани нақшаи Худро давом медиҳад, ҳатто агар мо инро набинем ҳам. Мо софдилона гуфта наметавонем, ки ба ҷаҳони нонамоён, фавқуттабиӣ бовар мекунем, агар бовар накунем, ки пешбинии Худо амал мекунад ҳам дар ҳаёти мо, ҳам умуман дар таърихи инсоният. Худо

*мехоҳад, ки мо бошуурона зиндагӣ кунем* ва бовар намоем, ки дасти нонамоёни Ӯ ва агентҳои нонамоён, ки ба Ӯ ва ба мо вафодоранд (***Ибр. 1:14***), дар вазъиятҳои мо иштирок мекунанд, то ки амалӣ шудани мақсади Худо оид ба барқарор намудани Адани умумиҷаҳонӣ беист наздик шудан гирад.

Ҳар яки мо барои касе ки дар роҳ ба сӯи Подшоҳии Худо мебошад, ва низ барои ҳимояи Подшоҳии Худо хеле муҳим аст. Ҳар рӯз ба мо имконият медиҳад бо одамоне робита кунем, ки зери ҳукмфармоии торикӣ мебошанд, ва низ имкон медиҳад якдигарро дар вазифаи мураккаби дар ин ҷаҳони нокомил амалӣ намудани мақсадамон рӯҳбаланд намоем. *Ҳамаи он чи мо мегӯем ё мекунем, аҳамият* дорад, агарчи, шояд, мо ҳеҷ гоҳ намефаҳмем, ки чаро ё то чӣ андоза ин муҳим буд. Аммо вазифаи мо на дидан, балки амал кардан аст. Бо имон қадамгузор будан амали фаъолона аст.

# Дуои бахшидашавӣ

## Дуои бахшидашавӣ: атои гаронбаҳо

Дуои бахшидашавӣ – чизест, ки ҳамаи мо онро дар лаҳзаи муайяни ҳаётамон меҷӯем. Бахшидашавӣ – атои гаронбаҳоест, ки ба даст овардан осон нест, ва додан осон нест. Бахшидашавӣ барои ҳаёт зарур аст. Он моро аз хатоҳои гузашта озод менамояд ва ба мо умед ба оянда медиҳад. Ба хотири бахшидан Исои Масеҳ ба Замин омад, то ки барои инсоният бимирад.

## Дуои бахшидашавӣ: ба шарофати Исои Масеҳ имконпазир шуд

Дуои бахшидашавӣ дуоест, ки мо назди Худо меоварем. Агарчи мо якдигарро меранҷонем, ҳамаи гуноҳҳову ҷиноятҳои мо пеш аз ҳама Худоро меранҷонанд. Шояд, Шумо фикр мекунед: “Ин чӣ тавр имкон дорад? Чӣ тавр гуноҳҳои мо Офаридгори тавонои оламро ранҷонда метавонанд? Магар ин барои Худо беаҳамият нест?” Дар Ҳастӣ 6 мо ошкор мекунем, ки Худи Худо аз ҳамаи он бадӣ, ки одамон ба якдигар мекарданд, ғамгин шуд: “Ва Парвардигор дид, ки бадкирдории одамизод дар замин бисёр аст, ва ҳамаи фикру андешаҳои дили ӯ ҳамеша фақат бад аст. Ва Парвардигор афсӯс хӯрд, ки одамизодро бар замин ба вуҷуд овард, ва дилаш ғамгин шуд” (Ҳастӣ 6:5-6).

Худои ҳамадон ҳатто аз фикр дар бораи бадӣ ғамгин мешавад. Ҳамин тариқ, бахшидашавӣ бояд пеш аз ҳама аз Худо биёяд. Лекин, аз боиси адолати Худо бахшидашавӣ бемузд дода шуда наметавонад. Худо довари одил аст, ва ҳар гуноҳ бояд ҷазо дода шавад. Исои Масеҳ дар салиби Ҷолҷолто ба ҷои мо мурд, то ки гуноҳҳои мо бахшида шаванд. Азобҳои Ӯ музд барои гуноҳҳо ва ҷиноятҳои мо шуданд. “Ин аст хуни Ман аз аҳди нав, ки барои бисёр касон баҳри бахшидани гуноҳҳо рехта мешавад” (Матто 26:28)

Бо муҳаббати Худ Худо медонист, ки виҷдони мо бояд аз айбдорӣ ва маҳкумият озод карда шавад. Ӯ медонист, ки бахшидашавии гуноҳҳо эҳтиёҷи асосии мост. Дар амали бузургтарини муҳаббат Худо натанҳо аз дарди гуноҳҳои мо азоб кашид, балки ҳамчунин барои натиҷаҳои он музд пардохт, то ки мо бахшида шуда тавонем, ҳатто ҳангоме ки мо гуноҳ мекунем. Ҳама коре ки мо бояд кунем, – қабул намудани атои бахшидани Ӯст.

## Дуои бахшидашавӣ: аз Худо бахшиш пурс

Эҳтимол, Шумо дар ҷустуҷӯи дуои бахшидашавӣ барои ором кардани ҷони азобкашандаи худ ба ин саҳифа дучор шудед. Ё, шояд, шахсеро, ки Шуморо сахт ранҷондааст, бахшиданӣ мешавед, аммо бе муваффақият. Ба ҳамаи онҳое ки Исои Масеҳро чун Худованд ва Наҷотдиҳандаи худ қабул кардаанд, бахшидашавӣ бемузд дода шудааст. Агар мо гуноҳҳои худро эътироф кунем ва бахшиш пурсем, Худо ҳатман моро мебахшад: “Агар мо гуноҳҳои худро эътироф кунем, Ӯ бовафо ва росткор аст, ки гуноҳҳои моро бахшад ва моро аз ҳар ноинсофӣ пок намояд” (1 Юҳанно 1:9).

Агар мо Исоро рад кунем, моҳиятан, мо атои илоҳии бахшиданро рад мекунем. Ҳамин тариқ, мо мегӯем, ки бо Худо оштӣ шудан намхоҳем (1 Юҳанно 1:10). Агарчи қабул накардани бахшидашавӣ аз Худо – қарори озодонаи мост, ба ҳар ҳол дар охири ҳаётамон барои ҳамаи гуноҳҳое ки ягон вақт содир намудаем, ба ҷавобгарӣ кашида мешавем. Худо хеле мехоҳад бо Шумо оштӣ шавад. "Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари ягонаи Худро дод, то ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, ҳалок нашавад, балки ҳаёти абадӣ ёбад" (Юҳанно 3:16). Агар Шумо ба таври ҳақиқӣ бахшида шудан хоҳед, дар хусуси он чи Исо гуфтааст, фикр кунед ва самимона Ӯро чун Худованд ва Наҷотдиҳандаи худ қабул намоед. Шумо бахшида мешавед, ва Худо дар ҳаёти Шумо кори дигаргункунандаро сар мекунад.

## Дуои бахшидашавӣ: ҳаёти навро қабул кун

Дуои бахшидашавӣ ба мо умеди нав ва ибтидои нав медиҳад. Ҳамаи гуноҳҳои моро Худо маҳв кардааст. "Чунки ба ноинсофиҳои онҳо раҳм мекунам ва гуноҳҳо ва бадиҳои онҳоро дигар ба ёд намеоварам" (*Ибриён 8:12*).

Агар Шумо мефаҳмед, ки гуноҳкор ҳастед, ва низ агар Шумо бовар мекунед, ки Исои Масеҳ чун ягона Бозхаридкунанда аз гуноҳ омад, пас, шумо дуои бахшидашавиро мефаҳмед. Масъала дар он аст, ки оё Шумо тайёред чунин дуо кунед? Оё Шумо тайёред атои илоҳии Писари Ӯ, Исои Масеҳро қабул намоед? Агар чунин бошад, пас ба Масеҳ имон оваред, аз гуноҳҳо тавба кунед ва тамоми ҳаёти боқимондаатонро ба Ӯ чун ба Худованд бахшед:

> *"Падари осмонӣ! Ман медонам, ки қонунҳои Туро вайрон мекардам, ва гуноҳҳоям маро аз Ту ҷудо кардаанд. Ман хеле афсӯс мехӯрам. Акнун ман мехоҳам аз ҳаёти пештараи гуноҳкоронаам рӯ гардонам, ман мехоҳам ба Ту рӯ оварам. Илтимос, маро бубахш ва ба ман ёрӣ деҳ; ки дигар гуноҳ накунам. Ман боварӣ дорам, ки Писари Ту, Исои Масеҳ, барои гуноҳҳои ман мурд ва аз мурдагон эҳё шуд. Ӯ зинда аст ва дуои маро мешунавад. Ман Исоро даъват менамоям, ки Худованди ҳаёти ман шавад ва аз ҳамин рӯз дар дили ман подшоҳӣ намуданро сар кунад. Илтимос, Рӯҳулқудси Худро бифирист, то Ӯ ба ман ёрӣ расонад, ки тамоми умр ба Ту итоат намоям ва хости Туро иҷро кунам. Ман ба номи Исо дуо мегӯям. Омин"*

"Тавба кунед, ва ҳар яке аз шумо ба номи Исои Масеҳ барои бахшидашавии гуноҳҳоятон таъмид гиред, ва атои Рӯҳулқудсро меёбед" (*Аъмол 2:38*).

Агар Шумо имрӯз қарор дода бошед, ки Исоро қабул менамоед – ба оилаи Худо хуш омадед. Китоби Муқаддас ба мо таълим медиҳад, ки мувофиқи вазифаи худ зиста, дар қарори пайравӣ намудан ба Исо устувор бошем.

- Таъмиди обӣ гиред, чунон ки Масеҳ фармудааст
- Боз ба ягон кас оид ба имони худ ба Масеҳ гӯед
- Ҳар рӯз бо Худо вақт гузаронед. Ҳатмӣ нест, ки ба ин вақти хеле зиёдро ҷудо кунед. Фақат дар худ одати ба Ӯ дуо гуфтан ва хондани Каломи Ӯро инкишоф диҳед. Аз Худо хоҳиш намоед, ки имонатонро ва фаҳмиши Китоби Муқаддасро зиёд кунад.
- Муоширатро бо дигар касоне ки ба Масеҳ имон доранд, биҷӯед. Дӯстони имондор ёбед, ки ба саволҳоятон ҷавоб додан ва Шуморо дастгирӣ кардан тавонанд.
- Ҷамоати маҳаллиеро ёбед, ки дар он ҷо Шумо Худоро парастиш карда тавонед.

**Оё Шумо имрӯз пайрави Масеҳ шудед?**

**Оё Шумо аллакай пайрави Масеҳ ҳастед?**

Шумо чӣ фикр доред? **–** Мо ҳама гуноҳ кардаем ва сазовори доварии Худо шудаем. Худо Падар Писари ягони Худро фиристод, то ки маҳкумияти касонеро, ки ба Ӯ имон доранд, ба Худ гирад. Исо – Офаридгор ва Писари абадии Худо – ки ҳаёти бегуноҳ ба сар бурдааст, моро чунон дӯст медорад, ки барои гуноҳҳои мо мурд, ҷазоро, ки мо сазовор будем, ба Худ гирифт, дафн карда шуд ва, мувофиқи Китоби Муқаддас, аз мурдагон эҳё шуд. Агар Шумо ҳақиқатан ба ин бовар кунед ва дили худро ба Исо супорида, Ӯро Худованд эълон намуда, чун Наҷотдиҳандаи худ қабул мекарда бошед, Шумо аз доварӣ наҷот меёбед ва абадиятро бо Худо дар осмонҳо мегузаронед.

**Ҷавоби Шумо чӣ гуна аст?**

Ҳа, имрӯз ман қарор медиҳам, ки Исоро пайравӣ намоям

Ҳа, ман аллакай пайрави Исо ҳастам

Ман ҳанӯз саволҳо дорам

# Дархости муаллиф

Китоби “Фавқуттабиӣ” – версияи мухтасари китоби муфассалтар, китоби академикии The Unseen Realm: Recovering the Supernatural Worldview of the Bible (Lexham Press, 2015) (Ҷаҳони нонамоён: Барқарор намудани ҷаҳонбинии фавқуттабиии Китоби Муқаддас) аст. Китоби Unseen Realm (“Ҷаҳони нонамоён”)-ро ба забони русӣ ба даст овардан мумкин аст.

Ман умедворам, ки китоби “Фавқуттабиӣ” барои Шумо ҳамчун илҳоми рӯҳӣ хизмат намуд. Ба шарофати ёрии саховатмандонаи молиявии касоне ки барояшон мундариҷаи ин китоб муҳим аст, ман метавонам ин китобро бепул паҳн намоям. Агар дар дуо тасдиқи ба ташкилоти «Miqlat» саҳмгузор буданро ба даст оваред, шумо ё ба воситаи саҳифаи miqlat.org, ё ба воситаи nakedbible.org ёрии молиявӣ расонида метавонед. Ҳамаи саҳмҳо ба чоп намудани нусхаҳои бепули китоби «Фавқуттабиӣ» сарф мешаванд.

Агар Шумо дар бораи он чи Китоби Муқаддас таълим медиҳад, маълумоти бештар пайдо карданӣ бошед, хоҳишмандем, ба саҳифаи мо drmsh.com дароед. Ҳамчунин Шумо метавонед ба подкасти “Naked Bible” дар саҳифаи nakedbiblepodcast.com номнавис шавед. Номи “Китоби Муқаддаси урён” онро ифода менамояд, ки ман мехоҳам фақат матни Китоби Муқаддасро таълим диҳам, бе филтрҳои анъанаҳои ҳозира, деноминатсияҳо, ва низ дигар филтрҳои динӣ.

Ҳангоме ки Шумо ба саҳифаи интернетии ман медарод, мебинед, ки ман ҳамчунин дар жанри фантастика менависам, то ки одамонро бо илоҳиётшиносии Китоби Муқаддас шинос кунам. Романҳои ман дар лаҳзаи додашуда –“The Façade” ва “The Portent” фақат ба забони русӣ ба воситаи Amazon.com дастрас мебошанд.